ISSN: 2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**ИЗДАНИЕ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**PUBLICATION OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**№ 4 (6), 2023**

**Душанбе – 2023**

*Маҷалла соли 2018 таъсис ёфтааст.*
*Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» – 77798*

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 253/МҶ-97 аз 21-уми июни соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла ба фехрасти маҷаллаву нашриҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва доктори илм дар онҳо бояд интишор гарданд, аз 2-юми июни соли 2023, бо фармоиши №136/м ворид гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи илмии электронӣ ҷойгир аст: http://elibrary.ru*

***Суроғаи редаксияи маҷалла:*** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Тел**: +(992 37) 233-55-19*
***E-mail**: maktabi_oli23@mail.ru*
***Сомонаи маҷалла**: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Сармуҳаррир:** Салихов Р.С.

**Муовини сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.

**Котиби масъул:** Одинаев А.Н.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**

Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

Сафарализода Х.Қ., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Шарипов И.З., Назаров У.Қ., Холиқов Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, Тоҷиев Э.И., номзади илмҳои таърих, дотсент, Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Саидов К.И.,Салимов Б.А.

**Муҳаррири матнҳо бо забони тоҷикӣ:** Саидов К.И.
**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Муҳаррири техникӣ:** Камолов С.А.

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

*Журнал основан в 2018 году*
*Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» – 77798*

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» был основан в 2018 году и выпускает четыре номера в течение года на таджикском, русском и английском языках.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под номером 253/МЖ-97 от 21 июня 2022 года.*

*Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук, согласно приказу №136/м от 2 июня 2023 года.*

***Юридический адрес редакции:** 734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан.*
***Тел:** +(992 37) 233-55-19*
***E-mail:** maktabi_oli23@mail.ru*
***Сайт журнала**: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Главный редактор**: Салихов Р.С.
**Заместитель главного редактора:** Абдуллоев А.А.
**Ответственный секретарь:** Одинаев А.Н.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., кандидат политических наук, доцент, Шарипов И.З., Назаров У.К., Халиков Ф.А., кандидат политических наук, Тоджиев Э.И., кандидат исторических наук, доцент, Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Саидов К.И., Салимов Б.А.

**Редактор текстов на таджикском языке:** Саидов К.И.
**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Технический редактор:** Камолов С.А.

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2023**

* *Взгляды редакционного состава могут не совпадать с мнением авторов. Авторы несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

***The journal was founded in 2018***
***Subscription index in the Postal Tajik catalog – 77798***

*The scientific and theoretical journal «Science and Security» was founded in 2018 and publishes four issues per year in Tajik, Russian, and English languages.*

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 253/МЖ-97 dated June 21, 2022.*

*The journal is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications in which the main scientific results of dissertations for the degrees of Doctor and Candidate of Sciences must be published, according to order №136/м dated June 2, 2023.*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:****734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
***Phone***: +(992 37) 233-55-19
**E-mail:** maktabi_oli23@mail.ru
**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**Chief Editor:** Salikhov R.S.

**Deputy Chief Editor:** Abdulloev A.A.

**Responsible secretary**: Odinaev A.N.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., candidate of political sciences, assistant professor, Sharipov I.Z., Nazarov U.K., Khalikov F.A., candidate of political sciences, Tojiev E.I., candidate of historical sciences, assistant professor, Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Saidov K.I., Salimov B.A.

**Editor of texts in Tajik language:** Saidov K.I.
**Editors of texts in Russian and English:** Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.
**Technical editor:** Kamolov S.A.

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2023**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

## МУНДАРИҶА

### ИЛМҲОИ СИЁСӢ

**1. ЯТИМОВ С.С.** ЭҲЁИ МИЛЛАТ – БАҚОИ ДАВЛАТ ....8

**2. ЯТИМОВ С.С.** БОЗЁФТ ВА ТАДҚИҚОТИ АРХЕОЛОГӢ – ШАКЛИ ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ....21

**3. ҒУЛОМОВА Ф.А.** САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ НАШЪАМАНДӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН ВА ТАҲДИДИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ....27

**4. МИРВАЙСОВ М. С.** БУҲРОНИ ҶАҲОНИИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРРАСОН ДАР ПЕШБУРДИ СИЁСАТ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПО ....34

**5. МАҲМАДЁРОВ Б.М.** ТАСНИФОТИ ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР ВА МУШКИЛОТИ МУҚОВИМАТ БА ОН....42

**6. ҲАКИМОВ Ҷ.А.** МАРҲИЛАИ ИБТИДОИИ ТАШАККУЛИ ТОЛИБИЗМ (СОЛҲОИ 1994-1996) ....55

**7. АБДУРАҲМОНОВ А.А., МИРЗОЕВ У.И.** ГЕОПОЛИТИКАИ ОБ ВА ИМКОНИЯТҲОИ БА ГИДРОГЕГЕМОН ТАБДИЛ ЁФТАНИ ТОҶИКИСТОН....63

**8. ЮСУПОВ Ф.Ф.** МОҲИЯТИ ТАШКИЛОТИ ТЕРРОРИСТӢ-ЭКСТРЕМИСТИИ «ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМ» ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ......68

9. **ИСОБОБОЕВ Ҷ.А.** ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ НИЗОИ САРҲАДӢ.......77

### ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ

**10. АМИНОВ Ф.А.** ИРРАТСИОНАЛИЗМ ВА МЕТАФИЗИКАИ А. ШОПЕНГАУЭР ҲАМЧУН ТАНҚИДИ ФАЛСАФАИ КЛАССИКИИ ОЛМОН....84

**11. РАМАЗОНИЁН А.Б.** АХЛОҚИ ТИББӢ ДАР НИЗОМИ АХЛОҚИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ....93

### ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ

**12. САЛИХОВ Р.С.** МАЗМУНИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ-СИЁСӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МАФҲУМИ ОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ...........97

**13. ҲАЙДАРЗОДА М.П.** ХАВФИ ҶАМЪИЯТИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ПАЁМАДҲОИ ДАҲШАТБОРИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР....104

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**1. ЯТИМОВ С.С.** ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИИ – УСТОЙЧИВОСТЬ ГОСУДАРСТВА 8

**2. ЯТИМОВ С.С.** АРХЕОЛОГИЧЕСКИЕ НАХОДКИ И ИССЛЕДОВАНИЯ – ФОРМА ОТРАЖЕНИЯ ИСТОРИЧЕСКОЙ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ ……………..21

**3. ГУЛОМОВА Ф.А.** ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ НАРКОЗАВИСИМОСТИ СРЕДИ МОЛОДЁЖИ И ЕЁ УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........27

**4. МИРВАЙСОВ М.С.** МИРОВОЙ КРИЗИС МИГРАЦИИ КАК ФАКТОР ВЛИЯНИЯ НА ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ПОЛИТИКИ В ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАНАХ ........ 34

**5. МАХМАДЁРОВ Б.М.** КЛАССИФИКАЦИЯ СОВРЕМЕННОГО ТЕРРОРИЗМА И ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕМУ ........42

**6. ХАКИМОВ ДЖ.А.** НАЧАЛЬНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТАЛИБИЗМА (1994-1996 годы) ........55

**7. АБДУРАХМАНОВ А.А., МИРЗОЕВ У.И.** ВОДНАЯ ГЕОПОЛИТИКА И ВОЗМОЖНОСТИ ПРЕОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ГИДРОГЕГЕМОНА ........63

**8. ЮСУПОВ Ф.Ф.** СУЩНОСТЬ ТЕРРОРИСТИЧЕСКО-ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ «ПАРТИЯ ИСЛАМСКОГО ВОЗРОЖДЕНИЯ» КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЯВЛЕНИЯ ........68

**9. ИСОБОБОЕВ Ж.А.** К ВОПРОСУ О РЕГУЛИРОВАНИИ ПОГРАНИЧНОГО КОНФЛИКТА ........77

### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**10. АМИНОВ Ф.А.** ИРРАЦИОНАЛИЗМ И МЕТАФИЗИКА А.ШОПЕНГАУЭРА КАК КРИТИКА НЕМЕЦКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ФИЛОСОФИИ........84

**11. РАМАЗОНИЁН А.Б.** МЕДИЦИНСКАЯ ЭТИКА В ЭТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ АБУАЛИ ИБН СИНО ........93

### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**12. САЛИХОВ Р.С.** СОДЕРЖАНИЕ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ И ЕГО ПОНЯТИЕ В НАЦИОНАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ........97

**13. ХАЙДАРЗОДА М.П.** ОБЩЕСТВЕННАЯ ОПАСНОСТЬ ЭКСТРЕМИЗМА И ЕГО ТЯЖКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ ........104

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCES

**1. YATIMOV S.S.** REVIVAL OF THE NATION – STABILITY OF THE STATE ..........8

**2. YATIMOV S.S.** ARCHEOLOGICAL DISCOVERY AND RESEARCH – FORM REFLECTION OF HISTORICAL REALITY..................................................21

**3. GULOMOVA F.A.** REASONS OF DRUG ORIGIN ABUSE AMONG YOUTH AND ITS THREAT TO NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN............27

**4. MIRVAYSOV M.S.** THE GLOBAL MIGRATION CRISIS AS AN INFLUENCING FACTOR IN THE IMPLEMENTATION OF POLICIES IN EUROPEAN COUNTRIE..........................................................................................34

**5. MAHMADYOROV B.M.** CLASSIFICATIONS OF MODERN TERRORISM AND THE PROBLEM OF RESISTENCE WITH IT..........................................42

**6. HAKIMOV J.A.** THE FIRST STAGES OF TALIBIZM FORMING (1994-1996) ......55

**7. ABDURAKHMANOV A.A., MIRZOEV U.I.** WATER GEOPOLITICS AND OPPORTUNITIES FOR TRANSFORMING TAJIKISTAN INTO HYDROGEGEMON ..........................................................................................63

**8. YUSUPOV F.F.** ESSENCE TERRORISTIC AND EXTREMIST ORGANIZATION OF «ENASCENCE ISLAMIC PARTY» AS A POLITICAL-SOCIAL PHENOMENON ..........................................................................................68

**9. ISOBOBOEV J.A.** ON THE ISSUE OF REGULATING THE BORDER CONFLICT ..........................................................................................77

## PHILOSOPHY SCIENCES

**10. AMINOV F.A.** IRRATIONALISM AND METAPHYSICS OF A. SCHOPENHAUER AS A CRITICISM OF GERMAN CLASSICAL PHILOSOPHY…84

**11. RAMAZONIYON A.B.** MEDICAL ETHICS IN THE ETHICAL SYSTEM OF ABUALI IBN SINO..........................................................................93

## LEGAL SCIENCES

**12. SALIKHOV R.S.** THE CONTENT OF RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM IN INTERNATIONAL LAW AND ITS CONCEPT IN NATIONAL LEGISLATION ..........................................................................97

**13. HAYDARZODA M.P.** THE PUBLIC DANGER OF EXTREMISM AND ITS TERRIBLE CONSEQUENCES IN MODERN TIMES.......................................104

ИЛМҲОИ СИЁСӢ – ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ – POLITICAL SCIENCES

УДК: 323.1 (575.3)

# ЭҲЁИ МИЛЛАТ – БАҚОИ МИЛЛАТ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрам ва хеле ҳалталаби ҷомеа – бархӯрди манфиатҳо дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ ва мухолифатҳои шадиди маънавиёти муосир ва дарёфти роҳи наҷот аз таассубу хурофоти барои миллат марговар бахшида шудааст. Муаллиф дар ҳошияи ин муқовиматҳо роҳи ягонаи ҳифзу наҷоти пояҳои сохти конститутсионӣ ва арзишҳои давлатдории миллиро дар амалӣ сохтани роҳнамоиҳо ва даъватҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба муҳтаво ва ҳаракати Эҳёи миллати тоҷик мебинад.*

***Калидвожаҳо**: миллат, давлат, Истиқлол, ҷаҳонбинии илмӣ, давлати миллӣ, арзишҳо, бархӯрди манфиатҳо, мубориза бо таассубу хурофот, маориф, давраи Эҳё, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, маънавиёт, амният ва суботи ҷомеа.*

# ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИИ – УСТОЙЧИВОСТЬ ГОСУДАРСТВА

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*Данная статья посвящена одной из самых актуальных и трудноразрешимых проблем общества – столкновению интересов в сложных условиях глобализации и острых противоречий современной духовности, поиску путей спасения нации от предрассудков и суеверий. Автор в рамках этих конфликтов видит единственный путь защиты и сохранения основ конституционного строя и ценностей национальной государственности в реализации установок и призывов Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона о сущности и ходе Возрождения таджикской нации.*

***Ключевые слова:** нация, государство, Независимость, научное мировоззрение, национальное государство, ценности, конфликт интересов, борьба с предрассудками и суевериями, образование, эпоха Возрождения, самосознание, национальное самопознание, духовность, безопасность и стабильность общества.*

# REVIVAL OF THE NATION – STABILITY OF THE STATE

**YATIMOV S.S.**
*Doctor of political science, corresponding member of National Academy of science of Tajikistan*

*This article is devoted to one of the most pressing and intractable problems of society - the clash of interests in the difficult conditions of globalization and acute contradictions of modern spirituality and the search for ways to save the nation from prejudices and superstitions. Within the framework of these resistance, the author sees the only way to protect and preserve the foundations of the constitutional system and the values of national statehood in the implementation of the guidelines and calls of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon on the content and course of the Revival of the Tajik nation.*

***Key words:*** *nation, state, Independence, scientific worldview, national state, values, conflict of interests, fight against prejudices and superstitions, education, Renaissance, self-awareness, national self-knowledge, spirituality, security and stability of society.*

Зуҳури инсон дар табиат падидаи фавқулода ва истисноист. Зеро он ягона мавҷудоти соҳибшуур мебошад, ки чунин афзалиятро тавассути забон ва амали мувофиқ ба муҳтавои майнаи хеш, мақсаднок, бо дарназардошти оқибати кирдори содиркардааш ва дарки фаҳми натиҷаи он ба намоиш мегузорад.

Таъйиноти мантиқӣ ва моҳиятии фарди бохирад, таҳаввул ва такомули муҳиту ашё ба манфиати таъмини амният, офият, рушд ва пешрафти ҷомеа аст. Чунин талабот дар раҳи рост ва ба тарзи одӣ ба вуҷуд наомадааст. Он натиҷаи мураккабтарин ҷараёнҳои диалектикиест, ки ҳамчун маҳсули ҳазорсолаҳо дар шакли имрӯза муаррифӣ мегарданд.

Таърихи инсоният, дар маҷмуъ, таърихи сулҳ нест. Таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон мебошад.

Сабаби аслии чунин вазъи тезутундӣ, мутаассифона, устувор ва поянда дар давоми асрҳо он аст, ки мардуми олам бо ҳам, асосан, ба як забон гап мезананд. Онро забони манфиат мегӯянд.

Маҳз аз рӯйи ҳамин «забон», одамон ба гурӯҳҳо, ҳизбҳо, синфҳо, ҳукуматҳо, давлатҳо, ахиран созмонҳо, блокҳо ва гурӯҳи давлатҳо ҷудо мешаванд.

Мавзуи рисолаи моро кӯшиши таҳлил ва арзёбии нақши давлат (1) дар доираи таҳаввулоти таърихӣ ва муосир дар масъалаи ҷаҳонбинӣ (2) бо назардошти категорияи манфиат (3) дар бар мегирад.

## ДАВЛАТ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҶАҲОНБИНӢ

Ба таъсиси давлат вақте зарурат пайдо мешавад, ки ниёзҳои ҷомеа барои низоми муайяни идоракунӣ ба хотири таъмини амният, рушди пойдори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба тарзи муташаккил ва моҳиятан аломатҳои устувори қонунмандӣ мегиранд. Вазифаи асосии давлат таъмин намудани зиндагии осоиштаи ҷомеа дар асоси дифферентсиатсия, тақсимоти салоҳият, таъйини меъёрҳои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

Истилоҳоти «давлат» ва «истиқлол» ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ тавъам ва аз ҳам ҷудонопазир мебошанд.

Худи «давлат» мафҳуми воқеӣ, объективӣ ва илмӣ аст. Дар фазо ва вақт ба сифати организми зинда ҳузур мекунад. Хосияти яклухтӣ, мухторӣ ва озодманишӣ дорад. Аммо чунин тарзи мавҷудият, ҳамзамон, аз чанд омили ҳаётан муҳим вобаста аст. Бо инкор кардан, зери шубҳа гузоштан, рахна ворид намудан ба яке аз онҳо система, сохтор ва функсияҳои давлат, дар умум, фалаҷ мегарданд. Ва оқибат худи он чун организми мураккаби ҷомеа рӯ ба шикаст меорад.

Яке аз ин ҷанбаҳо муҳтаво ва сохтори ҷаҳонбинии мардуми кишвар мебошад. Он ҷабҳаи мураккаб, нозук ва осебпазири давлатдорӣ аст.

Дар доираи муҳтавои шуур, ҷаҳонбинии сиёсӣ шакли фаҳмидан, дарк кардан, аз лиҳози маънавӣ ворид гаштан ба арзишҳои муассисаи сиёсии ҳукмрони ҷомеа, ба тарзи амалӣ, руҳӣ аз худ кардани моҳияти идораи давлат аст.

Ҷаҳонбинии сиёсӣ воситаи дарки ҳақиқати ҳаётии давлатдорӣ, ташаккули муносибати шаҳрванд ба сохти сиёсӣ тавассути арзишҳои бунёдии он, муҳимтарин воситаи ба танзим даровардани муҳтавои алоқамандии давлат ва ҷомеа дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои якдигар мебошад.

Мувофиқати муҳтавои ҷаҳонбинии омма ба сохти давлатдорӣ ҳамчун замонати бардавомӣ, устувории сиёсӣ ва итминони аҳолии мамлакат, кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нисбат ба пешгӯйӣ ваояндасозии маҷмуи муносибатҳо дар қаламрави давлат ба ҳисоб гирифта мешавад.

Сохти идораи давлати миллӣ, ки маҳз ба хотири он кишвар номниҳод гаштааст, натиҷаи изҳори озоди иродаи халқ эътироф шудааст, бо кулли имконот ҳуқуқ ва

ухдадории интихоб, коркард, пуштибонӣ ва пешбурди ҷаҳонбинии мувофиқ ба низоми конститутсиониро дорад. Хунукназарӣ, духӯрагӣ, саҳлнигарӣ дар мавриди муайянкунандагӣ, ҳимоя ва амалкарди ҷаҳонбинии сиёсӣ, маънои ба буҳрон ворид кардани давлат ва зери суол бурдани онро дар назар дорад. Таҷрибаи байналхалқӣ ҳам ҳамин хулосаро исбот мекунад.

## ДАРКИ ВОҚЕИИ МАНФИАТ

Ҷаҳонбинии миллӣ дар давлати миллӣ ягона мафҳуми заминӣ, воқеӣ, материалӣ ва арзишманд аст. Муҳтавои онро миллат, давлатдории миллӣ ва сиёсати амалӣ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ муайян мекунанд. Дар маркази баҳси маънавиёти миллӣ ҳам манфиат меистад.

Ҳангоми муҳокимаронӣ дар масъалаи баҳси манфиатҳо он нукта муҳим аст, ки кадом гурӯҳ чӣ гуна арзишҳоро ҳимоя мекунад. Ва ин арзишҳо манфиати кадом табақа, гурӯҳҳои иҷтимоиро дар назар доранд ва ташвиқу тарғиб менамоянд. Агар давлат бо номи миллат арзи вуҷуд дошта бошад, дар маҷмуъ, муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии мардум чанд ҳиссаи манфиатҳои миллӣ *(хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, эҳсоси садоқат ба Ватани аҷдодӣ ва ҳимоят аз он, тамаддун ва фарҳанги миллӣ, анъана, урфу одат ва расму русуми миллӣ)*-ро ифода мекунад?

Ин мафҳуми калидиро гурӯҳҳо, табақаҳои сиёсӣ, алалхусус, пешоҳангони хурофоту таассуб чӣ тавр асоснок мекунанд?

Ба хотири воқеъбинӣ, истиснои раҳгумиву ғафлатзадагӣ ва ояндабинӣ бояд донист, ки таносуби ҷаҳонбинии миллӣ ва дар муқобили он дидгоҳи таассубу хурофот ва эҳсоси бегонапарастӣ дар ҷомеаи имрӯза чӣ гуна аст?

Ва агар дониста бошем, номутаносибии ҷаҳонбиниро бар зарари меъёрҳои конститутсионӣ сабаб чист? Ва чӣ бояд кард?

Мутаассифона, таҷрибаи таърихии мардуми олам нишон медиҳад, ки инсонҳо на танҳо аз лиҳози антропологӣ ва генетикиву физиологӣ, балки аз ҷиҳати руҳию равонӣ, дараҷа, сифат ва умқи фикррони, дар муносибат бо имкони дарки воқеияти ҳастӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Аммо донишандӯзӣ, маърифатнокӣ, кӯшиши донистани ҳақиқати олам, баҳрагирии муқоисавӣ аз таҷрибаи рӯзгор, омилҳои тарбиявӣ метавонад тасаввуроти табақаҳои гуногуни ҷомеаро ба шинохти баробарвазни раванд ва оқибати вазъ наздик кунад.

Маълум аст, ки решаи калимаи манфиат «*нафъ*» *(фоида)* аст. Дар адабиёти сиёсӣ ин мафҳум тавассути сухани лотинии «*interest*» ифода мегардад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он «*муҳим*», «*зарур*» буданро мефаҳмонад. «Интерес» ифодакунандаи истилоҳи «иқтисодӣ», «арзишӣ» аст. Чизе, ки маънии ҳамсанги молӣ, моддӣ дорад, дар назар дошта мешавад.

Таҳлили тамоми рӯйдодҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки аз одӣ то мураккаб – кӯшишҳои афрод, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, ҳизбҳо, синфҳо, давлатҳо қатъиян дар доираи манфиат амалӣ карда мешаванд. Дар маркази дарки ҳамин гуна манфиатҳо, сарфи назар аз шакли тафсир ва муаррифии онҳо, тавре хотирнишон шуд, арзишҳои моддӣ, материалӣ, иқтисодӣ, яъне фоида меистанд. Дар ин маврид, фарзияи дигар вуҷуд надорад. Дошта ҳам наметавонад. Масалан, агар бар ивази дуои мулло, дуои хубтар аз он ба ӯ дода шавад, шубҳаовар аст, ки шахси руҳонӣ аз ин амал қаноатманд гардад.

Ҳамин тариқ, дар доираи муносиботи сиёсӣ «манфиат» гуфта, маҷмуи воқеияти реалӣ – ашёи моддӣ, арзишманд, назария, таҷрибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва фарҳангиро меноманд, ки ахиран, ба субот, рушди иқтисодӣ ва имконоти мудофиавии кишвар дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

Аз ин лиҳоз, эътиқод, тасаввур, хаёлот, орзуву ормони ғайриилмӣ, таассуб, хурофот, фанатизм, дилбастагӣ ба мавҳумот ва абстраксия наметавонанд ҷойгоҳи ***манфиатро*** ивaз кунанд.

Дар доираи фаҳми категорияи манфиат ҳар қадар дур рафтан, фосила гирифтан аз арзишҳои иқтисодӣ, моддӣ, молӣ, материалӣ, заминӣ, ҳамон қадар маънои наздик шудан ба камхирадӣ, таассуб, раҳгумзадагӣ, дурӯғ ва фиребро дорад.

Бо чунин каромоти ҷаҳонбинии кӯркӯрона, ки гӯё метавонад ҷомеа ё ҳадди ақал як фардро хушбахт кунад, аз эътиқодмандони одӣ, сода, қаторӣ, гумроҳ сар карда, то террористони худкуш, ба завқи чашидани «шаҳди шаҳодат» бовар мекунанд.

Шахси соҳибмаърифат ва боандеша ин ақидаҳоро ботил мешуморад.

Аммо «ба нохун роҳ дар хоро буридан, фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор басе осонтар» аз бозсозӣ ва дигаргун сохтани шуури онҳоест, ки гирифтори ҳамин тарзи ҷаҳонбинии устуравӣ (мифологӣ) ва бедалел ҳастанд.

Ана, ҳамин аст дастоварди бузурги воқеӣ ва таърихии ононе, ки **мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро як умр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти мубаризаи худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд.** Аз дур мусулмононро наззора ва идора кунанд. Боз бо истифодаи маводи зинда бо номи одам дар масири идораи олам барномаҳои дигар омода созанд. Манфиатҳои навбатӣ ва беохири худро думбол кунанд.

Муваффақияти дуюм ва дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси Тоҷик будан, Тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми Миллат, Ватан ва Ватандорӣ нобуд месозад. Ба сифр мубаддал мегардонад. Ҳамчун лашкари бепул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад.

Аз ин намунаҳо дар мисолҳои таърихӣ ва давраи муосири воқеии Тоҷикистон ва кишвари ҳамсояи он ҳазоронанд.

Аз ин лиҳоз, дарки манфиат, аз ҷумла, манофеи миллӣ муҳимтарин вазифаи маорифи саросарии кишвар, воситаи моил намудани омма ба арзишҳои тамаддунӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ба ин восита пешгирӣ кардани бархӯрди омма бо хатари эҳтимолии фоҷиаи умумимиллӣ мебошад.

Фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷа раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, ҷилвагар шудани номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад. Самтгирии наврасону ҷавононро ҷониби ҷодаи шикасти манзалат ва маънавиёти миллӣ меафзояд. Пояҳои давлати миллиро ноустувор месозад. Ояндаи давлатдории миллӣ ва сулҳу суботи кишварро зери суол мебарад.

## ЭЪТИМОДНОКИИ СУБОТ

Барои ояндабинии системаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар давлатҳои ба мо маълум, сохтор, меъёр ва мафҳумҳое истифода мешаванд, ки сифатҳои устувории сохти конститутсиониро дар лаҳзаҳои буҳронӣ назорат мекунанд, ба инобат мегиранд ва ба он кафолат медиҳанд.

Аз сӯйи дигар, давлати мо дар оилаи бузурги халқҳо зиндагӣ мекунад. Ва ҳаёти он аз ***системаи ягонаи амнияти байналхалқӣ*** низ вобастагӣ дорад. Аммо афсӯс, ки **«ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст» [7].**

Ҳамчунон, **«таҷриба ва таърих меомӯзад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо ягон вақт, ягон чизро аз таърих наомӯхтаанд ва тибқи намунаҳое, ки бояд аз он сабақ мегирифтанд, амал накардаанд» [2]**.

Идомаи ҳолати устувори фоҷиабарангезии тақдири умумибашариро сабаб ҳамин аст.

**Дар ҳама давру замон масъулияти таъмини системаи амният ва суботи ҷомеа бар дӯши давлат аст. Онро ҳамчун организми ягонаи зиндаи миллат дар фазо ва вақт донистан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар маҷмуи ягонаи созмонҳои байналхалқии минтақавӣ ва**

**универсалӣ субъекти дигаре, ки кафолати оромӣ ва осудагии як давлати дигарро диҳад, вуҷуд надорад.**

Маҳз ба ҳамин хотир, барои таъмини эътимодбахши суботи ҷомеа механизмҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, идеологии дохилидавлатие бояд амал кунанд, ки замонати худро дар лаҳзаҳои фавқулодаи дохилӣ ва берунӣ барои таъмини амнияти давлат устуворона нишон диҳанд.

## НАМУНАИ ТАЪРИХИИ ЭҲЁИ МИЛЛӢ

Чун тамоми рӯйдодҳои олам маҳсули амали мақсадноки Инсонанд, бознигарӣ ва беҳбуд бахшидани ҳаёти Одам, муттасил комил гардонидани дониш, хирад ва фаросати ӯ муҳимтарин вазифаи мардуми солимфикр мебошад.

Барои хосияти устувор бахшидан ба идораи давлат ва сохти давлатдорӣ, миллатҳои пешқадам ва ҳушманди олам аз худ намунаи рафторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ нишон додаанд. Ин таҷриба лоиқи пажӯҳиш, омӯзиш, арзёбӣ ва пайравӣ аст.

Яке аз чунин гардишҳои бузурги Дунёи Куҳан, Даврони Эҳё мебошад.

**Аврупо бо ин бузургӣ Даврони Эҳёи худро ҳафтсад сол (!) қабл, дар нимаи дуюми асри XIV оғоз кард.**

Мақсади аслии ин таҳаввулот ба замон, талабот, ниёзҳои рӯзафзуни иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон мувофиқ кунонидани ҷаҳонбинӣ – ҳолати руҳӣ, равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва маънавии ҷомеа тавассути инқилоб дар соҳаи маориф, илму техника, фарҳанг ва маданият ба ҳисоб мерафт.

**Эҳёи миллии Аврупоро сабаб он буд, ки аз замони салтанати Масеҳият – дини насронӣ, наздик ба якуним ҳазор сол мегузашт. Талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хостори таҳаввулот ва пешравӣ буданд. Ин ниёзмандиҳо ба манфиати руҳониён, калисо созгор намеомад. Дар шароити Ақлсолорӣ, Хирадгароӣ, Тақдирнописандӣ, пешрафти илму техника, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллии мардум, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафсири ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури руҳоният комилан мувофиқат намекард, ин тоифа обрӯ, нуфуз, оқибат ҳукумат – манфиати худро аз даст медод.**

Тарзе хотирнишон гардид, низоми динӣ, ки якуним ҳазор сол қабл тавлид ва тавассути ҷангҳои салибӣ устувор шуда буд, бо гузашти асрҳо, бо таҳаввулот ва талаботи зиндагии нав дар тазод ва низои воқеӣ ворид гашт. Натиҷаи ин гуна нофаҳмиҳо байни руҳонияти мусаллаҳ бо ҷаҳонбинии ба муддати садсолаҳо ақибмонда ва зиёиён, мардуми тараққихоҳ, воқеънигар ва нававар бо қатлу куштор ва террори охириҳо анҷом меёфт.

Аз лиҳози дигар, синфи соҳибтафаккур ва барои тақдири таърихии миллати хеш эҳсоси масъулиятдоштаи Аврупо **ҳолати рукуд, тангу тори хурофотии асримиёнагиро барои инсонҳо як навъ зиндони яхбастаи иртиҷоии бадбахтиҳои мардумӣ, замони тантанаи ҷаҳолат, нодонӣ ва навъи ваҳшоният номида, ин асрҳоро сифр, танаффуси хафақоновар дар тӯли ҳаёти бебозгашти инсонҳо, инкори зиндагӣ ва ситамгарӣ ном бурданд.** Хостанд ба ақибмондагӣ ва ҳолати ба бунбаст гирифторшудаи афкор ва аъмоли ҷомеа **додгустарии хирадмандона** намоянд. Ба он хотима бахшанд. Фаҳмиш, дарк, назария ва амалияеро, ки бо истилоҳи ба ном **«ҳаёти асримиёнагӣ»** машҳур буд, ба шикасту нобудӣ расонанд. Ҳамин тариқ, нақши таърихии хеш – пешсаф ва равшангари тақдири мардумӣ буданро исбот намоянд.

Тавре маълум аст, равияи Эҳё зиёда аз ду асрро дар бар гирифт. Дар ин давра дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа инқилоби маънавӣ ба вуқуъ пайваст: **ба ҷараёнҳои тафаккури ифротии динӣ, ваҳшатгароӣ, хурофотпарастӣ хотима дода шуд (1); раванди авҷ гирифтани гароиши оммаи мардум ба зулмоти асримиёнагӣ – илмситезии хушунатомез қатъ гардид (2); дар илмҳои табиатшиносӣ ва технология, фалсафа, педагогика ва маориф, санъати меъморӣ, архитектура, театр ва мусиқӣ дигаргуниҳои бунёдӣ роҳандозӣ шуданд (3).**

Таърихнигорони Ғарб ин таҳаввулотро **нуқтагузорӣ ба ҳаёти асримиёнагӣ** ва оғози давраи нави ҳаёти Дунёи Куҳан ном мебаранд.

Истифодаи истилоҳи «Эҳё», албатта, ба моҳияти кулли ҳодисаҳое, ки ҷомеаи Аврупоро фаро мегирифтанд, мувофиқати пурра надошт. **Аммо мақсад аз чунин ном гирифтани ҳаракат, кӯшиши пайдо кардани нуқтаи такягоҳи таърихӣ – маънавӣ ба ҳисоб мерафт.** Зарур буд, ки як заминаи устувори бунёдӣ интихоб ва эълон гардад, то барои хоссу ом ангезаҳои ҷунбиши навсозии зиддихурофотӣ асоснок ва фаҳмо бошад.

Баъдан таърих исбот кард, ки чунин тарзи интихоби шаклгирии ҳаракат барои эҳёи миллӣ беҳтарин воситаи сулҳомези мубориза барои расидан ба мақсади ниҳоӣ, рушду тараққии мамлакатҳои Аврупо буд. Ба тарзи дигар, даврони Эҳё замони шикасти зиндагии тарзе ки худи ташаббускорони ин маъракаи бузурги азнавсозии олам ном мебурданд, **«ваҳшонияти асримиёнагӣ»** ва оғози даврони ҳаёти нав маҳсуб гардид.

Аз нигоҳи илмӣ, даврони Эҳё зарурати таърихии нобуд сохтани қолаби кӯҳна, озод кардани майнаи аз таъсири хурофот шахшудамонда ва ба хатари барои ҷомеа марговар мубаддалгаштаи таассуб, маърифатситезии «аксарият» дар қиболи «ақаллият»-и озодандеш буд.

**Чун олимони Даврони Эҳё аз мардуми ҳушманди замони худ буданд ва масъулияти ба дӯши онҳо гузоштаашударо хуб эҳсос мекарданд, инқилоби хешро аз ҷодаи илм, маориф, адабиёту санъат, аз «тарҳи нав дарандохтан» дар ҷаҳонбинии мардум оғоз карданд.**

Зиёиёни эҳёгари воқеан рӯйинтан ва созанда муътақид буданд, ки **маҷмуи ҷаҳонбиниҳои пешрафтаи башарӣ** доир ба олам, одам, табиат ва умуман ҳастӣ қудрати ифодаи ҷанбаҳои моҳиятии тарзи зисти инсонро доранд. Гузашта аз ин, ин донишҳо воситаи тағйири сифатии воқеияти зиндагӣ мебошанд.

Ташаббускорони Даврони Эҳё ҳамчунон хуб дарк мекарданд, барои ҷомеае, ки пешрафти иқтисодиёт ва дараҷаи тараққии ҳаёти иҷтимоии он ниёз ба таҳаввулоти инқилобӣ дорад, сохтор, муҳтаво ва сифати ҷаҳонбинии омма нисбат ба механизм ва мантиқи рушди иҷтимоӣ, мебояд дар таносуби пурра бошад.

**Ҳамзамон бо ин, эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки бидуни сохтани давлати миллӣ, ки манфиатҳои заминии миллат ва давлатро таъмин карда тавонад, ташкили зиндагии шарафмандонаи ҷомеа ғайриимкон аст.**

**Худи истилоҳи «миллат» ва «давлати миллӣ» аз лиҳози мантиқ мафҳумҳои илмӣ, дунявӣ, воқеӣ, тараққиниҳод ва заминӣ ҳастанд. Мустақилияти сиёсӣ, рушд ва пешрафтро дар доираи манфиатҳои миллат дар назар доранд.**

Яъне, мафҳумҳои рушд ва зиндагии шоиста бо моҳияти давлати миллӣ тавъаманд. Дар он ҷаҳонбинии сиёсӣ, бадеӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба манфиати миллат хизмат мекунад. Дар роҳи инкишофи устувори миллӣ якдигарро пурра мегардонад. Кумак менамояд.

**Саромадони Даврони Эҳё таъкид мекарданд, ки тараққиёт ва суботи ҷомеа наметавонад бидуни ҷаҳонбинӣ, маънавиёти сиёсии илман асоснокгардида ва дар таҷриба санҷидашуда, пешрав, пешсаф ва баранда бошад.**

Онҳо масъалагузорӣ мекарданд, ки давлати миллӣ ба маҷмуи ҷаҳонбиниҳои илман асосноккардашуда, ки талаботи тамоюли воқеии иҷтимоиро қонеъ карда тавонад, зарурати шадид дорад. Ва муҳимтар аз ҳама, ин ҷаҳонбинӣ дар муқобили тамоми равияҳои мафкуравии иртиҷоӣ ва хурофотие, ки пеши роҳи мақсадҳои бунёдии давлати бо ном ва ба хотири миллат асосёфтаро мегиранд, истодагарӣ намояд.

Албатта, масъалаи марказии Даврони Эҳёи миллӣ масъалаи мафкураи динӣ буд. Зеро дин қисми таркибии ҷаҳонбинии халқу миллатҳо маҳсуб мегардид. Аммо Эҳёгарон дарк намуданд, ки танҳо аз дастҳо сӯйи осмон ва саҷда кардан ба Папаи Рим масъалаи истиқлоли миллат ва рушду тараққии давлат ҳаллу фасл намешавад. **Барои ҳамин, дар Даврони Эҳё истилоҳи гуманизм (*аз калимаи лотинӣ – одамӣ, инсонӣ*) ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи манфиати ягона мавҷуди бошуур, соҳиби ақлу заковат ва илму маърифати олам – одам истифода мешуд.**

Маҳз дар ҳамин давра, **зиёиёни бозпаснигари ояндабин** дар бораи фош кардани муқаддасоту саҷдагоҳҳои бидуни эътимоди маънавӣ ва таърихӣ, ки хурофотпарастон барои нигаҳдории обрӯйи сохта, манзалат ва таъсири худ асрҳо боз фикр карда

баroварда, аз «ҳисоб»-и онҳо рӯзгузаронии худро таъмин мекарданд, бо истифода аз абзори нарм – тавассути имконоти адабиёту санъат ва фарҳанг ифшо намуда, ба ивази он санъати воқеии миллӣ, маҳсули Ақл ва дидгоҳи одамиро ба намоиш гузоштанд. Бепоягии урфу одат ва анъанаҳои бофтабаровардаи хурофотпарастонро мавриди ошкорбаёнии мубоҳисавӣ қарор дода, зарурати сарфи назар кардан аз онҳоро ба оммаи мардум фаҳмониданд.

Баъдан, бо гузашти солҳо, олимони машҳури асрҳои XVIII-XIX Аврупо хизматҳои ҳаётбахш ва таърихии зиёиён, баёнгарони азамати руҳ ва халлоқияти тавонои Даврони Эҳёро бо сипоси зиёд ёдовар шуда, гаштаву баргашта таъкид намуданд: **«Дар назди Ғарби ба шигифтафтода, ҷаҳони нав кушода шуд – Юнони Қадим. Дар пеши образҳои шуълапоши он арвоҳҳои асримиёнагӣ аз байн рафтанд. Гӯё ки аз нав сайёраи Замин кашф шуда бошад, ба ҳукумати руҳонии калисо шикаст ворид гардид..., ин бузургтарин инқилоби тараққихоҳӣ дар тӯли ҳаёти инсонӣ, дар кулли давраҳои азсаргузаронидаи одамӣ буд, ки ниёз ба мутафаккирони бузург дошт ва шароит фароҳам оварда шуд чунин нобиғаҳои илму маърифат тавлид шаванд, ки аз лиҳози қудрат кӯҳсутуне бошанд бо хислатҳои бузурги донишҳои ҳамагонии ҷаҳоншиносӣ ва хиради фарогир» [9]**.

Даврони Эҳё ба мафҳумҳои воқеӣ ва сиёсии Забон, Миллат, Ватан ва ватандорӣ асос гузошт. Руҳи мардум ба манфиатҳои заминӣ, марзу бум, рушду тараққии сарзамини аҷдодӣ мутаваҷҷеҳ гардид. **Юғи бегонапарастӣ, саҷда овардан ба муқаддасоти ғайримиллӣ, космополитикӣ аз гардани мардуми авом бардошта шуд. Акнун ҳар намояндаи миллатҳои аврупоӣ аз кишвари худ, аз миллати худ, аз қаҳрамонҳои миллии худ ифтихор мекард. Маҳз онҳоро тараннум менамуд. Барои наслҳо ҳамчун намунаи рафтор ташвиқу тарғиб мекард.**

Беҳтарин натиҷаи Даврони Эҳё эҳсос ва тамоюли бузурги омма ҳамчун миллатҳои зери таъсири сиёсат, адабиёт, фарҳанг ва маданияти миллӣ ташаккулёфта, ба таъсиси давлат ва ҳукуматҳои пурқувват барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ буд.

**Маҳз ин ҳиссиёт дар баробари олимон ва ихтироъкорони бузург, ки барои иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлатҳои миллӣ кор мекарданд, наслҳои нави давлатмардон ва сиёсатмадоронро рӯйи саҳна овард. Онҳо бо тамоми неру ва бо такя ба илм барои эҳёи ватани воқеӣ, на ормонӣ ва космополитикӣ, бо ҳисси Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ шуруъ карданд.**

## РУҲОНИЯТ ВА ДАВРОНИ ЭҲЁ

Тавре таъкид гардид, яке аз масъалаҳои маркази даврони Эҳё азнавсозӣ ва ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ гардонидани таъйинот, назария ва амалияи дин буд. **Ташаббускорони ҳаракат муътақид буданд, ки бидуни мутобиққунонии таълимот, ташвиқот ва таҷрибаи кори ходимони дин, фаъолияти калисоҳо ба мақсадҳои истиқлоли миллӣ, эҳёи миллӣ ва рушду тараққии он ҳамчун зуҳуроти ормонӣ ва шиори хушку холӣ боқӣ хоҳад монд.**

Яке аз намояндагони Даврони Эҳё Сервантес таъкид мекард, ки **мардуми зери асорати зеҳнии миллатҳои бегона қароргирифта, мисли лойи кулолест дар дасти аҷнабиён, ки ҳар асбобе хоҳанд аз он месозанд ва истифода мекунанд. Миллат бояд ҷаҳонбинӣ, дидгоҳ, маънавиёти ягонаи худро дошта бошад. Онро эҳсоси ягонаи умумияти таърихӣ – ирсият, урфу одат ва мафкураи ягонаи миллӣ муттаҳид намояд, на ташвиқи бепояи фарҳанги аҷнабӣ.**

Маҳз ба ҳамин хотир Эҳёгарон интихобан бо беҳтарин ходимони дин, роҳибон, диншиносон, донандагони Инҷил, ки аз мардуми соҳибмаърифат буданду ҳиссиёти баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ доштанд, ба ҳам омаданд. **Хулосабардорӣ карданд, ки муддати садсолаҳо муллоҳои манфиатҷӯ ба Инҷил ва дигар адабиёти тафсири он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи руҳонӣ хизмат мекунанд.**

Бисёре аз чунин иловаҳои сохта ва тафсирҳои бофта ба сарчашмаи хурофоту таассуб ва манбаи даромади ходимони дин мубаддал гаштаанд. Ба эҳсос ва ташаккули бегонапарастӣ, ҷаҳонватанӣ (беватанӣ)-и боис гардидаанд.

Ба ҳамин хотир, яке аз шахсиятҳои маъруфи дини католикӣ Эразм Роттердамский (1466-1536) ташаббускорона **китоби Инҷилро аз рӯйи матни интиқодии забони юнонӣ ба забони лотинӣ тарҷума карда, бисёре аз таҳрифу каҷнависии матнҳои пешинаро ошкор ва ислоҳ кард.**

Ҳамзамон бо ин, қисмате аз нуктаҳои ҳассоси ин китоби муқаддасро ба манфиати инсонҳо одилона тафсир намуд ва дар доираи руҳи Даврони Эҳё, ки пешрафт ва зиндагии шоистаи Одамро дар назар дошт, шарҳ дод. Бо ин амали инсонпарварона, барои тараққии ҷомеа дар доираи ҳадафҳои ин инқилоби бузурги маънавӣ хизмати сазовору мондагор кард.

Бузургтарин намояндаи ин равия руҳонии машҳури немис Мартин Лютер (1483-1546) буд. Ӯ ба мардуми худ, ба ибодаткунандагон эълон дошт: **«Оғоз аз ин лаҳза баромадан аз зери султаи бегонагон, Папаи Рим вазифаи ҷонии ҳар як немис аст!»**

Мартин ба ҳамватанони худ чунин мурочиат кард: **«Ман қарори қатъӣ қабул кардам: зери роҳбарии ман китоби муқаддаси мо, Инҷил ҳарчи тезтар ба забони немисӣ тарҷума карда шавад. Ва минбаъд намоз гузоштан, ибодат кардан, тамоми маърака ва маросимҳои динӣ танҳо ба забони модарии мо – ба забони немисӣ сурат мегирад!» [4].**

Таърихчиён бар ин ақидаанд, ки Мартин Лютери руҳонӣ яке аз ташаббускорони сохтани давлати миллии немисҳо мебошад. Дар он манзалати миллати немис аз ҷумлаи муқаддасоти аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи ин донишманди руҳонӣ: **«Дар дунё ҳама чиз тағйир меёбад. Иваз мешавад. Инсон метавонад, ҳатто дини худро табдил диҳад. Аммо ягона чизе, ки аз рӯзи тавлид то дами марг тағйирнаёбанда аст ва абадӣ мемонад, Миллат аст» [5].**

Ба ҳамин хотир, ҳанӯз ҳафтсад сол қабл аз байни ходимони соҳибмаърифати калисо олимон, шахсони донишманд, муассир ва бонуфуз ва ҳамзамон бо ин, миллатпараст ва ватандӯсте рӯйи саҳна омаданд, ки аз мавқеи зиёиёни миллӣ, бо роҳу воситаи худ ҷонибдорӣ намуданд. Ба сафи онҳо гузаштанд. **Фаъолияти калисоро ба шароити талаботи Даврони Эҳё мувофиқ гардониданд. Аз манфиатҳои миллии худ қотеона ҳимоя намуданд. Нуктае, ки таваҷҷуҳи ходимони динии баномуси асримиёнагиро ба худ ҷалб кард, эҳёи ғурури миллии онҳо дар муқобили бегонагон, урфу одати ба таърихи миллати эшон носозгор ва принсипи иҷбории саҷда овардан ба забон ва расму русуми миллии аҷнабиён буд.**

Яке аз муҳимтарин тағйироти Даврони Эҳё дар байни ходимони дин, ғолибияти эҳсоси бузурги ватанпарастӣ ва миллатдӯстии хизматгорони калисо буд.

Ин вазъият ба раванди бузурги таърихӣ ҳамоҳанг шуд ва ба мақсади манфиатҳои миллӣ хизмати шоиста кард.

**Он тараққиёту таҳаввулот, зиндагии шоистаеро, ки мо имрӯз дар Аврупо мебинем ва мутаассифона, дар ҳолати вобастагии ақлонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва геополитикии он қарор дорем, аз ҷумлаи натиҷаи ҳамин Даврони Эҳё аст.**

## ЭҲЁИ МИЛЛӢ ВА СУБОТИ МИЛЛӢ

Аз кӯшиши таҳлили ниҳоят мухтасари даврони Эҳё, боз ҳам зарурати ба хотир овардани назарияи моҳият ва қонунмандии шаклҳои дарки олами ҳастӣ бармеояд.

Дар ин маврид таҳаввулоти ҳаёт ва сарчашмаҳои рушди он барои зиндагии шоистаи инсон мавзуи асосӣ мебошад.

Дар вобастагӣ ба масъала, муҳим аст дарк гардад, ки роҳу воситаи асосии аз худ кардани ҷавҳари ҳастӣ аз чӣ иборат аст? Манбаъ ва қувваҳои воқеии ҳаракатдиҳандаи он кадомҳоанд? Инсон кай, дар кадом шароит метавонад аз як зина ба зинаи дигари зиндагии сазовор қадам гузорад? Ҳақиқати маънавӣ чист? Таносуби донишҳои дунявӣ бо эътиқоду боварӣ, мавҳум, хурофотӣ, таассуб дар муносибат бо таҷрибаи зиндагӣ,

ки асоси ҳама гуна фаҳмиши ҳақиқати заминиву осмонӣ дар доираи дарки манфиат аст, дар чӣ зуҳур меёбад? Чӣ тавр оммаи мардуми дар завлонаи ихтиёрӣ ва ифтихоримонда аз он як навъ лаззати маънавӣ мебаранд ва бо қаноатмандӣ ҳазорҳо қурбониҳои ҷониву молӣ, руҳиву равонӣ медиҳанд, аз ин мурдоб ё ботлоқи ҳалокатбор халос шаванд? Иҷрои чунин вазифаро мисли Даврони Эҳё кӣ ба дӯши худ мегирад?

Аз даврони Эҳёи Дунёи Куҳан, ки мардуми Аврупоро ба рӯзгори имрӯза овард ва ҷаҳонро бо илму маърифат тасхир кард, чанд аср гузашт.

**Аммо бедории воқеии миллии хосияти умумихалқидошта бар пояи Ақл, Хирад, Мантиқ, маънавиёт ва манфиатҳои миллии мо кай оғоз мешавад, ки мисли имрӯз фақат зоҳирӣ ва намоишкорона набошад? Хирадгароӣ ва Ақлсолорӣ аз хурд то бузург, фарогири кулли табақаҳои ҷамъиятӣ ва мояи ифтихори мардум – Миллат ва саҷдагоҳаш Ватан гардад.**

## ДАВРОНИ ЭҲЁИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

**Ҳақиқати эътирофгардида аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид.**

**Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму размӣ ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд.**

**Бо ҷашн гирифтани 1100-солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёдии аср Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард.**

**Яъне Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд.**

**Намунаи чунин шефтагӣ ва садоқатмандии миллӣ дар таърих камшумор аст.**

**Бо такя ба таълимоти Пешвои муаззами миллат бояд таъкид кард, ки чунин шонс *(имконият, иқбол, умед)*-и фавқулода ва нотакрор барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор падид меояд. Ва ҳамватанони мо, ки ҳазор сол азияти бедавлатӣ ва ғуломиро кашидаанд, зарурати ҳаётӣ аст ҳама сар ба сар эҳсоси масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ намоянд. Аз ҷаҳолати рӯ ба афзоиши оммавӣ худдорӣ кунанд.**

Аммо боиси афсӯс аст, ки дар ҳоли ҳозир, тамоюл ба таассубу хурофот ва дар ин асос зиёдаравӣ, гаравидан ба ҷараёнҳои динии ифротӣ, беэътиноӣ ба раванди ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар даҳсолаҳо қафо мондааст. Ин ҷараён хилофи ояндаи босуботи давлатдории миллӣ мебошад.

**Бо изҳори таассуф таъкид бояд кард, ки раванди амалисозӣ гаштани ташаббуси таърихии Даврони Эҳёи миллати тоҷик хосияти зоҳирпарастона ва ҳисоботдиҳӣ касб кард. Дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ ва шикасти руҳияи саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонагон, раванди таассуб, хурофот, ки асоси маънавиёти ифротгароӣ ва терроризм мебошанд, ҳамчун амали муассир ба майдони набарди воқеӣ ворид гашта натавонист.**

Сифати амалкарди системаи ягонаи таъмини асосҳои бунёдии маънавиёти миллӣ *(ғояҳо, ҷаҳонбиниҳо, арзишҳои миллӣ-таърихӣ)* дар доираи талаботи сохти

конститутсионӣ ба талаботи замон, ҳифзи боэътимоди амнияти миллӣ ба шароити имрӯз ваояндаи наздик мувофиқ нест.

Дар ин маврид, баробарвазнии таҳдидҳо, тахассусмандии ташкилоту созмонҳо, афроди алоҳидаи муваззаф ба тахрибкорӣ бар зидди арзишҳои сохти конститутсионӣ ва маҷмуи чорабиниҳое, ки давлат барои ҳимояи худ дар сатҳҳои оила, мактаб, донишгоҳ, муҳит, ҷомеа роҳандозӣ кардааст, мувофиқати пурра надоранд.

Ҳодисаҳои нангин ва ҷиноятҳои сангине, ки дар сатҳи байналхалқӣ, ҷуғрофияи берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар се соли ахир бо иштироки шаҳрвандони мо ба вуқуъ пайвастанд, на танҳо ба манзалат ва обрӯйи миллати тоҷик иснод оварданд, балки бонги *(аломат, ишорат, хабар, огоҳӣ)* хатар барои оромӣ, сулҳу субот ва сохти конститутсионӣ гардиданд.

Бузургтарин ангезае, ки муҳтавои ҷаҳонбинии шахсро фаро мегирад, идея аст. Душманони давлати миллӣ бо ҳаннотӣ ва сӯиистифода аз дин, ин амалро тавонистанд роҳандозӣ кунанд. Ҷавонони зиёдро гумроҳ ва ба лашкари сарсупурдаи бозигарони геополитикӣ бар зидди манфиатҳо ва обрӯи миллати хеш сафарбар намоянд.

Системаи маърифати идеологии умумимиллии мо, мутаассифона, дар доираи мафҳумҳо, назарияҳо ва қолабҳо амал мекунад, на бар асоси идеяҳо.

Маҳз идея аст, ки бо тавони истифодаи он на танҳо ҳадаф ифода ва тафсири амалии худро меёбад, балки барои дигаргун сохтани он ба манфиати ташаббускори амал кӯшиш мекунад.

Идея дар муҳтавои худ роҳу воситаи амалӣ кардани хешро дорад. Он ҳадафи худро сидқан меомӯзад. Вобаста ба он мақсаднок амал мекунад, то ҳолати руҳиву равонии фард ё ашхоси мунтахаб ба мақсадҳо мувофиқ гардонида шавад.

Идея ҳаст, ки сараввал мантиқи давра ба давраи амал фаҳмонида, аниқтараш тавассути он муътақид кунонида мешавад. Таҷрибаи таърихӣ ва муосир ҳамин роҳу усулро тасдиқ мекунад.

**Идеяҳое, ки Пешвои муаззами миллат солҳои тӯлонӣ расман эълон медорад ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд.**

Зарур аст, ки ин идеяҳо коркард ва бо истифода аз принсипҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, таърихӣ-генетикӣ, ки ба мавзуи хештаншиносӣ ва худшиносӣ наздик ҳастанд, дар ҷараёни эҳёи миллати тоҷик бо талабот ва шаклу усулҳои рақобатпазир ва самаранок дар тарбияи омма истифода гарданд.

Нимаи дуюми асри XIV, замоне ки даврони Эҳё дар Аврупо оғоз гардид, ташаббускорон ва дастандаркорони он зиёиёни эҷодкор, олимон буданд. Онҳо ҳаёти худро зери хатар гузошта, ҳаёти ҳаммиллатҳои худро наҷот бахшиданд.

Чун зиёиён ҳамчун табақаи бузург вориди ин ҳаракат гаштанд, онҳо таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб карда тавонистанд. **Мардуми одиро муътақид сохтанд, ки ягона роҳи халосӣ аз ғуломӣ, бандагӣ, ақибмондагӣ эҳёи анъанаҳои миллӣ – қадимӣ аст, на он чизе, ки бегонагон ба сари онҳо бор кардаанд.** Ва акнун аз он тарзе мехоҳанд, истифода мекунанд.

Мардуми аз лиҳози ирсӣ ҳам ҳушманди Аврупо, тавассути фарҳанги **қадима, зина ба зина вориди моҳияти масъала гашта, худро аз таассубу хурофот раҳоӣ бахшиданд.**

Истилоҳи Ренессанс (Эҳё)-ро – аз нав таваллуд гаштан, эҳё шудан ва **«яке аз бузургтарин давраҳои маданӣ-таърихӣ, нуқтаи гардиши куллӣ дар таърихи Аврупо байни Асрҳои Миёна ва Замони Нав, ки фарҳанги ҷадиди Аврупоро бунёд гузоштааст»,** ном мебаранд. Ба хотири сипосгузорӣ ба насле, ки миллатро аз ҷоҳилият, аз банди хурофоту таассуб ва торикиву зулмот раҳо кардааст, он давраро ҳамчунон бо ифтихори бузург, бо ҳарфҳои калон **«Замони Нави Барвақтӣ» [10]** ном ниҳодаанд.

**«Барвақтӣ»** ном гирифтан тавассути Ҳаракати Эҳё маънои нисбат ба халқҳои дигари дунё, ки то кунун дар банди ҷаҳолат, таассубу хурофоту «каромот»-анд ва ҳамин

тариқ, аз ғуломони ҷисмониву маънавӣ, дастнигару корафтодаи дигаронанд, пеш рафтан, пешсаф буданро дар назар дорад.

Тавре хотирнишон гардид, миллатҳо аз рӯйи хосиятҳои антропологӣ, физиологӣ, генетикӣ, имконоти ақлонӣ ва руҳиву равонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аммо чунин сифат хосияти нисбӣ дорад, на мутлақ. Мардум дер ё зуд аз дунболи Ақл, Хирад, Фаросат, таъбиру тадбири накӯ – гуманизм (истилоҳи Даврони Эҳё), воқеънигарӣ ва одамсолорӣ меравад. Аммо чӣ гуна? Чӣ тавр? Бо кадом фоҷиаҳо ва бурду бохтҳо? Азобу шиканҷаҳо? Аврупо, тавре мебинем, ин корро ҳафтсад сол қабл оғоз кард ва муваффақона анҷом бахшид. Чандин наслҳо, аз ҷумла, мо шоҳиди натиҷаҳои он ҳастем.

**Аз рӯйи таҳлили кӯтоҳ мебинем, ки миллати тоҷик дар шароити навини таърихӣ, бо таҷрибаи шашҳазорсола, барои муваффақона паси сар кардани Даврони Эҳё, ки оғози он эълом гардид, тамоми шароит – решаҳои тамаддунӣ, бунёди қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ақлонӣ ва генетикиро дорад. Фақат онро роҳандозии ҳарчи зудтар ва роҳнамоии тахассусмандона бояд.**

**Фаромӯш намекунем, ки дар мавриди амали нек таърих доимо фурсат, шонси кӯтоҳ мегузорад. Эҳёи миллатро Пешвои муаззами миллат ҳамчун Ҳаракати умумимиллӣ эълон кардааст.**

## ХУЛОСА

1. Даврони Эҳёи Аврупо (асрҳои XIV – XVI) яке аз бузургтарин воқеаҳои таърихӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти инсоният буд. **Бидуни чунин гардиши куллӣ, тамаддуни аврупоӣ на танҳо наметавонист ба ҷойгоҳе, ки имрӯз дорад, соҳиб шавад, балки Шарқ ҳам ҳолати аз ин бадтари асримиёнагӣ медошт**.

2. Давлатҳои Аврупо тавассути Даврони Эҳё ба дастовардҳои бунёдӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг ноил гаштанд. Мардумро аз ҷаҳолат раҳо карданд. Бо сохтани давлатҳои миллӣ ҳувияти миллӣ ва тамомияти арзии худро нигоҳ доштанд. Ҳастии шарафмандонаи хешро дар доираи оилаи байналхалқӣ таъмин намуданд.

3. Эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки маҳз тарзи тафаккури хурофотӣ, таассубгароёна пайравии номусолиҳатомез ба ҳар гуна ҷараёнҳои динӣ, мазҳабӣ ва фанатизм мардумро ба ифроту тафрит мебарад. Ба ҳамин хотир, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии мардумро чун масъалаи калидии Эҳёи ҷомеа интихоб намуданд.

4. Қувваҳои ҳаракатдиҳандаи Даврони Эҳёи Аврупо бузургтарин олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон, мубориЗон, фидоиёни ватан ва миллати худ буданд. Онҳо қудрату неруи хешро, ки пештар бо сухан ва қалам ифода мекарданд, дар амал санҷиданд. Ба майдонҳо назди мардум рафтанд. Хостанд дониста бошанд: **оё метавонанд оммаро аз панҷаи хурофот, ҷаҳолату нодонии асримиёнагӣ раҳо созанд?** Муътақид гардонанд, ки ватану миллати онҳо, замини хокӣ ва мардумони одианд. Саҷдагоҳи Инсон Ақл, Дониш ва Хиради одамист. Исбот намоянд, ки бо силоҳи Маърифат боварманд кунонидани одам, аз бовар кунонидан бо силоҳ авлотар аст.

5. Сабаби Даврони Эҳё ном кардани ин ҳаракати бузурги таърихӣ аз нав зинда кардан, ҷон бахшидан ба беҳтарин намунаҳои илм ва фарҳанги Юнони Қадим ва Рими Қадим бар хилофи даъвоҳои руҳоният буд, ки тарғиб мекарданд: **«оғози фарҳанги ноби одамӣ аз замони зуҳури Исои Масеҳ сарчашма мегирад»**.

Далелҳои илман асоснок ва қотеонаи зиёиёни эҳёгар, руҳи миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллатҳои Аврупоро баланд кард. Ғурури истиқлолхоҳии ононро нерӯ бахшид. Фикру андешаи аксарияти мардумро дар бораи таърихи воқеии фарҳангу миллатҳояшон тақвият дод.

6. Азбаски дар байни руҳонияти Даврони Эҳёи Аврупо шахсони воқеан **таҳсилдида, ташвиқгари ростӣ, масъулиятшиносу худогоҳ, мутафаккиру хирадманд, ҳимоятгари тамаддун ва фарҳанги миллатҳои хеш** кам набуданд, намояндагони барҷастаи онон ҳикмати давраи Эҳёро хуб дарк карданд. Ва чунин шиор партофтанд: **«Эҳёгарон барои истиқлоли миллати ман мубориза мебаранд. Мо бо онҳоем!»**.

7. Минбаъд дар ҳар кишвари Аврупо Шӯрои миллии уламои католикӣ ташкил шуд. Шӯро зери назари нухбагон ва мутафаккирони руҳонӣ ҳуҷҷатҳои аслии хутба ва фатвоҳои диниро таҳрир карда, онҳоро бидуни халалдор кардани моҳияташон, ба манфиати рушду пешрафти илму фарҳанг ва технологияи миллатҳои хеш мувофиқ сохтанд.

8. **Давраи Эҳё мафҳуми дини миллӣ ва милликунонии динро дар Аврупо асос гузошт.**

9. Инқилоби маънавии ҳафт аср қабл, мардуми Аврупоро ба рӯзгор ва сатҳи баланди рушди иқтисодиву иҷтимоии кунунӣ овард. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем. Ва бидуни эҳсоси хиҷолат, зарурати муҳокима, расидан ба сабабу омилҳои ин пешрафт, масъулияти худогоҳӣ ва худсозӣ аз онҳо истифода мекунем.

## ОХИРСУХАН

Ҳар насл (хонда шавад халқ, миллат, давлат, мардум) наметавонад варақи зиндагиро аз саҳифаи нав оғоз кунад. Барои одамони соҳибхирад чунин зарурат ҳам нест. Вобаста ба шароити таърихӣ, анъана, урфу одат, муҳит, замон ва макон истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи мардумони бохиради пешин ва ҳамасрон низ шарти муваффақият ва пешравӣ аст.

Ба ҳамин хотир ба тарзи кӯтоҳ зарурат, сабаб, омилҳо, шароит ва намунаҳои даврони Эҳёи миллии Аврупо ҳамчун мисоли таърихӣ оварда шуданд, ки албатта, навоварӣ нест.

Аммо мо ба ин ҳақ дорем: **«Ҳар кашфиёте, ки мансуб ба ақли одамизод аст, дастоварди умумибашарист» [3]**.

Ба назари мо, муқоисаи вазъи Аврупои асри XIV ба ҳолати маънавии Тоҷикистони асри XXI ба хотири хулосабарорӣ, арзёбӣ ва коркарди нақшаи амал тақозои зарурӣ ва ҳаётан муҳим мебошад.

Яке аз намояндагони машҳури миллати немис Артур Шопенгауэр (1788-1860) таъкид мекунад: **«Немисҳоро мазаммат мекунанд, ки онҳо бештар ба франсавиҳо ва англисҳо тақлид мекунанд; аммо фаромӯш месозанд, ки ин бисёр кори оқилона аст, ки онҳо ҳамчун миллат карда метавонанд, ба хотири он ки феълан немисҳо бо қувваи худашон кори муфид ва хубро фикр карда бароварда наметавонанд» [8].**

Аз лиҳози рушду тараққиёти иқтисодӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ, шукр, мо дар хамгашти як кӯчаем. Аммо бо итминони комил гуфта метавон, ки бо ҷаҳонбинии хурофотӣ ва таассубгароии умумӣ, дар асри XXI, бо сипарӣ гаштани ҳафтсад сол баъди даврони Эҳёи Аврупо, мардуми мо гурӯҳ - гурӯҳ намунаҳои сангинтарини маънавиёт, рафтор, таассуб ва хурофоти асримиёнагиро ҳамчун зуҳуроти умумӣ ба намоиш гузошта, дар ин раванд сахт истодагарӣ ва якравӣ мекунанд.

Дар рисола, оиди дар давлатҳои пешқадам мавҷуд будани системаи ягонаи ҳифзи субот ва сохти конститутсионӣ дар мавридҳои бuҳронӣ, ки замонати комили амнияти ҷомеаро медиҳад, ишора рафт.

**Тамоми системаҳо дар болои коғаз хоҳанд монд, агар хештаншиносӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ бар маънавиёти бегонапарастӣ ғолибият пайдо накунад. Агар манзалати Илму Маърифат, Ақлсолориву Хирадгароӣ бар таассубу хурофот ва ҷаҳонбинии асримиёнагӣ, ки тавлидгари ифротгароиву терроризм аст, чира нагардад.**

Дар роҳи ҳалли чунин муаммо **«Ҳар халқ метавонад ва бояд аз мардумони дигар омӯзад» [6]**.

Агар зиёиёни Даврони Эҳёи Аврупо барои аз торикӣ, таассуби асримиёнагӣ, ҷаҳолат, фақирӣ, озод кардани миллатҳои худ **бо руҳониёни ватандӯст ва бонангу номус** ба тавофуқ расида, ҷонбозиҳо карда, ба мақсад расида бошанд, вақти он аст, ки **эҳёи миллати тоҷик ҳам аз ҷониби зиёиён ва андешамандони пешқадам, ки бо ҷаҳонбинии мардум сару кор доранд, ба як ҷабҳаи умумимиллӣ мубаддал гардад.**

**Барои ҳар нафаре, ки имкон аст, дар масири хатарноки хатои зидди манфиатҳои Ватану миллат қарор гирад, мубориза бояд бурд. Сабабҳои ин ҳолатро ошкор ва дар доираи як системаи коркардшудаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бартараф намуд.**

Мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки **«шуури миллӣ – шуури ягонаи тақдири таърихӣ аст» [1]**. Бештар аз ҳамватанони мо, дигар дар олам касе мисли худи мардуми Тоҷикистон барои субот, амният ва рушди кишвари мо манфиатдор нест.

Тавре дидем, барои Даврони Эҳёи Аврупо ду омили аслӣ истифода шудааст: **зиёиён бо руҳонияти миллатпараст** (1) ва **маводи аслӣ – ҷабҳаи маънавӣ - бозгашт ба илм, адабиёт ва фарҳанги ниёгон (2).**

Дар шароити Тоҷикистони муосир ин имконот бамаротиб қавӣ ва неруманд аст.

Хотирнишон гардид, ки **аввалан, пешоҳанги Эҳёи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз рӯзи аввали зимоми ҳокимиятро ба даст гирифтан дар ин роҳ собитқадамона, ҷоннисорона, қаҳрамонона мубориза мебарад. Ин далели таърихӣ аст.**

**Дуюм,** агар миллатҳои Аврупо фақат ба захираҳои маънавии Юнони Қадим ва Рими Қадим такя карда бошанд, **миллати тоҷик дар ин маврид, боигарии нақди сиёсӣ-таърихӣ ва тамаддунӣ бо сулолаҳои Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Сомониён дорад.**

**Сеюм,** бойтарин дастовардҳои фарҳангӣ ва адабиёти ҷаҳонӣ, яъне ганҷина ва хамосаҳои саромадони адабиёт, илм ва фарҳанг – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва офаридаҳои ҷаҳоншумули даҳҳо нобиғагони дигари миллати тоҷик дар ихтиёри зиёиён, мутафаккирон, дастандаркорони соҳаи маънавиёти миллӣ қарор доранд.

**Инҳо бунёд, хазина, сарчашма ва силоҳи бузурги маънавӣ ҳастанд барои муваффақ гаштан ба амали ҳаётан муҳим – наҷот бахшидани насли имрӯза аз доми ҷаҳолат, торикӣ, таассуб, хурофот, ифротгароӣ, терроризм ва фоҷиаи навбатии умумимиллӣ.**

Агар ҳамасрони ҳушманди мо аз уҳдаи ин вазифаи таърихӣ бароянд, ояндагон баъди ҳафтсад сол ҳам ному фидокории равандагони роҳи Эҳёи миллатро дар ин шароити наздик ба хурофоти асримиёнагӣ фаромӯш нахоҳанд кард.

**Даврони Эҳёи миллати тоҷик ниёз бо кӯшишҳои бесобиқа, ғайримуқаррарӣ, ҳадафманд ва муҳимтар аз ҳама, содиқона дорад.**

**Бо дарназардошти вазъи геополитикии олам, минтақа ва равандҳои дохилӣ дар ин амали ҳаётан муҳим набояд лаҳзае таваққуф кард.**

**АДАБИЁТ:**

1. Бердяев, Н. Судьба России. – Москва: АСТ, 2023. – 384 с.

2. Гегель за 90 минут [Текст] / П. Стретерн; [пер. с англ. Н. Мишиевой]. – Москва: АСТ: Астрель, 2004. – 78 с.

3. Лебон, Г. Психология народов и масс. – Санкт-Петербург, 1995.

4. Лютер, М. Избранные произведения. – СПб., 1994. 2 изд. – СПб., 1997.

5. Лютер, М. 95 тезисов. [Сборник сочинений М. Лютера; в приложении Лейбниц, Гегель, К.Фишер. О боге, философии, религии и Реформации]. – СПб.: Роза мира, 2002.

6. Плеханов, Г. Маркс. Марксизм. Марксисты. XIII Плехановские чтения. Материалы к международной конференции. 30 мая-1 июня 2018 г. Российская национальная библиотека, Санкт-Петербург. – СПб.: Издательство «Культ Информ Пресс», 2018. – 299 с.

7. Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Куллиёт/Муқобала ва тасҳеҳи Муҳаммадсиддиқи Комил / Шерозӣ Ҳ. – Теҳрон: Замон, 2001. – 356 с.

8. Шопенгауэр, А. Мир как воля и представление. – Москва, 1994. – 443 с.

9. Энгелс, Ф. Диалектикаи табиат. – Москва, 1950.

10. Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. (82 т. и 4 доп.). – СПб., 1890-1907.

УДК: 902.6 (575.3)

# БОЗЁФТ ВА ТАДҚИҚОТИ АРХЕОЛОГӢ – ШАКЛИ ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола ба тадқиқоти «Ёдгориҳои бостонии Фархорзамин», ки аз ҷониби олимони таърихшинос ва археологҳо Т.Г. Филимонова, Х.Ю. Муҳиддинов ва Ҳ. Ғаффоров анҷом ёфтааст, тафсири назариявӣ ва илмӣ дода шудааст. Таъкид мегардад, ки муаллифон дар ҷараёни таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ аз сарчашма ва далелҳои таърихӣ, методҳои генетикӣ-таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-системавӣ, таҳлили диахронии ҳақиқати ҷамъиятию таърихӣ дуруст истифода кардаанд. Ҳамзамон, бо ин, назари муаллифи мақола оид ба аҳамияти омӯзиши масъалаҳои археологии макони ниёкон, ҳафриёти археологӣ, таҳқиқоти этнографӣ, таҳлилҳои антропологӣ ва семантикии топонимикаи маҳал ва нақши онҳо дар ташаккули тафаккури ҷомеа оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *таърих, археология, топонимика, методҳои илмӣ-назариявӣ, бостоншиносӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, ҳафриёт, кашфиёт, бозёфтҳои археологӣ, ҳаккокӣ, меъморӣ, Фархор, этимология.*

# АРХЕОЛОГИЧЕСКИЕ НАХОДКИ И ИССЛЕДОВАНИЯ – ФОРМА ОТРАЖЕНИЯ ИСТОРИЧЕСКОЙ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье дана научно-теоретическая интерпретация труду «Древние памятники Фархора», написанному историками и археологами Т.Г. Филимоновой, Х.Ю.Мухиддиновым и Х. Гаффоровым. Подчёркивается, что авторы скрупулезно и комплексно исследовали исторические источники и факты. При написании книги руководствовались генетико-историческими, историко-сравнительными, историко-системными методами, а также диахроническим анализом научного историзма. При этом, высказывается мнение об актуальности изучения историко-археологических вопросов, археологических раскопок, этнографических исследований, антропологического и семантического анализа топонимики места и их роли в формировании научно-исторического мировоззрения.*

**Ключевые слова:** *история, археология, топонимика, научно-теоретические методы, археология, географическое расположение, раскопки, открытия, археологические находки, архитектура, Фархор, этимология.*

# ARCHEOLOGICAL DISCOVERY AND RESEARCH – FORM REFLECTION OF HISTORICAL REALITY

**YATIMOV S.S.**
*Doctor of political science, corresponding member of National Academy of science of Tajikistan*

*The article refers to the theoretical and scientific interpretation research “Ancient monuments of Farkhor" conducted by historians and archeologists T.G. Filimonova, H.Y. Muhiddinov and H. Ghafforov . It is emphasized that the authors correctly used historical sources and facts, genetic-historical, historical-comparative, historical-systemic methods, diachronic analysis of social and historical truth during the comprehensive research of the topic. At the same time, the opinion of the author of the article on the importance of studying the archeological issues*

*of the place of ancestors, archeological excavations, ethnographic research, anthropological and semantic analyzes of the toponymy of the place and their role in the formation of the community's thinking is given.*

**Keywords:** *history, archeology, toponymy, scientific-theoretical methods, archeology, geographical location, excavations, discoveries, archeological findings, architecture, Farkhar, etymology.*

Яке аз муҳимтарин омилҳои худшиносии миллӣ донистани таърихи Ватан мебошад. Дар ин самт, воситаи асосӣ – таҳқиқи воқеияти таърихи миллат, тафсир ва муътақидгардонӣ тавассути натиҷаҳои муътамаду собитнамудаи аҳли зиё – олимон ва донишмандон ба ҳисоб меравад. **«Донишҳои воқеӣ барои фаъолияти амалӣ зарур мебошанд. Баъдан, кӯшиши донистан аз сифатҳоест мансуб ба инсон, ҳамчун мавҷудоти соҳибшуур ва мақсаднок амалкунанда. Маҳз барои ҳамин, дар ҳама давраҳои тараққиёти ҷомеа, фаъолияти одамизод барои дарк намудан ва аз худ кардани донишҳо дар бораи табиат ва ҷамъият вуҷуд дошт»** [2,23].

Барои ташаккул додани тафаккури ҷомеа илми таърих мавқеи калидӣ дорад. Ҳамчун қисмате аз донишҳои гуманитарӣ ин илм аҳамияти бузурги амалӣ касб кардааст. Он ба воситаи методҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ва далелҳо ҷиҳати донистани ҳақиқати табиат, ҷамъият ва тафаккур вазифаҳои дар наздаш гузошташударо амалӣ месозад.

Маълум аст, ки дар ҷараёни тадқиқ ва муайян кардани ҳақиқати воқеӣ чанд ҷузъиёте нақши калидӣ доранд: субъект, объект ва методи омӯзиш. Дуруст ва бо мақсадҳои муайянгашта мувофиқ кунонидани онҳо замонати муваффақияти тадқиқот мебошад.

Археология аз муҳимтарин воситаҳои донистани ҳақиқати воқеӣ аст. Мутафаккири бузурги асри XIX Аврупо таъкид кардааст: **«На танҳо натиҷаи тадқиқот, балки роҳе, ки ба ҳамин мақсад истифода мешавад, бояд ҳақиқӣ бошад. Тадқиқоти ҳақиқат худ бояд ҳақиқӣ бошад»** [3,155].

Илмҳои воқеӣ-материалии бостоншиносӣ, ки археология аз ҷумлаи онҳост, таъминкунандаи ҳамин талаботи илмӣ ба ҳисоб меравад.

Маҳз ҳамин илм гузаштаро дар асоси маводи аслӣ омӯхта, назария ва фарзияҳои таърихиро бо далелҳои моддӣ исбот менамояд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти археологӣ аз пайдо кардани аввалин асбобҳои сангӣ дар мавзеи Ломеквии Африқои Шарқӣ, ки таърихи зиёда аз семиллионсола дорад, оғоз ёфта, то замони мо мерасад.

Археология ва палеонтология аз он ҷиҳат илмҳои муҳим ҳастанд, ки сарнавишти мардумони мавзеъҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тоҷиконро, ки дар замонҳои пешин шароити сангини рӯзгузаронӣ, аз ҷумла, мушкилоти хату савод доштанд, рӯшан месозанд. Ба бисёре аз муаммоҳои таърихӣ ҷавоб мегӯянд.

Мусаллам аст, ки хат собиқаи беш аз 5000 сола дорад. Аммо дастрасӣ ба он, ки метавонист муҳимтарин сарчашмаи таҳқиқ бошад, на ба ҳар қавму миллат ва табақаҳои иҷтимоӣ ба пуррагӣ муяссар мегардид.

Аз ин лиҳоз, тадқиқоти **«Ёдгориҳои бостонии Фархорзамин»** [6], ки аз ҷониби олимони таърихшинос ва археологҳо Т.Г. Филимонова, Х.Ю. Муҳиддинов ва Ҳ. Ғаффоров анҷом ёфта, дар шакли асар пешкаши хонандагон шудааст, ҷолиби таваҷҷуҳи махсуси назариявӣ ва илмӣ мебошад.

Китоби мазкур аз ду боб (I. Бахши муқаддимавӣ, II. Феҳристи ёдгориҳои таърихӣ ва археологӣ) ва замимаҳое иборат аст, ки мазмун, мундариҷа, сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ, археологии асарро дар бар мегиранд ва тафсир менамоянд.

Барои ворид шудани хонанда ба муҳтавои масъала, ҳосил кардани тасаввурот дар бораи ҳудуд, мавқеи ҷуғрофӣ, ҷойгоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияи Фархор, муаллифон кӯшиш кардаанд, ки маълумотномаи мухтасар дар доираи мавзуоти зикргардида пешниҳод намоянд [6, 7-12]. Таърихи омӯзиши бозёфтҳои археологиро низ

тавзеҳ диҳанд. Дар он заҳматҳои сайёҳон, олимони маъруф ва муҳаққиқони давраҳои гуногуни ин минтақа ёдоварӣ ва заҳамоти илмии онҳо доир ба муҳтавои масъала арзёбӣ шудаанд [6, 13-32].

Таҳлили навиштаҳои Д. Логофет, В.А. Ранов, Б.А. Литвинский, Х.Ю. Муҳиддинов, Л.Т. Пянков, К. Канич, М. Тойфур, Н.Н. Гурина, Э.А. Юркевич, Т.И. Зеймал ва дигарон аз нигоҳи илмӣ, ҳамчун махзани сарчашмашиносӣ ва манбаъомӯзӣ, аҳамияти назарию амалии китобро тақвият бахшида, муҳиммияти тадқиқи археологии таърихи минтақаро таъкид менамоянд.

Дар тафсири ин қисмати китоб ишораи мантиқӣ бар он аст, ки омӯзиши ҳаматарафаи масъалаҳои археологии макони ниёкон, на танҳо барои донистани таърих, рад кардани ҳама гуна таҳриф ва тасаввуроти ғайриилмӣ, балки барои шарҳи дурусти таҳаввулоти замон ва ҷанбаҳои тамаддунии масъала арзишманд аст.

Дараҷа ва қиматнокии инсон ҳамчун мавҷуди соҳибшуур, дар **«ҳаракати бузурги гузаштан аз дарк намудан, эҳсос кардан ба дараҷаи андеша кардан, соҳибмуҳокима будан»** мебошад. Ин мантиқ фарогири таҳлили бозёфт, кашфиёт ва дигар маводи дастрасгардидаи муаллифони китоб ба шумор меравад.

Тавре маълум аст, соли 1836 сарпарасти Осорхонаи миллии шаҳри Копенгаген К. Томсон бо муқаррароти «системаи се аср» баромад карда, назариёти худро «асри сангин», «асри биринҷӣ» ва «асри оҳанӣ» ном бурд. Минбаъд ин тасниф дар тӯли таърихи илмҳои археология ва палеонтология, ҳамчун давраҳои аслии муайнкунандаи таҳаввулоти ҳаёти одамизод ба таври васеъ қабул гардид.

Тафсир ва устухонбандии муҳтавои асар ба ҳамин усули классикӣ шакл гирифтааст. Он вобаста ба тавони мардумони маҳал дар сохтани воситаҳои истеҳсолот ва маводи мавриди истифода қароргирифта, тақсимбандӣ шудааст.

Вобаста ба натиҷаи ҳафриёт дастрасгардида, дараҷаи тараққиёти шаҳрсозӣ, маҳалҳои сукунати аҳолӣ ҳамчун сарчашмаи омӯзиш, арзёбӣ ва хулосабарорӣ интихоб шудаанд.

Барои мисол, бо пайдо кардани бозёфтҳои моддӣ, аз қабили зерсутунҳо, сутунҳои боҳашамат, тахтасангҳои коркардшудаи ороишӣ, доираҳои сангини бо гаҷ ороишёфта олимон ба хулоса омаданд, ки дар мавзеи ҳозираи Куҳандиёр шаҳри бузурге қомат афрохта будааст ва дар маркази он қасри муҳташам вуҷуд доштааст [6,16].

Ҳамчунон, дар ноҳияи Фархор аз аҳди қадим бозёфтҳои нодир дар шакли гулдӯзӣ дар матои пахтагин дастрас гардидаанд. Омӯзиши он нишон медиҳад, ки чунин санъат дар замони тоисломӣ арзи ҳастӣ кардааст. Он аз салиқаи баланди санъати наққошӣ, тавони бо зарҳал инъикос кардани тахаюлоти бадеии сокинони маҳаллии давр шаҳодат медиҳад. Муҳаққиқон онро ба асри биринҷӣ нисбат додаанд.

Тахмину фарзияҳои олимони тоҷик тавассути озмоишҳои лабораторoccasionи бозёфтҳо дар шаҳри Москва тасдиқ шудаанд [6,17]. Чунин тарзи исбот кардани моҳияти маводи археологӣ намунаи дақиқкорӣ, масъулиятшиносӣ ва эътимоднокии илмии муҳаққиқон нисбат ба таърихи воқеии ниёкон мебошад.

Ҳафриёт дар деҳаи Арчаи ноҳияи Фархор нишонгари он аст, ки дар ин мавзеъ корхонаҳои заргарӣ фаъолият мекардаанд [6,18]. Қолабҳои аз нефрит сохташуда, ҳамчунон, дастпонаҳои нуқрагини ёфтгардида, далели ин гуфтаҳост.

Умумияти маданӣ ва алоқамандии мардуми Фархорзамин бо сокинони мавзеи таърихии Саразм чандин бозёфтҳо, аз қабили гараданбандҳо, муҳраҳо ва зарфҳои махсуси сафолӣ, ки аз лиҳози шакл, салиқа ва мундариҷаи тасвирҳо якхела ё ба ҳам наздиканд, тасдиқ кардаанд [6, 24].

Маҳз аз бозёфтҳои археологӣ олимон ба натиҷа расидаанд, ки мавзеи Фархор ҳам аз тохтутози аҷнабиён эмин намондааст.

Ин қаламрав аз лиҳози мавқеи стратегии ҷуғрофӣ, релеф, иқлим, олами бойи набототу ҳайвонот, заминҳои васеи корам, худкифоии об, чарогоҳҳо, бандар ва

гузаргоҳи дарёӣ, ҳама вақт таваҷҷуҳи миллат ва қавму қабилаҳои бегонаро ба худ ҷалб менамудааст.

Ҳафриёти археологӣ *(дарёфти маводи чакан, дигар намудҳои либоси миллии тоҷикӣ ва асбобҳои рӯзгор),* таҳлилҳои антропологӣ ва семантикии топонимикаи маҳал (Фархор, Сомончӣ, Арча, Аловидин (*бидуни шаддаи ҳарфи «д», истифодаи бандаки изофӣ «и» барои ташкили ибораи тафсирӣ*), Шӯркӯл, Золи Зар, Сурхоб, Осмонтеппа, Шаҳртеппа ва дигарҳо) баръало нишон медиҳанд, ки мардуми қадимаи маҳаллии минтақаи Фархор, асосан, тоҷикон будаанд. Онҳо нисбат ба аҷнабиёни ғосиб бо кулли имконот, ҳама сар ба сар бар ивази ҷони худ мубориза бурда, бару бум, зану фарзанд ва пайвандони хешро ҳифз кардаанд.

Оромгоҳҳои умумие, ки ҷавонмардон *(мавзеъҳои Золи Зар, Шаҳртеппа)* аз захми асбобҳои нӯгтез ба ҳалокат расидаанд, тасдиқи чунин гуфтаҳоянд.

Устувории топонимикаи минтақа низ ҳамин далелро қувват мебахшад.

Ҳафриёт дар макони номбурда ҳаккокиҳои махсусро ошкор кардааст.

Дар маъдани тилло инъикос кардани намунаҳои ҷанговарони мусаллаҳ бо азму иродаи қавӣ, дасту бозуи мустаҳкам ва савораи аспҳои қавипайкар ба муҳофизони асили марзу буми қаламрави мамлакат ишора мекунанд.

Ҳангоми ҳафриёт ашёҳое низ пайдо карда шудаанд, ки аз маданияти Юнону Бохтари то истилои араб шаҳодат медиҳанд.

Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ вобаста ба тағйири ҳокимон ва сохти давлатдорӣ, таҳаввулоти худоҳо ва парастишгоҳҳо бо далелҳо нишон дода шудаанд. Муҳаққиқон чунин тағйирёбиро, барҳақ, «маданияти экспансӣ» ном мебаранд [6,26].

Олимон ба хулоса омадаанд, ки шакл ва усули меъмории Кухандиёри қадим ва дигар мавзеоти бузурги аҳолинишин дар атиқа «эленизми қадимиро дар худ таҷассум мекунад» [6,27].

Бозёфти муҷассамаҳои занона, ки дар шакли олиҳа тасвир шудаанд, аз манзалати шоистаи зан дар замони Бохтариҳо шаҳодат медиҳанд. Онҳоро муаррихон аз ҷумлаи иконографияи замон номбурд кардаанд [6,29]. Чунин хулоса ба топонимикаи минтақа созгор меояд.

Дастовардҳои зиёди мавзеи Фархорро олимон ба замони Кӯшониён мансуб медонанд. Ҳамчун далели дараҷаи ба замони худ мувофиқ будани тараққиёти илму маърифат тавсиф менамоянд.

Таҳаввулоти баъзе топонимикаи Хатлонзамин, аз ҷумла, минтақаи Фархорро муаллифони китоб дар вобастагӣ ба дигаргуниҳои раванди таърихӣ ва забткориҳои замони Қарахониёну Салҷуқиён мансубият додаанд [6,31], ки хулосаи мантиқӣ аст.

Ҳамзамон, ба ақидаи муҳаққиқон, номи Фархор, ба макони бутҳо будани мавзеи номбурда ишора мекунад. Ин фарзия бо назардошти бозёфтҳои қадимӣ тақвият дода мешавад.

Воқеан, хотирнишон бояд қайд кард, ки дар мавриди истилоҳи *№136/м* «Фархор», тафсирҳо, ба тарзи анъанавӣ, асосан дар ҳамин пояанд. Тафсилоти он қисман дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [4] оварда шудааст: «Фархор»:

**1) шаҳре дар Мовароуннаҳр**, ки дар замони пеш бо бутхонаҳояш машҳур будааст:

*Ҳамчу Фархор аст маҷлис, то ки ӯ дар маҷлис аст,*
*Ҳамчу Кашмир аст барзан, то ки ӯ дар барзан аст.* *Муизӣ*

**2) бутхона:**

*Бути ман ҷонвар омад, шаманаш бедилу ҷон,*
*Манам ӯро шаману хонаи ман фархор аст.* *Абулмасали Бухороӣ*

**3) фархордес** – фархормонанд; *маҷ.* бисёр ороста ва зебо:

*Дар он орзугоҳи фархордес,*
*Накард орзу бо муомил мукес* [4,420, 5, 393]. *Низомӣ*
*(Мукес – баҳс, нофорам, нохушоянд – С.Я.*).

Чун топонимика бо археология, палеонтология, антропология, этимология ва дигар илмҳои марбути ин соҳаҳо алоқамандии ногусастанӣ дорад, илова карданӣ ҳастем, ки вожаи «фархор», ба назари мо, танҳо ифодакунандаи бутхона, макони бутҳо нест. Маънии ин истилоҳ мебояд васеътар аз он бошад. Инҷониб муътақид аст, ки истилоҳи «фархор»то ҷойгоҳи зиёди бутҳо шудани мавзеъ арзи ҳастӣ кардааст. Ва муаллиф ё муаллифони истилоҳи машҳур нафарони дониста ва соҳибандеша будаанд. Ба фарзияи мо, калима мураккаб ва аз ду реша иборат аст: фар(р) – 1) нур, дурахш, рахшандагӣ; 2) зебоӣ, ҳусн, барозандагӣ; 3) шаън, шавкат... тавоноию ҳашамат [5,393].

Маънии аслӣ дар нуқтаи аввали истилоҳ маҳфуз аст. Ва 2-юм хор. Ба маънои хуршед. Яъне маконе, ки ватани нур, хуршед, рахшандагию гармӣ аст, чуноне ки ин қисмат дар номҳои Хоруғ, Хоразм, Тахор ва баъзе топонимҳои дигар омадааст. Воқеан, Фархор *макони офтоб, нурҳои рахшанда ва равшанӣ* аст.

Маълум аст, ки ҳанӯз аз аҳди қадим то давраи таърихи навтарин, Фархор вобаста ба минтақаи дурдаст ва нисбатан дастнорас будан, ҳамчун макони паноҳгоҳ ва сукунати бисёре аз қавму қабилаҳои дигар, аз ҷумла, мардуми туркзабон низ будааст.

Тавре хотиррасон гардид, истилоҳи «фархор» аз забони қадимаи паҳлавӣ гирифта шуда, бидуни шак, вожаи сирф тоҷикӣ аст. Он бо маънои тафсири маъмулӣ ва эътирофшудааш ба мантиқи идеологияи дини ислом мувофиқат намекард. Аммо қавме, ҳукмрони сиёсие натавонистааст, ки ба номи ин мавзеъ тағйир ворид созад. Истилоҳи мазкур дар замони Шӯравӣ ҳам эътироф ва нигаҳдорӣ шудааст. Албатта, дар ин маврид сухан дар бораи сифатҳои семантикӣ, ҳамчунон, маъниҳои аслӣ ва кӯчидаи мафҳум меравад.

Дар китоби «Ёдгориҳои бостонии Фархорзамин» ҳам, сайри таърихии калима аз дидгоҳи муаллифон оварда шудааст.

Бозёфти асбобҳои ороишӣ ва маишии аз металҳои қиматбаҳо сохташуда, на танҳо дар бораи тавони коркарди канданиҳои фоиданок, балки аз санъати баланди тавассути филизоти гуногун тасвир кардани одамизод, ҳолати руҳиву равонии ӯ, ҳайвонот ва муҳити атроф шаҳодат медиҳанд [6,53].

Муҳаққиқон Х. Муҳиддинов (соли 1964), Е.А. Юркевич (соли 1962), В.А. Ранов (соли 1964) дар макони Мор, ки таърихи 6-5 ҳазор соли пеш аз милодро дар бар мегирад, бозёфтҳоеро кашф кардаанд, ки ба ҳаёти пурсамари заҳматкаши меҳнатқарин ва бофарҳанги ниёкони мо дар водии Сурхоб ва соҳилҳои дарёи Ому ишора мекунанд [6,95]. Шумораи чунин бозёфтҳо ба якуним ҳазор адад мерасад.

Ҳафриёти муаррихон дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор, ки тақрибан 6 ҳазор гектар замини корами обиро дар бар мегирад, гувоҳӣ медиҳад, ки ин мулк дар асрҳои пеш аз мелод ҳам ободу хуррам будааст. Муҳаққиқон дар ин мавзеъ асбобу олотҳои гуногуни коркарди кишоварзӣ ва хоҷагидориро пайдо кардаанд. Далели ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки ҳазорҳо сол қабл дар мавзеи Кокул, айнан мисли имрӯз, дар рӯ ба рӯйи шаҳри машҳури қадима ва акнун харобгаштаи Ойхонум (Афғонистон), аз самти Тоҷикистон гузаргоҳ ва бандари обӣ фаъол будааст. Барои ҳифзи сарҳадот қалъа – истеҳкоми қавӣ бунёд ва истифода шудааст [6,89].

Агар аз рӯйи принсипи таърихӣ нигоҳ кунем, дар ҳоли ҳозир ҳам, дар ин мавзеъ чандин дидбонгоҳҳои сарҳадии мо ҳамчунон мустаҳкаму побарҷо арзи ҳастӣ мекунанд. Воқеияти имрӯза фарзияҳои таърихиро қувват медиҳад.

Муаллифони китоб барои таъмини айният, мушаххасгардонии далел ва фарзияҳо ҳафриёт ва макони бозёфтҳои қадимаро ба тақсимоти маъмурии ҳудудии имрӯза ҷудо карда, мавзеи шаҳру деҳоти атиқаро тавъам бо топонимикаи кунунӣ шарҳу тафсил додаанд.

Таҳиягарони асар тавассути харитаҳо, истифодаи аксҳои ранга дастовардҳои худро тасвир ва тафсир намудаанд. Ин амал дар мутолиа ва дарки муҳтавои китоб кумак мекунад.

Аҳамияти байналхалқии тадқиқотро ба назар гирифта, муаллифон асарро ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам русӣ дар як муқова нашр кардаанд.

Забони китоб сода, равон ва асосан оммафаҳм бошад ҳам, таҳлилгарон бо заҳмат луғати истилоҳоти археологиро ҳам бо ду забон пешниҳоди хонандагон кардаанд [6,101-109; 307- 307].

Бояд таъкид кард, ки «донистан амали абадии беохири наздик шудани тафаккур ба ҳадафи мавриди таҳқиқ мебошад». Чунин иқдоми нек – корҳои археологӣ ва таҳқиқоти этнографӣ мусаллам аст, ки дар давроні навин бояд бо эҳтимоми комил идома ёбанд.

Мутолиаи китоб ба андешаи ғолиб водор мекунад, ки археологҳо тибқи нозукиҳои касб аз рӯйи принсипи дар зиндагӣ ва кору фаъолият аз худ нишони мушаххас гузоштани инсон ва ҷомеаҳои инсонӣ амал намудаанд. Аз ин лиҳоз, онҳо аз назарияи инъикос ҳамчун категорияи диалектикӣ тахассусмандона истифода кардаанд.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки олимон аз шаклҳои одии асаргузорӣ худдорӣ карда, таваҷҷуҳи хешро бештар ба зуҳуроти мураккаби он сафарбар намудаанд. Тавассути меҳнат ихтироъ кардани воситаҳои истеҳсолот ва ба воситаи онҳо дигаргун сохтан, ба мақсадҳои иҷтимоӣ коркард ва мувофиқ намудани маводи дигари табиат, аз таҳаввулоти шуури инсонӣ ҳамчун намунаи инъикоси фаъол нишона аст.

Ба тарзи дигар, ҳангоми ҳафриёти археологӣ муҳаққиқон таваҷҷуҳи худро асосан ба масъалаҳои асаргузории иҷтимоӣ сафарбар намудаанд. Дар ин маврид дарк кардаанд: **«барои он ки ҷараёни инъикоси иҷтимоӣ бо ҳама аломатҳои махсус ва нишонаҳои фарқкунанда аз дигар шаклҳои асаргузорӣ дар табиат тафовут дошта бошанд, бояд ҳади ақал, ҳатто аз лиҳози сатҳӣ ҳам бошад, дар умум, шаклҳои инъикосро, ки то он замон вуҷуд доштанд, омӯхт ва ба ҷараёни таҳаввулоти зуҳуроти он таваҷҷуҳ намуд»** [1,16].

Эътироф бояд кард, ки олимон ба чунин натиҷа, яъне бақайдгирӣ ва исботи инъикоси иҷтимоӣ ноил гаштаанд.

Ҳангоми таҳқиқ таҳиягарон аз илмҳои антропология, таърих, этнология, геология, лингвистика, семиотика, палеография, палеонтолия ҳадафнок ва тахассусмандона истифода кардаанд.

Ҳамчунон, муваффақияти муаллифон аз он иборат аст, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафсири ҳамаҷонибаи мавзуъ ва ҳадафи асар, онҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ ва назарияи маълумот, далелҳои таърихӣ, методҳои генетикӣ-таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-системавӣ, таҳлили диахронии ҳақиқати ҷамъиятию таърихӣ хуб истифода кардаанд.

Тадқиқот дар бораи ёдгориҳои бостонии Фархорзамин қадами муҳиммест барои донистани ҷузъиёти таърихи Ватани мо – Тоҷикистон.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

1. Живкович Л. Теория социального отражаения. – Москва, 1969. – 454 с.

2. Ковальченко И.Д. Методы исторического исследования. – Москва: Наука, 2003. – 486 с.

3. Лихтенштейн Е.С. Слово о науке. – Москва, 1978. – 272 с.

4. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди II (П-Ҷ). – Москва: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – 952 с.

5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 (О-Я). –Душанбе, 2008. – 945 с.

6. Филимонова Т.Г., Муҳиддинов Х.Ю., Ғаффоров Х. Ёдгориҳои бостонии Фархорзамин. – Душанбе, 2023.

УДК: 343.976:323.1 (575.3)

# САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ НАШЪАМАНДӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН ВА ТАҲДИДИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҒУЛОМОВА Ф.А.**
*Доктoранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

*Дар мақола моҳият, таърихи пайдоиш, таҳаввулот ва тамоюли авҷгирии истеҳсол ва истеъмоли маводи мухаддир дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зеро шарҳи моҳияти бунёдӣ ва сабабҳои пайдоиши он имкон медиҳад, ки механизмҳои амалии муқовимат ба ин падидаи зиддиинсонӣ коркард шавад. Инчунин, тадбирҳои андешидаи неруҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир мавриди баррасӣ қарор гирифта, омилҳо ва сабабҳое, ки ба муборизаи бомуваффақияти ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир халал мерасонанд, ошкор карда шудааст.*

*Муаллиф ба он андеша аст, ки бахши асосии истеъмолкунандагони маводи мухаддирро ҷавонон ташкил медиҳанд ва яке аз оқибатҳои нашъамандӣ таназзули ҷисмонӣ ва иҷтимоии қисми фаъолтарини аҳолӣ маҳсуб меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *амният*, *нашъа, ҷавонон, падида, маводи мухаддир, амалҳо, ғайриқонунӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ.*

# ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ НАРКОЗАВИСИМОСТИ СРЕДИ МОЛОДЁЖИ И ЕЁ УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ГУЛОМОВА Ф.А.**

Докторант Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

*В статье рассматриваются сущность, история возникновения, эволюция и развитие терроризма в современном мире. Ибо, объяснение фундаментальной природы и причин его возникновения позволяет разработать практические механизмы борьбы с этим античеловеческим явлением. Также рассматриваются меры, предпринимаемые международными силами в борьбе с производством и трафиком нарковеществ, раскрываются факторы и причины, препятствующие успешной борьбе мирового сообщества с производством и контрабандной наркотических средств.*

*Автор придерживается мнения, что основную часть потребителей наркотиков составляют молодые люди, а одним из последствий наркомании является физическая и социальная деградация наиболее активной части населения.*

***Ключевые слова:*** безопасность, *наркотик, молодёжь, явление, наркотикотические средства, действия, незаконный, обеспокоенность, мировое сообщество.*

# REASONS OF DRUG ORIGIN ABUSE AMONG YOUTH AND ITS THREAT TO NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GULOMOVA F.A.**

*Doctorate of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*

*The article deals with the essence, history of origin, evolution and development of terrorism in the modern world. As for, the explanation of the fundamental nature and causes of its allows us to develop practical mechanisms to combat this anti-human phenomenon. Also consider the measures undertaken by the international forces on struggle against manufacture and the traffic of drugs, factors and reasons, interfering successful struggle of the world community with manufacture and contraband drugs.*

*The author is of the opinion that the bulk of drug users are young people, and one of the consequences of drug addiction is the physical and social degradation of the most active part of the population.*

***Keywords:*** *security, narcotic, youth, phenomenon, actions, illegal, drugs, troublesomeness, world community.*

«Мо бо дарки амиқи оқибатҳои паҳншавии маводи мухаддир, ки на танҳо ба амнияти давлат ва генофонди миллати мо таҳдид менамояд, балки боиси доман паҳн кардани ҷинояткорӣ, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ гардида, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дорад, сиёсатеро пеш гирифтем, ки ҳадаф аз он муборизаи қатъӣ бар зидди ин падидаи номатлуб аст» [9].

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

Имрӯз дар баробари таҳдидҳое чун терроризм, экстремизм, амалҳои коррупсионӣ ва дигар ҷиноятҳои хатарнок муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва маводи аз он омода гардида, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Он бевосита ба амнияти миллии кишвари мо низ таҳдиди ҷиддӣ мерасонад.

Айни замон барои таъмини амният ва сатҳи некуаҳволию солимии ҷомеа, инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҳамаи давлатҳо, бахусус Тоҷикистон, амалҳои ғайриқонунии дар боло зикргардида, аз ҷумлаи ҷиноятҳое чун терроризм, экстремизм ва одамрабоию дигар ҳолатҳои даҳшатовар хатари кам надорад. Зеро ҷинояткорию амалҳои тақаллубкорӣ агар иқтисоду авзои ҷомеаро ба буҳрон орад, пас итеъмол ва гардиши маводи мухаддир бошад, дар баробари ин гуна харобкорӣ ба насли башарӣ, хосса ба ҷавонон, оқибатҳои харобиовар ба бор меоварад. Дар маҷмӯъ, ба генофонди миллат, махсусан ба амнияти кишвар зиёне беш нест.

Бинобар ин, муқовимат ва пешгирӣ бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар яке аз вазифаҳои асосии мақомоти дахлдори давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби ҷуғрофӣ ва дар ҳамсоягии Афғонистон, ки солиёни зиёд вориди ҷанги дохилӣ гаштааст, қарор дорад. Он мушкилоти пешгирии интиқолу муомилоти маводҳои нашъаоварро дучанд мекунад.

Мувофиқи таҳлили коршиносон ва мутахассисони соҳаи мубориза бар зидди қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, вазъият вобаста ба ҳолати мазкур, махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, то ҳол мураккаб боқӣ мондааст. Аз ин хотир, бешубҳа метавон гуфт, ки ҷой доштани мушкилоти маводи мухаддир дар кишвар асосан замминаи ҷуғрофию геополитикӣ дорад.

Тиҷорати маводи нашъадор дар ҷаҳон босуръат афзоиш ёфта, сатҳи муташаккилӣ ба ҷалби муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар доираи васеъро фаро гирифтааст. Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид ҳолати мазкур дар беш аз 170 давлати дунё ба мушоҳида расида, сафи нашъамандон аз миллионҳо нафар ҳам гузаштааст.

Мутаассифона, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба рушду субот ва амнияти бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба Тоҷикистон хатари калон дорад. Хатари мазкур, ба кишвари мо, пеш аз ҳама, аз самти давлати ҳамсоя – Афғонистон бармеояд.

Айни замон як қисми асосии маводи сахттаъсири нашъадор, ки дар Афғонистон истеҳсол мегарданд, маҳз тавассути давлатҳои Осиёи Марказӣ ба дигар кишварҳо интиқол дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар барномаҳои миллӣ оид ба муқовимат ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва назорати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, пеш аз ҳама, масъалаҳои амнияти миллӣ, ба назар гирифта шавад. Инчунин ҳолати мазкур аз вазъи сиёсӣ-ҳарбӣ ва сиёсати дохилию хориҷии кишварҳои ҳамсарҳад вобастагии калон дошта метавонад.

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва чораандешии пешгирии ҳолати гардиш ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор амалӣ шуда истодааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт диққати ҷиддӣ дода, онро аз дигар навъи таҳдидҳо ба амнияти миллии кишвар фарқе намегузорад. Маҳз ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми январи соли 2021 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» вобаста ба хатарҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор иброз намудаанд, ки «Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи мураккаби минтақа ба таҳкими доимии ҳифзи сарҳад, махсусан, сарҳади Тоҷикистону Афғонистон диққати аввалиндараҷа дода, барои пешгирӣ кардани қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, адабиёти экстремистӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ дар хатти сарҳади давлатӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад» [9].

Дар ҳақиқат ҳам, ин падидаи таҳдидкунанда на танҳо сиёсати неруманди мақомоти қудратии давлатро, балки такмил ва рушди механизмҳои муқовимати ҷомеаро, бахусус дар байни ҷавонон, тақозо менамояд. Амалисозии мақсаднок ва дастаҷамъонаи мубориза ба ин зуҳуроти зиддибашарӣ, пеш аз ҳама, дарки моҳияту ҳадаф ва таъминоти иқтисодиву молиявии онро талаб менамояд. Тавсифи он имкон медиҳад, ки механизмҳои амалии муқовимат ба он коркард карда шаванд.

Таҳқиқоти бостоншиносон собит месозад, ки одамон ҳанӯз дар асри санг аз растаниҳои нашъадор истеъмол менамуданд. Кокаин ва чанде дигар нӯшокиҳои мадҳушкунандаву гиёҳҳои гуногуни бавуҷудоварандаи тағйироти физиологӣ аз ҷумлаи гуфтаҳои болост. Маълумотҳо низ ҷой доранд, ки ин маводро барои тағйироти шуур ва дар вақти омодагӣ ба ҷанг истифода мебурдаанд [4,437].

Барои боз ҳам амиқтар ворид шудан ба гузориши масъала, зарурат пеш меояд, ки ба шарҳи мафҳуми маводи бегонакунандаи ақлу ҳуши инсоният бипардозем. Ба назари бархе аз коршиносон пайдоиши калимаи «афюн» аз юнонии «opium» – *шира* мебошад. Аз ин калима баъдтар эҳтимол, дар яҳудии қадим «ophion», арабӣ «afyun» ва ғ. пайдо мегарданд. Номи хитоии афюн «ofuyng» ва шакли дигари он «yapien» ва «opien» аз решаи калимаи арабӣ бармеояд. Парвариши кӯкнор хеле барвақт, то замони нав ба Миср ва Баҳри Миёназамин омада расидааст.

Тибқи сарчашмаи дигар, нашъа (наркотик) аз вожаи лотинии «ναρκωτικός» гирифта шуда, маънои карахтӣ, беҳушӣ ё беҳиссӣ, ҳис накардани дардро ифода менамояд. Ин истилоҳро одатан ба гиёҳҳои афюн ё тарёк нисбат медиҳанд [8].

Асосан, маводи «ναρκωτικός» (нашъа) бори аввал аз ҷониби табиби юнонӣ Гиппократ, бо мақсади ифодаи моддаҳои гумкунандаи ҳиссиёт ё фалаҷкунанда истифода шудааст.

Истилоҳи мазкурро табиби барҷастаи замони бостон Клавдий Гален низ истифода бурдааст. Ба сифати чунин моддаҳо Гален, масалан, решаи мандрак, донаҳои эклат ва кӯкнорро зикр кардааст. Мафҳуми «нашъа» аксар вақт дар адабиёт ва коргузории тиббӣ ва ҳуқуқӣ ба маънои васеъ истифода бурда мешавад, ки ҳама моддаҳои психоактивии ғайриқонунӣ, новобаста аз фармакологияи онҳоро ифода мекунад [8], [5].

Дар давраҳои минбаъда, одатан дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон тарёк (нашъа) дар доираҳои муайяни иҷтимоӣ мавриди истифода қарор мегирифт. Лекин дар шакли умумӣ истифода ва дар муомилот гузоштани ин маводи марговар ба назар гирифта намешуд. Аз охири асри XVII ва аввали асри XVIII, махсусан асри XIX Афғонистон бо ин се падида (истеҳсол, истеъмол ва фурӯши маводи мухаддир) дар дунё маъруф гашт. Сабаб он буд, ки ду маротиба империяи ҷаҳоншумули англис дар ҷанг бо афғонҳои баору номуси ватандор сахт шикаст хӯрд.

Бояд қайд кард, ки маводи нашъадор тӯли асрҳо ҳамчун васила барои абарқудратҳо дар муборизаҳои сиёсӣ истифода шудааст ва имрӯз низ истифода мешавад. Мақсад аз истифодаи ин восита заиф гардонидани душман, иқтидори ҷисмонӣ ва ақлонии он ва дар

ниҳоят беобрӯ ва дар арсаи байналмилалӣ паст кардани мавқеи рақиб ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир ин таҳдид дар ҳама самтҳо пурра мушоҳида мегардад.

Ҳолати мазкур дар баробари оне, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, давлатҳои миллӣ низ аз он дар канор буда наметавонад. Ин зарурати дастгирии созмонҳои байналмилалиро тақозо менамояд.

Мубориза алайҳи қочоки маводи мухаддир истифодаи имконоти занҷираи пайдарпайиро тақозо мекунад. Дар сурати муттаҳид шуданамон, метавонем гардиши ғайриқонунии маводи нашъаоварро аз байн барем. На танҳо Тоҷикистон, балки тамоми кишварҳои дунё, бояд ба кишвари мо аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва ҳатто ҳарбӣ хушбин бошанд ва ҳамкории муфидро ба роҳ монанд. Чунин фаҳмиш алҳол вуҷуд дорад ва ҳаст. Аммо он заифтар аз воқеият мебошад. Баробар будани кумакҳои байналмилалӣ бо он таҳдидҳое, ки дар ҳақиқат Тоҷикистон ба он рӯ ба рӯст, судмандӣ ва муваффақияти муборизаро бо ин зуҳурот ва чолишҳои хатарноки замонавӣ тақвият мебахшад.

Мувофиқ ба маълумоти Конвенсияи соли 1961 ва Протоколи соли 1972 вобаста ба маводи мухаддир то 1-уми ноябри соли 2009 шумораи иштирокчиён ба 186 нафар расидааст, ки ин 96 фоизи тамоми давлатҳоро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 184 давлат аъзои Конвенсияисоли 1961 ва Протоколи соли 1972 буда, Афғонистон ва Чад танҳо аъзои Конвенсияи соли 1961 мебошанд. Ҳашт давлат ба Конвенсияи соли 1961 ҳамроҳ нашуданд: Гвинеяи Экваториалӣ, Тимори Шарқӣ, Вануату, Кирибати, Науру, Ҷазираҳои Кук, Самоава Тувалу [1].

Бо вуҷуди ҳамроҳ гардидани давлатҳо ба созишномаҳои байналмилалии дахлдор, таъсири истифода ва хариду фуруши маводи нашъадор дар ҷомеа аз байн нарафтааст. Махсусан истеъмоли маводи мухаддир бахши асосии истеъмолкунандагони он ҷавононро ташкил медиҳанд. Ҷавонон, ки қишри осебпазири ҷомеа ба шумор мераванд, амали истеъмоли чунин мавод таназзули ҷисмонӣ ва иҷтимоии онҳро ба бор меорад.

Ҳангоми тадқиқоти нашъамандии наврасон, масъалаи сабабҳо ва натиҷаро муайян кардан махсусан душвор аст. Қуллаи тағйирот ва стрессҳои ботаҷриба ба давраи наврасии миёна рост меояд.

Қабл аз истифодаи маводи мухаддир метавонад пешравии суст, ҷудошавии иҷтимоӣ, саркашӣ ҷой дошта бошад, гурӯҳҳои хавф вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, истеъмоли воситаҳои барангезандаи вобастагӣ дар ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба қайд гирифта шудааст.

Қисми зиёди муносибати манфӣ ба нашъамандон дар ҷомеа бо зуҳуроти берунӣ, аз қабили вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, тарзи ҳаёти носолим, робитаи мустақим бо тиҷорати маводи мухаддир алоқаманд аст. Нашъамандӣ дар ҳама қишри табақаҳои ҷомеа ҷой дорад. Бештар аз ин ба ҳолати мазкур наврасон ва ҷавонон дучор мегарданд, ки ба ин давраҳои гузариши ҳаётии онҳо таъсири худро мерасонад. Махсусан, носолимии баъзе оилаҳо ба ҳолати равонии кӯдакону наврасон бетаъсир намемонад. Масалан, кӯдаконе, ки дар оилаҳои камбизоат, майзада ба воя мерасанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз наврасону ҷавонон ба нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ шуруъ намуда, бензин, ширешҳои «Момент» ва «Резинӣ»-ро бӯй мекашанд, баъд ба кашидани нашъа, коҳи кӯкнор мегузаранд, аз паркопан, кетамин лаззат мебаранд. Сипас онҳо маводи мухаддири нисбатан сахттаъсирро, аз қабили «мехи печон» («винт»)-ро месанҷанд ва нашъаманд мешаванд. Ва агар барои онҳо ин роҳи дур шудан аз воқеияти ифлоси атрофи онҳо бошад, пас насли волидайни сарватманд ба хотири худро калон ва бовиқор нишон додан, ба истеъмоли маводи мухаддир шуруъ мекунанд. Яъне, ин қадами аввалин ба амали носолими харобиовар мебошад [10].

Дар шароити мамлакати мо, ки роҳи навини тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, пеш аз ҳама, давлатсозиро пеш гирифтааст, ҷавонон қувваи асосии давлатдории моро ташкил дода, такягоҳи асосии давлату ҳукумат ба онҳо маҳскб мешаванд. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷавонони мо бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи ватандорӣ барои дифоъ аз

амнияту осоиштагии хеш роҳи дурусти ҳаётро интихоб намоянд. Аммо, мутаассифона, дар миёни бархе аз ҷавонону наврасони мо кирдорҳои хусусияти ҷиноидошта, ба монанди истеъмоли мди мухаддир, ба назар мерасанд. Бо назардошти чунин омилҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ то имрӯз дар самти мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб иқдом ва чораҳои мухталифи таъсирнокро таҳия ва роҳандозӣ намудааст.

Баробари афзоиши миқёси қочоқи мухаддир, Ҳукумати Тоҷикистон бо эҳсоси масъулият дар назди халқи кишвар ва тамоми башарият ба татбиқи чорабиниҳои маҷмуӣ ҷиҳати пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар шуруъ намуд. Аз ҷумла, соли 1994 дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ воҳидҳои мустақил ва махсуси мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ташкил карда шуд.

Ҳамзамон, бо ин, барои фароҳам овардани асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шуданд; санадҳои қонунгузории кишвар бо асноди меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ гардонида, заминаи мубориза, пешгирӣ ва назорати муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин табобати бемории нашъамандӣ дар сатҳи меъёрҳои ҷаҳонӣ фароҳам оварда шуд.

Ҳоло заминаи қонунгузории дар Тоҷикистон ташкилшуда имкон медиҳад, ки мушкилиҳои мубориза бо муомилоти ғайриқонунии мухаддирот, назорат аз болои гардиши онҳо ва пешгирии нашъамандӣ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда шаванд. Дар баробари ин, барои пурзӯр намудани мубориза бо маводи нашъаовар мо чанд сол қабл пешниҳод карда будем, ки дар Тоҷикистон идораи махсуси зидди мухаддирот Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад ва ин пешниҳод аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

Пӯшида нест, ки дар миқёси сайёра миллионҳо одамон бар асари истеъмоли воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ азият мекашанд, садҳо ҳазор хонаводаҳо бадбахт мешаванд ва ҳазорон одамон, хусусан ҷавонон ҷони худро аз даст медиҳанд. Давлатҳои алоҳида маблағҳои калонро барои пешгирии он сарф менамоянд. Ин, албатта, таъсир ва оқибатҳои худро ба амнияти кишвар мерасонад. Гузашта аз ин, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар барои содир гардидани ҷиноятҳои зиёд, бахусус ҷиноятҳои фаромиллӣ ва густариши терроризму экстремизм заминаи мусоиди молиявӣ ба вуҷуд оварда, ҳоло боиси нигаронӣ ва изтироби башарият гардидааст.

Ҳукумати Тоҷикистон бо дарки воқеии хатари нашъамандӣ ба тандурустии аҳолӣ ва генофонди миллат дар баробари таҳкими мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин дар самти пешгирии нашъамандӣ, табобат ва офиятбахшии нашъамандон низ ҳамаи тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

Фаъолияти мақомоти дахлдори кишвар дар самти ошкор намудан, безарар гардонидан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани нашъаҷаллобон ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест.

Яке аз роҳҳои коҳиш додани ҳаҷми истеҳсоли маводи мухаддир таҳия ва мавриди татбиқ қарор додани барномаи рушди алтернативии соҳаи кишоварзӣ ва бозсозии иқтисодиёти Афғонистон, инчунин андешидани чораҳои дастаҷамъона доир ба фароҳам овардани ҷойҳои кории доимӣ ва бо ҳамин роҳ ҳал кардани мушкилоти иҷтимоии мардуми он мебошад.

Ҳарчанд масъалаи мазкур борҳо дар сатҳҳои мухталифи созмонҳои бонуфуз муҳокима гардид, вале тадбирҳои ҷиҳати татбиқи он андешидашуда то ҳанӯз чандон таъсирбахш нестанд.

Метавон гуфт, ки нашъамандӣ дар ҳар гӯшаи ҷаҳон пояи геополитикӣ, ҷуғрофиявӣ ва оқибат натиҷаи амали гурӯҳҳои махсуси иҷтимоӣ мебошад. Таърихан субъектҳои геополитикӣ дар вақт ва фазои муайян маводи мухаддирро ҳамчун воситаи бозиҳои геополитикӣ истифода намудаанд. Мақсад аз он, суст ва заиф намудани ҳариф, аз байн

бурдани на танҳо генофонд, балки обрӯ ва эътибори байналмилалии он ба шумор меравад. Дар ин маврид, тактика ва стратегияи амалиёти бозингарҳои геополитикӣ баръало намудор мегардад. Дар маҷмуъ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, минҷумла Тоҷикистон, ҳамчун ҳадаф дар роҳи амалӣ намудани чунин стратегия ба ҳисоб меравад. Ҳаммарз будани Тоҷикистон ба Чин, шарики стратегии Россия будани кишвари мо, дар назди марзҳои Покистон қарор гирифтани он аз ҷумлаи чунин шартҳост.

Гурӯҳҳои ҷиноятии нашъаҷаллоб роҳҳои кишвари моро ҳамчун муносибтарин масири интиқоли корвони марг ёфтааст, ки метавонад ҳероини афғонро бо харҷи камтар то ба Русия ва аз он ҷо ба дигар кишварҳои Аврупо интиқол бидиҳад.

Тоҷикистон кишвари истеҳсолкунандаи маводи мухаддир нест, вале бинобар мавқеи ҷойгиршавии геополитикии худ ва бо Афғонистон дар масофаи қариб 1,5 ҳазор километр доштани сарҳадот бо шароити мураккаб, ба яке аз сипарҳои асосӣ дар роҳи қочоқи он ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Аврупо, Амрико ва дигар минтақаҳои ҷаҳон мубаддал гаштааст.

Муқовимат бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар қисми ҷудонашавандаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи татбиқи чораҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ, ҷустуҷӯиву пешгирикунанда ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози рисолати худ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратиро барои тақвияти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, экстремизм, коррупсия ва дигар ҷинояткории муташаккилона ҳидоят намуда, оромиву суботро дар ҷомеа таъмин намуданд.

Мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар баробари дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили коррупсия, терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо омили муҳимми пешрафт дар роҳи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияту бехатарии давлат, суботу оромии ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати пешгирии ин падидаҳои номатлуб камтарин воситаҳои таъсиррасонӣ, ки метавонад дар пешгирӣ, муқовимат ва таълиму тарбияи шаҳрвандон, бахусус насли ҷавон кумак расонад, ҳам аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам ва самаранок истифода гардад.

Мо дар якҷоягӣ метавонем барои таъмини фазои солим, боэътимод ва амнияти Осиёи Марказӣ саҳм гузошта, минтақаро аз таҳдидҳои ҷиноятҳои муташаккил ва истеъмоли маводи нашъаовар озод намуда, ба якпорчагии низоми адлия боварӣ дошта бошем, то дастрасии ҳама ба хидматрасониро таъмин кунем. Дар замони муосир ин таҳдид дар ҳама самтҳо пурра мушоҳида мегардад.

Дар робита ба ин масъала сиёсатшиноси ватанӣ, профессор Ятимов Саймумин Сатторович дар ҷаласаи XVII иҷлосияи роҳбарони ниҳодҳои амниятӣ ва истихборотии кишварҳои узви ИДМ чунин изҳор доштааст: «... вазъи кунунии Афғонистон на танҳо ба амнияти Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, барои тамоми кишварҳои пасошӯравӣ, бахусус минтақаҳое, ки аҳолии мусалмоннишин доранд, таҳдиди воқеӣ дорад». Ба андешаи донишманд «ҳамарӯза аз 500 то 600 нафар аз афғонҳо кӯшиши убури марзи давлатӣ бо Тоҷикистонро доранд», ки ин дар ин муддат ба афзоиши ҳаҷми қочоқи маводи мухаддир, аслиҳа ва муҳиммоти ҷангӣ аз давлати ҳамсоя мусоидат мекунад [11].

Бо назардошти далели мазкур, ҷиҳати бартараф кардани мушкилот дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҳамбастагӣ моро зарур аст, ки вазифаҳои зеринро амалӣ намоем:

1. Андешидани чораҳои самаранок дар самти қатъ намудани фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткории фаромиллии нашъаҷаллоб;

2. Устуворсозии пояҳои моддӣ-техникии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Тоҷикистон, ки бо назорати мухаддирот машғул мебошанд;

3. Бо истифодаи васеъ аз имкониятҳои Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи телевизион ва радио, бо ҷалби ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ходимони дин ташкил ва ба таври мунтазам гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда, инчунин корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонон.

Вақте сухан дар бораи мубориза бар зидди нашъамандӣ, терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроти номатлуб, ҳамчунин, пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори онҳо меравад, бояд тамоми имкониятҳо ба инобат гирифта шаванд. Яъне, танҳо бо қувваи ниҳодҳои амниятӣ ва бо истифодаи механизми маҷбуркуниву таъсиру таҳдиди силоҳ наметавон чунин мушкилотро бартараф сохт. Дар шароити кунунӣ зуҳуроти номатлуб – қочоқи маводи нашъаовар, терроризму экстремизмро ягон давлат, ҳатто кишварҳои абарқудрат, наметавонад ба танҳоӣ аз байн барад. Барои аз байн бурдани падидаҳои мазкур ҳамоҳангӣ ва ҳамкории тамоми ниҳодҳои мамлакат ва барномаву принсипҳои ягонаи байналмилалӣ лозиманд. Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 76-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид иброз намуданд: «Муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ки даромад аз муомилоти онҳо яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ мебошад, иқдомҳои муштарак ва талошҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунад»[12].

## АДАБИЁТ:

1. Азимзода Н.Б., Ҳусейнзода С.Ҳ., Авизова Ш.Н. Хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон. Ҷинояткории ноболиғон ва роҳҳои пешгирӣ намудани он: монография. – Душанбе, 2021. – 170 с.

2. Ананич С.В., Легенченко Н.А. Предупреждение наркомании и наркотизма уголовно-правовыми и криминологическими средствами // Вестник Академии МВД Респ. Беларусь. – 2014. – №2. – 349 с.

3. Борисовский В.И. Противодействие наркотизму: уголовно-правовой и криминологический аспекты: автореф. дис. канд. юрид. наук. – СПб., 2006. – 189 с.

4. Ғуломова Ф.А. Таҳдиду хатари гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷаллаи илмии Идоракунии давлатӣ. Бахши илмҳои сиёсӣ. – 2022. – №4/1(58). – 454 с.

5. Ғуломова Ф.А. Сухане чанд оид ба таърихи нашъа// Маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ.– 2010. – №2 (58). – 315 с.

6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998.

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 126 с.

8. Криминология: учебник для аспирантов / Под ред. И.М. Мацкевича. – Москва: НОРМА; ИНФРА , 2017. – 249 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми январи соли 2021. – Душанбе: Шарқи озод. – 73 с.

10. Портнов И.П. Современные подходы к решению проблемы объекта и предмета профилактики преступности // Государство и право. – 1996. – №6. – 79 с.

11. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www.tj.sputniknews.ru (санаи муроҷиат: 19.06.2023).

12. Шарҳи вазъи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021.

УДК: 325.1:314.15(4/9)"20"

# БУҲРОНИ ҶАҲОНИИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРРАСОН ДАР ПЕШБУРДИ СИЁСАТ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПО

**МИРВАЙСОВ М. С.**

*Ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф вобаста ба буҳрони муҳоҷират дар кишварҳои Аврупо, дар асоси маводи мавҷуда, таҳлили мақолаҳои коршиносони тоҷик, рус ва аврупоӣ, вобаста ба омилҳо ва мушкилоти он, таҳқиқот анҷом додааст.*

*Муайян карда шудааст, ки муҳоҷирати номунтазам ва ғайриқонунӣ ҳамчун мушкилоте ба миён омадааст, ки солҳои тӯлонӣ Иттиҳодияи Аврупо (ИА) ва ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Таҳлилҳои анҷомдода нишон медиҳанд, ки буҳрони муҳоҷирати аврупоӣ дар тирамоҳи соли 2015 ба далели афзоиши чандкаратаи ҷараёни гурезаҳо ва муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба Иттиҳодияи Аврупо (ИА) аз кишварҳои Африқои Шимолӣ, Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ авҷ гирифта, мушкилиҳои зиёдеро вобаста ба қабул ва ҷойгиркунии онҳо пеш овард. Бо назардошти муҳиммияти мавзуъ, айни замон масъалаи муҳоҷират ва муҳоҷирин боз дар рӯзномаи ҷаласаву чорабиниҳои ИА дар мадди аввал қарор гирифтааст. Имрӯзҳо муҳоҷират дар Аврупо, пеш аз ҳама, ҳамчун як мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ арзёбӣ мешавад, зеро ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукуматдорони ИА аз миқёси муҳоҷирати ғайриқонунӣ нигаронӣ доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷират, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, Иттиҳоди Аврупо, сиёсат, иқтисодиёт, геополитика, буҳрон, ҳизби ростгаро, радикализм, муносибатҳои байналмилалӣ.*

# МИРОВОЙ КРИЗИС МИГРАЦИИ КАК ФАКТОР ВЛИЯНИЯ НА ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ПОЛИТИКИ В ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАНАХ

**МИРВАЙСОВ М. С.**

*Научный сотрудник Института изучения проблем Азии и Европы НАНТ*

*В данной статье автор провёл исследование миграционного кризиса, охарактеризовал его факторы и проблемы в европейских странах на основе доступных материалов, анализа статей таджикских, российских и европейских специалистов.*

*Установлено, что незаконная и нелегальная миграция превратилась в проблему, которая на протяжении многих лет беспокоит Европейский союз (ЕС) и мир. Анализ показывает, что европейский миграционный кризис обострился осенью 2015 г. в связи с многократно возросшим потоком беженцев и нелегальных иммигрантов в Европейский союз (ЕС) из стран Северной Африки, Ближнего Востока и Южной Азии, вызвавшим многие проблемы, связанные с их приемом и урегулированием. Учитывая важность темы, вопрос миграции и иммигрантов теперь снова находится в повестке встреч и мероприятий ЕС. Сегодня миграция в Европе рассматривается, прежде всего, как политическая, социальная, экономическая и культурная проблема, поскольку гражданское общество и власти ЕС обеспокоены масштабами нелегальной иммиграции.*

***Ключевые слова:*** *миграция, нелегальная миграция, Евросоюз, политика, экономика, геополитика, кризис, ультроправая партия, радикализм, международные отношения.*

# THE GLOBAL MIGRATION CRISIS AS AN INFLUENCING FACTOR IN THE IMPLEMENTATION OF POLICIES IN EUROPEAN COUNTRIES

**MIRVAYSOV M.S.**
*Researcher of Institute for Asian and European Studies, NAST*

*In this article, the author conducted a study of the migration crisis, its factors and problems in European countries based on available materials, analysis of articles by Tajik, Russian and European experts.*

*It has been established that illegal migration has become a problem that has been troubling the European Union (EU) and the world for many years. The analyzes show that the European migration crisis escalated in the fall of 2015 due to the manifold increase in the flow of refugees and illegal immigrants to the European Union (EU) from the countries of North Africa, the Middle East and South Asia, which caused many problems associated with their reception and settlement. Taking into account the importance of the topic, the issue of migration and immigrants is now back on the agenda of EU meetings and events. Today, migration in Europe is seen primarily as a political, social, economic and cultural issue, as civil society and EU authorities are concerned about the scale of illegal immigration.*

***Key words:*** *migration, illegal migration, European Union, politics, economics, geopolitics, crisis, ultra-right party, radicalism, international relations.*

Бухрони ҷаҳонии муҳоҷират, ки аз соли 2015 инҷониб боиси нобаробарӣ дар низоми муҳоҷират дар кишварҳои Аврупо гардид, тадриҷан таъсири сахт ба муносибатҳои иқтисодии дохилии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо расонид. Ин омил сабаби бад шудани вазъи иҷтимоии бархе аз табақаҳои ҷомеаи аврупоӣ гардид. Барои мисол, аз нигоҳи иқтисодӣ эҳтиёҷот ба корҳои мавсимии коргарон ва донишҷӯён, ки одатан кампардохт ҳисобида мешуданд, дар Фаронса ва Олмон қисман кам гардид, ки боиси норозигии ин табақаи ҷомеаи аврупоӣ арзёбӣ шуд.

Мутобиқи ақидаи коршиносон, роҳҳо ва мушкилоти ҳалли бухрони ҷаҳонии муҳоҷират комилан равшананд ва онҳо зарур мешуморанд, ки маводи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷилавгирии самаранок ва танзими ҷараёни муҳоҷират бо назардошти суботи иқтисодӣ роҳандозӣ карда шавад. Чуноне ки собиқ вазири корҳои дохилии Олмон Х.Зеехофер изҳор намуд, консепсияи А. Меркел оид ба танзими вазъи муҳоҷирони «hot spots» куллан ноком шуд [12]. Дар баробари ин, нигоҳдории дарозмуддати муҳоҷирон дар қароргоҳи махсус мушкилоти дерина ба ҳисоб меравад. Аз муҳлати муносиби аз 4 ҳафта то 6 моҳ зиёд нигоҳ доштани муҳоҷирон дар бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла, дар Олмон, Фаронса ба мушоҳида мерасад. Ба ин лагерҳо мунтазам пайвастани гурезаҳои нав, ба муносибати минбаъдаи муҳоҷирон ба мақомоти кишварҳои иқомат таъсири манфӣ мерасонад. Ҳатто гуфтушунидҳо оид ба афзоиши маблағ барои нигоҳдории лагерҳои гурезаҳо, ки 23 июли соли 2020 дар Вена сурат гирифт, ҳеҷ натиҷаи дақиқ надод. Тибқи гузориши СММ дар бораи муҳоҷират, дар соли 2020 мизони муҳоҷирати на танҳо хориҷӣ, балки дар дохили худи ИА ҳам афзоиш ёфтааст [11].

Дар ин замина, то имрӯзҳо омили муҳимми динамикаи иқтисодии Аврупои Ғарбӣ ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирин вобаста ҳисобида мешавад. Моҳи апрели соли 2020 Бонки Ҷаҳонӣ тахмин зада буд, ки интиқоли пул ба кишварҳои камдаромад ва миёна дар соли 2020 то 445 миллиард доллар коҳиш хоҳад ёфт, аммо маълумоти ахир аз кишварҳое, ки гирандагони аслии интиқоли пул ҳастанд, тамоюли дигарро нишон медиҳад.

Пас аз таназзули аввалин дар нимаи аввали соли 2020, чунин ба назар мерасад, ки интиқоли пул дар чанд кишвар ба меъёрҳои қабл аз COVID-19 баргаштааст. Иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар моҳҳои феврал-марти соли 2020 ба беқурбшавии шадиди асъор дучор шуданд, дар ҳоле ки пули кишварҳои пешрафта дар ҳамон давра тамоюли қавӣ доштанд [13].

Ин метавонад боиси он гардад, ки миқдори муқаррарии маблағҳои интиқолшуда аз ҷониби муҳоҷирин ба ватани худ ҳангоми конвертатсия ба маблағҳои зиёдтар мубаддал шаванд. Вазъи молиявии муҳоҷирон дар замони буҳронҳо низ метавонад омили таъсиркунанда арзёбӣ шавад, зеро муҳоҷирон пасандозҳояшонро барои дастгирии оилаҳои худ дар кишварҳои аз ҷониби COVID-19 сахт зарардида фиристонанд, ҳамчунин баръакс, вақте ки оилаҳо муҳоҷирони худро, ки дар давлатҳои зарардидаанд дастгирӣ менамоянд. Пандемияи коронавирус ба иқтисоди Иттиҳоди Аврупо зарбаи сахт расонд. Тавре «Eurostat» қайд мекунад, иқтисоди ИА дар семоҳаи охири соли 2019 ҳамагӣ 0,1% афзоиш ёфтааст, ки дар тӯли беш аз 20 соли охир ҳамчун ҳадди хатарнок арзёбӣ мегардад [9]. Инчунин, пандемия дар давраи фаъоли таҷдиди сохтори соҳаи энергетика дар Аврупо оғоз ёфт. «Сабзгардонӣ"-и фаъоли базаи энергетикӣ сармоягузориҳои бузурги иқтисодиро талаб менамояд, ки аллакай дар буҷаи кишварҳои аврупоӣ пешбинӣ шудаанд ва ин далел махсусан дар Олмон зоҳир мегардад. Ҳоло Бонки марказии Аврупо як барномаи фаврии бозпас харидани вомбаргҳоро ба маблағи 1 триллиону 350 миллиард евро оғоз мекунад, ки ба қурби евро дар арсаи ҷаҳонӣ зарба мезанад ва ин омил маҷбур мекунад, ки хароҷоти мухталифи иқтисодиёти миллиро бознигарӣ кунанд.

Ба ақидаи А.В.Страхов, ҳамагӣ 3 сенарияи рушди буҳрони муҳоҷират вуҷуд дорад: «Анҷоми Аврупо», «Тағйироти бисёрфарҳангӣ» ва «Рад кардани консепсияи бисёрфарҳангӣ» [6,249]. Сенарияи аввал нигоҳ доштани сенарияи мавҷударо дар ҳолати вазъияти солҳои 2015-2016 пешбинӣ мекунад – ин ҳамон сиёсати пештараи муҳоҷират, бесуботӣ дар Шарқ ва идомаи бисёрфарҳангӣ. Варианти дуюм, ворид намудани тағйироти тадриҷии нарм дар қонунгузории муҳоҷират, ҷалби шарикони хориҷӣ барои машваратҳо ва ҳамчунин коҳиши кумакпулӣ ба муҳоҷиронро дар бар мегирифт. Варианти сеюм, бастани қатъии сарҳад ва ихроҷи шумораи зиёди муҳоҷиронро дар бар мегирифт, ки ҳамзамон ҷорӣ кардани манъи пешниҳоди шаҳрвандиро низ пешбинӣ менамояд. Пас аз пандемияи ҷаҳонӣ, чунин ба назар мерасад, ки маҳз сенарияи дуюм бештар афзалият дорад.

Дар заминаи қисман бартарафшавии тадбирҳои карантинӣ аз ҳама муҳиммаш бардоштани маҳдудиятҳои шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ маҳсуб мешавад, ки ба масъалаи муҳоҷират бевосита таъсиррасон мебошад. Бо кушода шудани сарҳадҳо, давлатҳо бояд ба чолишҳои нав омода бошанд. Тавре коршиноси «International Studies» Н.Аскеров зикр мекунад, дар Иттиҳоди Аврупо захираҳо барои расонидани кумаки бебозгашт ба шумораи зиёди муҳоҷирон кофӣ нест [14].

Аз ин рӯ, барои самараноктар шудани сиёсати муҳоҷират аз гурезаҳое, ки мехоҳанд ба қаламрави Иттиҳоди Аврупо ворид шаванд, аз онҳо самараву фоида – ҷалбкунӣ ба корҳои ҷамъиятӣ талаб кардан лозим аст. Илова бар ин, кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо бояд дақиқ дарк кунанд, ки дар гузашта ба чӣ хатогиҳо роҳ додаанд ва чӣ гуна ба ассимилятсияи (омехташавӣ, ҳазмшавӣ) бештари муҳоҷирон мусоидат кунанд. Ғайр аз ин, мамлакатҳои Аврупои Ғарбиро зарур аст, ки барномаҳои махсуси фарҳангиро роҳандозӣ кунанд ва ба мақомоти идоракунии маҳаллӣ диққати бештар диҳанд.

**Вокуниши ҷомеаҳои аврупоӣ ба буҳрони муҳоҷират.** Бояд тазаккур дод, ки муҳоҷират на танҳо мушкилии ягонаи ҳизбҳои радикалии аврупоӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ташкилотҳо, ба монанди Фронти миллӣ, Алтернатива барои Олмон, Ҳизби мардумии Дания, Ҳизби озодӣ ва ғайраҳо нисбатан муддати дароз фаъолият намуда, аллакай барои худ рӯзномаи сиёсии дақиқ доранд.

Бар заммии решадавонии муҳоҷирбадбинӣ дар ҳудуди бисёре аз кишварҳо, густариши исломофобия, бахусус дар кишварҳои сарватманди Аврупои Ғарбӣ, ба як падидаи босуръате табдил ёфтааст. Бино ба маълумоти ин пурсиши сотсиологӣ, афзоиши исломҳаросӣ дар соли 2018 дар муқоиса бо соли 2017 дар кишварҳое, чун Фаронса (5%, 34%), Британияи Кабир (8%, 36%), Олмон (4%, 33%)-и пурсидашудагон ба қайд гирифта шудааст [8]. Дар баробари ин, зарур аст, дар аввал, давраи буҳрони муҳоҷират (солҳои 2015-2016 ), муносибати ҷомеа вобаста ба масъалаи муҳоҷират хеле мусбат буд. Ҳамин

тавр, бештари ҷомеа дар Олмон дар бораи қабул кардани муҳоҷирон дар кишвари худ ба таври мусбӣ изҳори назар карда буданд. Аксари сокинон қайд карданд, ки муҳоҷирон як ҷузъи муҳимми занҷирҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба рушди ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд [5]. Бо вуҷуди ин, баъд аз чанде, мутаносибан сатҳи норозигии ҷамъиятӣ вобаста ба сарфи маблағҳои давлатӣ барои муҳоҷирон афзудан гирифт. Ҳарчанд вазъи аслӣ баръакси инро нишон медод, яъне, муҳоҷирон дар афзоиши умумии ММД дар Иттиҳоди Аврупо (дар давраи аз соли 2017 то 2019 саҳми муҳоҷирон дар афзоиши ММД ИА аз 0,05% то 0.19% зиёд шудааст) мусоидат мекунанд. Афзоиши шуғли муҳоҷирони қобили меҳнатро оморҳои расмӣ низ тасдиқ мекунанд. Сатҳи бо кор таъмин будан дар тамоми Иттиҳоди Аврупо дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2014 5,2% зиёд шудааст. Дар навбати худ, сатҳи қисман бо кор таъмин будан, тамоюли пастравӣ дошта, дар соли 2018 дар муқоиса бо соли 2014 ин рақам 3.1% кам шудааст.

Вале аз ҳама мушкилоти ҷиддӣ дар замони ҳозира маҳз ба шакли рафтори фарҳангии муҳоҷирон вобаста аст, зеро аксарияти мардҳои синну соли корӣ ба шуғл банд буда, тарбияи фарзандон ба зиммаи занони онҳо вогузор шудааст, ки моил ба тарбияи насли наврас дар руҳияи анъанаҳои миллии худ мебошанд. Илова бар ин, бисёре аз марказҳои геополитикии хориҷӣ омодаанд, ки аз чунин талошҳо пуштибонӣ кунанд. Мисоли ин изҳороти раисиҷумҳури Туркия Р.Т.Эрдуғон дар бораи муҳоҷирони турк дар Олмон аст, ки дар он гуфта буд, ки дар навбати аввал ба кӯдакон забони туркӣ ва танҳо баъдан олмонӣ омӯхта шавад [17].

Дар пасманзари гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки аҳзоби радикалӣ чӣ тавр мехоҳанд ба муваффақият ноил гарданд. Аз ҷумла, метавон дар бораи он сухан гӯем, ки онҳо аллакай расман ҳузури ҳизби худро дар сатҳҳои болоии мақомоти давлатӣ таъмин намоянд. Аксари ин қабил ҳизбҳо аз пурзӯр намудани назорати сарҳадӣ тарафдорӣ менамоянд. Чунончи, аз ҷумла, Алтернатива барои Олмон талаб дорад, ки барои муҳофизати мардум аз муҳоҷирини ғайриқонунӣ нафарони зиёдтар, аз ҷумла аз мақомоти полиси федералӣ ҷудо карда шаванд.

Дар назди давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дигар душвориҳо низ мавҷуданд. Муҳимтарини онҳо ивазшавии аҳолӣ ва афзоиши якбораи исломишавии шаҳрҳост. Хусусан, ин масъала дар Фаронса ҳассостар ба назар мерасад, ки дар ин замина мунокишаҳои иҷтимоӣ ҳатто аз оғози солҳои 2010 шуруъ шуда буд.

Дар Фаронса раванди исломишавӣ ҳам дар сатҳи олии сиёсӣ ва ҳам дар сатҳи рӯзмарра фаъолона инкишоф меёбад. Ҳизбҳои сиёсии исломӣ муддати тӯлонӣ, аз ҷумла «Ҳизби мусалмонони Фаронса» ва «Фаронсаи бисёрмиллат» фаъолият доранд. Онҳо чандин бор дар ҳайати ҳукумат шомил шуда буданд. Ҳарчанд дар исломишавии самти ҳукуматӣ (исломишавии амудӣ) дар Аврупо ҳолати муқаррарӣ ҳисобида шавад ҳам, исломишавии уфуқӣ як мушкилоти хеле ҷиддӣ шуморида мешавад. Бо дарназардошти он, ки аксарияти муҳоҷирон дар Фаронса муҳоҷирони насли сеюманд, фарҳанги ниёгони худро ҳифз мекунанд, дар ин кишвар таъсири пайдарпаии фарҳанги мусулмонӣ мушоҳида мешавад [2,182].

Бо пайдоиши муҳоҷирони нав дар бархе аз қисматҳои кишварҳо, якчанд падидаҳои муҳимро метавон мушоҳида намуд.

Якум, тағйир ёфтани қисми таркибии демографии аҳолии шаҳрҳои алоҳида ва мутаносибан ивазшавии дину маданият. Намунаи равшантарин шаҳри Сент-Дени аст, ки дар давраи аз соли 2012 то 2018 бештар аз нигоҳи динӣ пайравони мусулмонаш зиёдтар шуд, зеро аксари бошандагони ин шаҳр муҳоҷирини аз кишварҳои Шарқи Наздик омада ба ҳисоб мераванд. Чуноне ки рӯзноманигорони машҳури Фаронса Ж.Дам ва Ф.Ломме қайд менамоянд, ин мушкилӣ дар ҳақиқат вуҷуд дорад, вале он ба ҳеҷ ваҷҳ ифшо ва таблиғ карда намешавад ва зиёда аз ин, дар ин хусус сухан кардан низ гӯё манъ аст [10].

Дигар масъала, азнавтақсимкунии глобалии ҷузъиёти иҷтимоию иқтисодии ҳаёти аҳолии шаҳрҳои калон низ ба назар мерасад. Масалан, мувофиқи он, ки дар шаҳрҳои

калон, масалан, дар Париж шумораи бештари мусалмонон пайдо мешаванд, гӯшти хунолуд тадриҷан аз фурӯш аз байн рафта, ҷойи онро гӯшти ҳалол мегирад.

Саввум, ташаккули тадриҷии муассисаҳои таълимии исломиро мушоҳида кардан мумкин аст, зеро аксари шаҳрҳои Фаронса ба мисли Сент-Дени дар боло зикршуда, дар таълим мустақилияти муайян доранд, унсурҳои ғайридунявии таълим ба раванди таълим ворид карда мешаванд [16]. Ҳамаи падидаҳои дар боло зикршуда чизи наве нестанд, оммавӣ ва босуръат афзоиши онҳо боиси аз рӯйи заминаҳои тамаддунӣ ҷудо шудани ҷомеа ва афзоиши антагонизм дар сатҳҳои гуногун мегардад.

Яке аз намунаҳои возеҳи муқобилияти ҷомеа бар зидди исломишавии Аврупо созмон додани ташкилоти «Аврупоиҳои ватандӯст муқобили исломишавии Ғарб» (минбаъд PEGIDA) мебошад. Ҳарчанд қаламрави асосии фаъолияти PEGIDA дар Олмон аст, ин созмон дар чанд кишварҳои дигари бузурги Аврупо низ нуфуз дорад. PEGIDA мавқеи худро ҳамчун созмоне, ки ҷиҳати мусоидат барои ҳифзи Аврупо ва ташкилоти тарафдори сиёсати қатъӣ нисбат ба ассимлиятсияи (омехташавӣ, ҳазмшавӣ) муҳоҷирони дорои фарҳанги бегона шинохта шудааст. Дар давраи буҳрон бошад (охири 2015 – аввали соли 2016), сиёсати ҳизб то ҳадде васеъ шудааст, ки доираи васеи аҳолиро дар бар мегирад ва ба қабули қонуни нави муҳоҷират ва ҳифзи синфи миёна аз талафоти даромад ва андозҳои аз ҳад зиёд нигаронида шудааст [4]. Яъне, PEGIDA ба мушкилоти шадиди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, ки аз муҳоҷират осеб дидаанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда истодааст.

Ҳарчанд ин қувваи сиёсӣ дар айни замон аз ҷониби аксарият ҳамчун ҳизби радикалии ростгаро ва ҳатто миллатгаро шинохта шудааст, бояд зикр кард, ки пайгирии масъалаҳои вобаста ба мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ марбути муҳоҷират, инчунин бо назардошти таваҷҷуҳи афзоянда нисбати ин ҳизб аз он шаҳодат медиҳанд, ки мушкилот воқеан вуҷуд дошта, дар ҷомеа таъсири амиқе дорад.

Илова бар ин, вазъ бо сабаби баромадани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо шадидтар шуд. Ин тасмим на танҳо раванди танзими тамоми системаи муносибатҳои аврупоиро мушкил гардонд, балки боз ҳам ба мушкилшавии вазъи муҳоҷирон дар Аврупои Ғарбӣ мусоидат намуд, зеро Британияи Кабир ҷараёни муҳоҷирони воридшавандаро ба кишвараш хеле маҳдуд кард.

Дар ҳамин радиф бояд тазаккур дод, ки буҳрони амиқи геополитикӣ, ки дар натиҷаи амалиёти махсуси Федератсияи Россия дар Аврупои Шарқӣ дар соли 2022 ба вуҷуд омад, боиси мавҷи дуюми буҳрони байналмилалии муҳоҷират гашт. Яъне, дар натиҷа аз Украина ба Иттиҳоди Аврупо фақат 6 миллион нафар [15] ба ҳайси муҳоҷири иҷборӣ паноҳ бурданд, ки дар натиҷа буҳрони байналмилалии муҳоҷиратро дар ҷаҳон боз ҳам шадидтар ва амиқтар намуд.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Ҳайдаров Р.Ҷ. имрӯз ҷавҳари низоми муосири муносибатҳои байналмилалиро ҷаҳони секутба ташкил медиҳад, ки он ба тезутундашавии рақобатҳои геоқтисодӣ, геофарҳангӣ ва геополитикӣ дар ҷаҳон сабаб гардид. «Дар садри ин қутбҳо Русия, Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) қарор доранд. Ҳамзамон, ИМА ва дар маҷмуъ Ғарб, ташаббускори сиёсати зиддият бо Русия ва Чинро буда, ин сиёсатро комилан дастгирӣ мекунанд, ки он дар ниҳояти кор буҳрони имрӯзаи бисёрсатҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявиро дар ҷаҳон барангехт ва ба низоми амният дар АвруОсиё таҳдид эҷод намуд» [7,21].

Ҳамин тариқ, буҳрони ҷаҳонии муҳоҷират имрӯз на танҳо ҳалли худро наёфт, балки зери таъсири омилҳои дар боло зикргардида ба худ сифати нав касб намуда, дар оянда метавонад ба сулҳу субот дар АвруОсиё ва хусусан дар Иттиҳоди Аврупо, таҳдиди ҷиддӣ эҷод намояд.

**Таҳлил ва пешниҳодҳо.** Дар раванди омӯзиши амиқи масъалаи дар ин мақола инъикосшуда ҳам дар адабиёти илмӣ ва ҳам дар ВАО муайян карда шуд, ки ҳанӯз роҳи ягонаи ҳалли ин мушкилот коркард карда нашудааст. Дар пажӯҳиши В.Р.Атнашев «Муҳоҷирбадбинӣ ва гардиши рост дар Аврупои Ғарбӣ» қайд карда мешавад, ки

радикализатсияи муосир дар натиҷаи як қатор хатогиҳои системавии Иттиҳоди Аврупо дар ҷараёни ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир гузаронида шудаанд, ба вуҷуд омадааст [1,79]. Дар ин робита, ҷараёни зиёди муҳоҷират танҳо як фишанге шуд, ки ба бошиддатшавии вазъият дар ҷомеа мусоидат намуда, барои неруҳои ростгаро роҳро кушод. Яшлавский А.Е., дар навбати худ, ин ақидаро таҳия намуда, мегӯяд, ки мушкили иловагии радикализатсия – ин беэътиноии мақомоти расмӣ нисбат ба афзоиши босуръати ҳизбҳои миллатгаро ба ҳисоб рафта, дар баробари онҳоро қисман дастгирӣ ва қисман тақлид ҳам мекунанд [8,239]. Дар чунин ҳолат, раванди минбаъдаи вазъият мутобиқи оқибатҳои бухрони муҳоҷират идома хоҳад ёфт. Пандемияи COVID-19, ҳарчанд қисман натиҷаҳои сиёсати муҳоҷират Иттиҳоди Аврупоро ба эътидол овард ва имконияти бозбинии ин сиёсатро ба хукуматдорони ин минтақа низ дод, вале неруҳои ростгароро нест карда натавонист. Потёмкина О.Ю. қайд мекунад, ки қисман бекор кардани манъи рафтуомад дар Аврупо имкон медиҳад, ки раванди минбаъдаи вазъият дақиқтар пайгирӣ шуда, системаи мутобиқ ва мувофиқтаре барои қабули муҳоҷирон ба кишварҳои Аврупои Ғарбиро коркард намоянд [14,92].

**Хулоса.** Дар баробарии радикализатсияи ҷомеа, пастшавии умумии иқтисод дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба мушоҳида меравад. Қисмати калони ҷойҳои корӣ бо назардошти пандемия дастнорас гардида, боиси кам шудани даромад аз як қисми аҳолӣ, махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ оварда расонид. Дар ин замина, табъизи куллии муҳоҷирон дар робита ба таъмини хизматрасонии тиббӣ ва рухсатиҳо вобаста ба мушкилоти саломатиашон дида мешавад. Дар чунин шароити иқтисодиёти рӯ ба таназзули Аврупо фақат баҳонаи иловагие барои радикализатсияи дохилӣ ва зиёд кардани назорат мебошад. Бе ҳамкориҳои минбаъда дар сатҳи олӣ, хусусан байни Олмон ва Фаронса, ин буҳронро аз байн бурдан мушкилтар аст. Инкишофи минбаъдаи вазъият комилан ба муттаҳидии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ки ҳамчун қисми фаъолтарин ва бойтарини Аврупо ба ҳисоб меравaнд, вобаста аст. Илова бар ин, омили пандемияи ҷаҳонӣ барои пурзӯр намудани сиёсати муҳоҷират ва ба вуҷуд овардани монеаҳои иловагии иҷтимоӣ заминаҳои иловагӣ ба вуҷуд меорад. Тағйир додани ин вазъият танҳо дар сурати бозбинии қонунгузории Иттиҳодияи Аврупо дар самти муҳоҷират, бо назардошти баромадани Британия Кабир аз ин ташкилот, инчунин ҳамчун кам кардани шаддидияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки бояд аз ҷониби мақомоти миллӣ, амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки аз нигоҳи ҷомеашиносон ва муҳаққиқони сиёсӣ минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи ором ва бенизоъ маънидод намегардад, балки ҳамчун минтақае, ки дар он халқу миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд ва вазъи ҷуғрофии минтақа на чандон муътадил мебошад. Бояд қайд намуд, ки қувваҳои ифротию экстремистӣ вақте ба ҷомеаҳои муосир тавассути муҳоҷирати қонунӣ ва ғайриқонунӣ ворид мегарданд, онҳо масъалаҳои муосири иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳамчун васила барои ноором намудани вазъи ҷомеа истифода мебаранд.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз дар Осиёи Марказӣ бавижа Тоҷикистон паҳн гардидааст, ин зуҳури экстремизми динӣ мебошад, ки аслан ҷониби шаҳрвандоне, ки дар хориҷи кишвар таҳсилоти динӣ гирифтаанд ва ё ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ шомиланд ва қаблан аъзо буданд, муҳоҷирини кишварҳои ҳамсоя, ки сатҳи таассуби динияшон баландтар буда, метавонанд ба вазъияти кишвар ва минтақа таъсир расонанд, нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози ҷуғрофӣ баъзе мушкилиҳои минтақавӣ вуҷуд доранд, ки он ба ҳамгироии кишварҳои осиёмиёнагӣ сахт вобастагӣ доранд. Аз ҷумла, онҳо проблемаҳои калидии минтақавӣ ба шумор меравaнд:

– муҳофизати сарҳадҳои ҷанубии Тоҷикистон, ки дар асл сарҳади ҷанубии кишварҳои муштаракулманофеъ низ ба шумор меравад;

– муҳофизати минтақа аз хатарҳои ифротгароӣ;

– ҳалли масъалаҳои тақсимоти дурусти захираҳои об;

– пешгирии ҷиноятҳои муташаккилона ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, бавижа интиқоли он аз Афғонистон;

– баҳсҳои сарҳадӣ дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;

– хатари фаъол гардидани ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, кушода шудани чеҳраи ҳақиқии ҲНИ ҳамчун ҳизби террористӣ ва амалиётҳои ғайрианъанавии он, паҳн шудани дину мазҳабҳои мухталиф дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ.

Омӯзиши масъалаи мазкур, таҳқиқи пешбурди сиёсати кишварҳои Аврупо дар самти муҳоҷират, дастовард ва камбудии ин давлатҳо дар ин ҷода, коршиносон ва муҳаққиқонро водор месозад, ки пешниҳодҳои мушаххасро бо назардошти вазъияти минтақа, носуботӣ дар Афғонистон ва зиёдшавии раванди муҳоҷирати ҳамсоякишвар ба Ватани мо ба ниҳоду сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлилҳои амиқ ироа намоянд.

## АДАБИЁТ:

**а) ба забони тоҷикӣ ва русӣ:**

1. Атнашев В.Р. Мигрантофобия и правый поворот в Западной Европе//Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2017. – №2 (22).

2. Мартынов А.А. Миграция в Евросоюзе//Архонт. – 2019. – № 4 (13). – С. 53–59.

3. Потёмкина О.Ю. Влияние COVID-19 на свободу передвижения и миграцию в Евросоюзе//Научно-аналитический Вестник Института Европы РАН. – 2020. – №3.

4. Свечникова С.В. Движение ПЕГИДА как отражение Европейского миграционного кризиса//Учёные записки Орловского государственного университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. – 2018. – №3 (80).

5. Степанов С.А., Иванова Е.А. Миграционные процессы как вызов современности // PolitBook. – 2018. – № 4.

6. Фалина Н. В., Кохужева Б.З., Страхова А.В. Влияние миграционных процессов на экономику стран Европейского союза // Вестник Академии знаний. – 2019. – № 3 (32).

7. Хайдаров Р.Дж. Формирование трехполярного мира и перспективы обеспечения безопасности в Евразии: взгляд из Таджикистана//Евразийский юридический журнал. – №4(167).–2022.

8. Яшлавский А.Э. Антииммигрантские партии Европы: фальстарт или второе дыхание//Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. – 2018. – Т. 11. – № 3.

**б) сарчашмаҳои электронӣ:**

9. В Европе обвал экономики из-за пандемии коронавируса//Deutsche Welle [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://www.dw.com/ru/в-европе-обвал-экономики-из-за-пандемии-коронавируса/a-53290912 (санаи муроҷиат: 23.06.2021).

10. В Сен-Сен-Дени исламизация идет полным ходом // Сетевое издание Интернет-проект ИноСМИ.RU [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://inosmi.ru/social/20181023 /243526999.html (санаи муроҷиат: 09.06.2021).

11. Гузориши ҷаҳонии муҳоҷират 2020. Созмони байналмилалии муҳоҷирати ҷаҳонӣ [Сарчашмаи электронӣ]. URL:www.iom.int/wmr (санаи муроҷиат: 14.05.2021).

12. COVID: Poverty a higher risk factor than ethnicity // Deutsche Welle. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www. dw.com/en/covid-povertya-higher-risk-factor-than-ethnicity/a-56852214 (санаи муроҷиат: 22.06.2021).

13. Migration data relevant for the COVID-19 pandemic // Migration data portal [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://migrationdataportal. org/themes/migration-data-relevant-covid-19-pandemic (санаи муроҷиат: 23.06.2021).

14. Миграционный кризис в Европе: как его преодолеть? // International Studies [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://internationalstudies.ru/migratsionnyjkrizis-v-evrope-kak-egopreodolet/ (санаи муроҷиат: 18.06.2021).
15. Осторожно, двери закрываются: почему в Европе начали сокращатьпомощь украинским беженцам. [Сарчашмаи электронӣ] URL: /https://russian.rt.com /world/ article/ 1032773-bezhency-ukraina-evropa (санаи муроҷиат: 18.06.2021).
16. Франции грозит ползучая исламизация// [Сарчашмаи электронӣ] URL:https://inosmi.ru /social/20181023/243526999.html (санаи муроҷиат: 09.06.2021).
17. Эрдоган призвал немецких турок избегать ассимиляции // Новостной портал Newsland. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://newsland.com/user/4297686316/content/ erdogan-prizval-nemetskikh-turok-izbegat-assimiliatsii/ 4141322 (санаи муроҷиат: 25/05/2021).

УДК: 355.02:32

## ТАСНИФОТИ ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР ВА МУШКИЛОТИ МУҚОВИМАТ БА ОН

**МАҲМАДЁРОВ Б.М.**

*Унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола мушкилот ва таснифоти терроризми муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, зеро мубориза бурдан бо зуҳуроте, ки моҳияти аслӣ, хусусият, тарзу усули зоҳиршавӣ ва намудҳои он номуайян аст, имконнопазир аст. Натиҷанокӣ ва самаранокии муқовимат ба терроризм аз он вобаста аст, ки масъалаи таснифоти он то чӣ андоза дуруст, асоснок, саҳеҳ ва мушаххас ҳал карда шудааст. Муайян кардани намудҳо ва шаклҳои мушаххаси терроризм, пеш аз ҳама, барои таҳияи чораҳои муассир оид ба ошкоркунӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии онҳо зарур аст. Аксари нокомиҳои гузашта дар самти муқовимат ба терроризм дар муносибат ва истифодаи усули умумӣ, ягона ва яксон ба ҳама намудҳои терроризм ифода меёбад.*

*Муаллиф дар мақола назару андешаҳои пажӯҳишгарон ва коршиносони соҳаро оид ба таснифоти терроризм гирд овардааст, ки бо тарз ва равишҳои гуногун таҳқиқ гардидаанд. Муайян шудааст, ки дар замони муосир бештар шаклҳои терроризми иттилоотӣ, биологӣ, динӣ, этникӣ ва иқтисодӣ дар ҳоли вусъатёбӣ қарор дошта, торафт таҳдиду хатарҳо ва оқибатҳои мудҳиши онҳо доман афрохта истодааст. Ҳамзамон, то ҳол дар арсаи байналмилалӣ мавҷуд набудани мафҳуми умумиэътирофшудаи «терроризм», дар аксари ҳолатҳо ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно истифода гардидани «террор», «терроризм» ва «амали террористӣ», истифодаи меъёри «духӯра» ва «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва бо назардошти манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодӣ ифода ва истифода шудани терроризм ба раванди таснифот таъсири манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо боиси он гардидаанд, ки имрӯз давлатҳо на ба манбаҳои пайдоиш ва ташаккули терроризм, балки бо оқибатҳои он мубориза мебаранд ва бо ин восита наметавон падидаи мазкурро решакан намуд.*

***Калидвожаҳо**: терроризм, намудҳои терроризм, террор, амалҳои террористӣ, ангезаҳо, мақсадҳо, манфиатҳо, объектҳо, субъектҳо, равандҳо, ҳодисаҳо, хатарҳо, усулҳо, меъёрҳо, зуҳурот, таснифот, мушкилот.*

## КЛАССИФИКАЦИЯ СОВРЕМЕННОГО ТЕРРОРИЗМА И ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕМУ

**МАХМАДЁРОВ Б.М.**

*Соискатель Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье исследуются проблемы и классификации современного терроризма, поскольку борьба с явлениями, истинная сущность которых, природа, а также способы и виды их проявления не определены, невозможна. Результативность и эффективность противодействия терроризму зависят от того, насколько правильно, обоснованно, точно и конкретно решен вопрос его классификации. Определение конкретных видов и форм терроризма необходимо, прежде всего, для разработки эффективных мер по их выявлению и предупреждению. Большинство прошлых неудач в борьбе с терроризмом выражаются в отношении и применении общего, единого и единообразного подхода ко всем видам терроризма.*

*Автор обощил в статье взгляды и мнения исследователей и экспертов данного направления по классификации терроризма, которые рассматривались различными способами и подходами. Было установлено, что в современном мире больше всего распростраяется информационная, биологическая, религиозная, этническая и экономическая форма терроризма и неуклонно растет число подобных угроз, опасностей и страшных*

*последствий. При этом, до сих пор (на международной арене) отсутствие общепризнанного понятия «терроризм», в большинстве случаев использование в качестве равнозначных понятий «террор», «терроризм» и «террористический акт», использование таких норм как «двойной подход» и «политика двойных стандартов» в отношении терроризма и его проявления, и использование терроризма с учётом геополитических и геоэкономических интересов негативно влияют на процесс классификации. Эти факторы привели к тому, что сегодня государства борются не с источниками возникновения и формирования терроризма, а с его последствиями, и этим методом невозможно искоренить данное явление.*

***Ключевые слова:*** *терроризм, виды терроризма, террор, террористические акты, мотивы, цели, интересы, объекты, субъекты, процессы, события, опасности, методы, нормы, явления, классификации, проблемы.*

## CLASSIFICATIONS OF MODERN TERRORISM AND THE PROBLEM OF COUNTERACTION TO IT

**MAHMADYOROV B.M.**
*Applicant of the Institute of economics and demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The article explores the problems and classifications of modern terrorism, as fight against phenomena, the true essence of which, the nature, as well as the ways and types of their manifestation are not defined, is impossible. The effectiveness of counteraction terrorism depends on how correctly, reasonably, accurately and concretely the issue of its classification has been resolved. The definition of specific types and forms of terrorism is necessary, first of all, to develop effective measures to identify and prevent them. Most of the past failures in the fight against terrorism are expressed in the attitude and application of a common, unified and uniform approach to all types of terrorism.*

*The author has collected in the article the views and opinions of researchers and experts of this field on the classification of terrorism, which have been studied in different ways and approaches. It was found that in the modern world, the informational, biological, religious, ethnic and economic forms of terrorism are most scaled and the number of their threats, dangers and terrible consequences is steadily increasing. At the same time, there is still no universally recognized concept of «terrorism» in the international arena, in most cases the use of «terror», «terrorism» and «terrorist act» as equivalent concepts, the use of such norms as «double morality» and «double standards policy» in relation to terrorism and the expression and use of terrorism taking into account geopolitical and geo-economic interests negatively affect the classification process. These factors have led to the fact that today States are not struggling with the sources of the emergence and formation of terrorism, but with its consequences, and this way it is impossible to eradicate this phenomenon.*

***Key words:*** *terrorism, types of terrorism, terror, terrorist acts, motives, goals, interests, objects, subjects, processes, events, dangers, methods, norms, phenomena, classifications, problems.*

Дар таърихи башарият раванду ҳодисаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки дар инкишофи инсоният ва ташаккули ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳаввулоти наверо ба миён овардаанд. Аммо на ҳар як ҳодиса, раванд ва падида боиси инкишофу ташаккули ҷомеа мегардад, балки дар рушди он монеа низ эҷод менамояд. Дар шароити муосир ба сифати чунин падидае, ки монеаи рушди ҷомеаи инсонӣ ва халалдор сохтани суботу оромӣ дар сайёра гардидааст, терроризм мебошад. Терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба тамоми самтҳои ҳаёти инсон таъсири манфӣ расонида, монеаи асосӣ барои рушди ҷомеа ва ташаккули тамаддуни инсон маҳсуб меёбад [8,21]. Солҳои охир падидаи мазкур тамоюли афзоянда гирифта, доираи хатару таҳдидҳои он тадриҷан васеъ гардида, боиси оқибатҳои мудҳишу даҳшатбор ва воҳимаангез шуда истодааст.

Дар замони муосир зуҳуроти терроризм хатари ҷиддие барои инсоният ба миён овардааст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (22.12.2017) чунин қайд кардаанд: «Дар гӯшаҳои гуногуни олам ноороминву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф гардид. Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон ва ифротгароён қарор гирифтанд. Воқеият чунин аст, ки ҷуғрофияи ноороминҳо торафт доман паҳн намуда, таҳдиду хатарҳои глобалӣ имрӯз ба асосҳои бунёдии тартибу низоми ҷаҳонӣ ва усулҳои муносиботи байналмилалӣ таъсиргузор мебошанд. Идомаи минбаъдаи ин ҳолат метавонад боиси амиқ гардидани таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ дар минтақаҳои гуногуни олам гардад» [11]. Воқеан, имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ пешорӯйи хатару таҳдидҳои ҷиддии терроризм қарор дошта, фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористӣ хусусияти афзояндаи фаромарзӣ, фаромиллӣ ва фароминтақавӣ касб менамоянд. Бо оқибатҳои фалокатбор ва даҳшатангези худ терроризм дар замири инсонҳо тарс, ваҳм, воҳима ва ҳаросро ҷой дода, ба яке аз масъалаи хатарангези фаромиллӣ ва мушкилоти ҷиддии рушди тамаддуни муосир табдил ёфтааст. Имрӯз терроризм ба сулҳу субот ва амният на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ таҳдид менамояд.

Терроризм дар тӯли садсолаҳо ба ҳайси силоҳи ғайриқонунӣ, вале таъсирбахш дар муборизаи сиёсӣ истифода мешуд ва ҳоло ба яке аз омилҳои муҳимми ноамнӣ дар тамоми дунё табдил ёфтааст. Дар замони муосир аз хуруҷи терроризм ягон давлати рушдкарда ё аз ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ қафомонда, низомҳои гуногуни сиёсӣ ва сохтори давлатӣ эмин буда наметавонанд. Танҳо дар даҳсолаи охир талафоти зиёди ҷонӣ ва моддӣ дар робита бо амалҳои террористӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Федератсияи Россия, Испания, Ироқ, Сурия, Кения, Япония, Аргентина, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Алҷазоир, Исроил, Туркия, Албания, Югославия, Эрон, Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Белгия ва як қатор кишварҳои дигар ба қайд гирифта шудаанд. Ҳоло сарҳади давлатӣ ва дигар воситаҳои ҳимоя садди роҳи истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ, намудҳои нави силоҳ барои амалӣ сохтани амалҳои террористӣ шуда наметавонанд [15,23-24].

Таҳдидҳои терроризм шаклу усулҳои тозаро касб карда, ҷуғрофиё ва доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани амалҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд. Бинобар ин, тамоюли мазкур ҷомеаи ҷаҳониро барои дарёфти усулу равишҳои нави муқовимат ба терроризм водор месозад.

Терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таърихи тӯлонӣ дорад. Сарчашмаи пайдоиши терроризм ба умқи асрҳо расида, вале дар баробари ин, бинобар шиддат гирифтани ихтилофҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва низоъҳои шадид дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, мушкилоти терроризм боз ҳам мураккабтар мегардад. Фаъолияти террористии ашхос, гурӯҳ ва ташкилотҳои экстремистию террористӣ густариш ёфта, хусусияти он душвор мегардад, мураккабӣ ва ғайриинсонии амалҳои террористӣ меафзояд. Терроризм омили воқеии фалокатбор дар ҷомеаи башарӣ ва тиҷорати фоидаовар барои созмондиҳандагону коргардонҳои он шудааст [12]. Воқеан дар шароити кунунӣ терроризм яке аз василаи муфид, муносиб ва каммасрафи расидагӣ ба ҳадафҳои стратегӣ маҳсуб ёфта, аз ҷониби кишварҳои қудратманд ва бозигарони саҳнаҳои геополитикӣ мақсаднок истифода мешавад. Аслан дар бозиҳои геополитикӣ кишварҳои манфиатдор маблағҳоеро харҷ мекунанд, ки аз ҳисоби идоракунии миллатҳо дар минтақаҳои мавриди назар пурра ҷуброн мегарданд. Падидаи терроризм бо зуҳуроти ҷудоихоҳӣ, динӣ, ифротгароӣ, бунёдгароӣ, тундгароӣ ва зиёдаравӣ зич алоқаманд аст. Вобаста ба ин, зарурати бетаъхир ба вуҷуд овардани фаҳмиши амиқ дар бораи мафҳум ва моҳияти терроризм ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва таснифоти он ба миён меояд.

Аз лиҳози назария қабл аз зоҳиршавии ҳар амал ва кирдор, мақсад пешакӣ муайян мегардад. Ҳамчунин, ба истиснои ҳодисаҳои табиӣ, ягон амал бидуни мақсади муайян содир намегардад. Яке аз унсурҳои асосии таркибии терроризм низ мақсад маҳсуб меёбад, ки бештар хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ ва даҳшатафканӣ дорад. Мақсади терроризм ва террористон зуҳуроти тасодуфӣ нест. Он махсусан аз ҷониби бозигарони саҳнаҳои геополитикӣ барои қонеъ гардонидани манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Бозигарони сиёсӣ аз миёни дидгоҳҳои зиёд «target» (нишон, мақсад)-и худро интихоб намуда, дар дараҷаи мутахассис ва коршинос, бо истифода аз «материали инсонии камхарҷи маҳаллӣ» ва идеалу устураҳои ба ҳамагон маълум, ба сӯйи он ҳаракат мекунанд [18,19-20]. Мақсади ибтидоии терроризм – ин фишор овардан ба мақомоти давлатӣ тавассути халалдор намудани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ мебошад. Мо асосан терроризмеро дар назар дорем, ки тамоюл ба зӯроварии хусусияти сиёсидошта дорад. Дар воқеъ, мутахассисон терроризмро ҳамчун воситаи асосӣ дар мубориза барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ тавсиф медиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, терроризм аз дигар ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта бо мақсадаш, асосан мақсадҳои дурбинонаи сиёсиаш ва аз тарафи дигар, бо объекти таҳдидаш, ки амнияти ҷамъиятӣ мебошад, фарқ мекунад.

Мақсадҳои терроризм бо натиҷаҳое тавсиф мешаванд, ки фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ба он равона карда шудааст. Онҳо ба таври васеъ интихоби мақсадҳо барои амалҳои террористӣ, инчунин усулҳо ва воситаҳои содир кардани онҳоро пешакӣ муайян мекунанд. Вобаста ба фаъолияти субъектҳои терроризм ва самти фаъолияти онҳо, мақсадҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷии онҳоро чунин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мақсадҳои сиёсии дохилии терроризм амалҳои зеринро дар бар мегиранд:

– тағйир додани низоми сиёсӣ ва сохтори иҷтимоии кишвар;

– халалдор кардан ё монеа шудан ба ислоҳоти демократӣ;

– заиф сохтани салоҳияти мақомот ва коста гардонидани эътимоди аҳолӣ ба қобилияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо;

– ноустувории вазъияти дохилии сиёсӣ;

– монеа шудан ва номуташаккилии фаъолияти мақомоти ҳукуматӣ ва маъмурӣ ё ҳизбҳо ва ташкилотҳои рақиби сиёсӣ;

– ташвиқи мақомоти давлатӣ ба амалҳое, ки метавонанд онро дар назди аҳолӣ созиш диҳанд ё нуфузи террористонро баланд бардоранд.

2. Мақсадҳои сиёсии хориҷии терроризм аз амалҳои зерин иборат аст

– заиф намудани муносибатҳои байналмилалӣ ё бад шудани муносибатҳои кишвар бо давлатҳои хориҷӣ;

– халадор кардани фаъолияти байналмилалӣ барои ҳалли низоъҳои сиёсии байналмилалӣ ё дохилӣ;

– номусоид гардонидани шароит барои фаъолияти шаҳрвандон ва муассисаҳои кишвар дар хориҷ;

– изҳори маҳкумият ё эътироз алайҳи амалҳои муайяни кишвар дар арсаи байналмилалӣ ё дар дохили кишвар;

– созиш намудан бо кишвар ҳамчун манбаи терроризми байналмилалӣ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ғайра [7,45].

Сарфи назар аз мақсад ва ҳадафҳо ҳама гуна фаъолияти террористӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

– ташкил, банақшагирӣ, омода намудан ва гузаронидани амалҳои террористӣ;

– даъват ба амалҳои террористӣ, зӯроварӣ нисбат ба шахсони алоҳида ё ташкилотҳо, нобуд сохтани молу мулк;

– таъсиси гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ, иттиҳодияи ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), гурӯҳи муташаккил барои содир намудани амалҳои террористӣ, ҳамчунин иштирок дар чунин амалҳо;

– ҷалбкунӣ, мусаллаҳкунонӣ, таълимдиҳӣ ва истифодаи террористон;

– қасдан маблағгузорӣ намудани ташкилоти террористӣ, гурӯҳи террористӣ ё дигар кумак ба онҳо [5].

Таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо бо роҳи зӯрӣ, истифодаи нерӯ ва муборизаи яксон решакан кардани терроризм имконнопазир мебошад. Барои сари вақт ошкор, огоҳ ва пешгирӣ намудани терроризм, инчунин рафъ намудани оқибатҳои ногувору даҳшатноки он, муайян кардани намудҳо ва шаклҳои мушаххаси терроризм ниҳоят муҳим мебошад. Муҳаққиқон ва коршиносони соҳа бар он назаранд, ки бисёре аз нокомиҳои қаблӣ дар муқовимат ба терроризм ва ноил нагардидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт, ба муносибати яксон ва истифодаи воситаву усули якранг дар ҳама намуди амалҳои террористӣ алоқаманд аст. Натиҷанокӣ ва самаранокии муқаррароти ҳуқуқӣ ва тактикаи пешгирии амалҳои террористӣ аз он вобаста аст, ки масъалаи таснифи зуҳурот то чӣ андоза мақсаднок ва мушаххас ҳал карда шудааст. Масъалаи мазкур таҳлили ҷиддии илмиро талаб менамояд, ки барои ҳосил намудани хулоса маводи назарраси назариявӣ ва маълумоти саҳеҳи воқеӣ зарур аст [6,34].

Яке аз нахустин тасмимҳои ба низом даровардани намудҳои мухталифи амалҳои террористӣ дар Конфронси панҷуми муттаҳидсозии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки соли 1934 дар Мадрид баргузор шуда буд, сурат гирифт ва терроризм ба категорияҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ тақсим карда шуд. Баъдтар, соли 1970 Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бо назардошти мушкилоти мубориза бо терроризм дар аввал амалҳои террористиро бо ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологӣ ҷудо кард, вале баъдтар аз чунин таснифот даст кашид.

Ба намудҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ тақсим намудани терроризм танҳо дар асоси мақсадҳое, ки аксар вақт дар умқи шуури одамон пинҳон мешаванд ва дар амал хеле душвор ба назар мерасанд, ба миён меояд, гарчанд ин ба баъзе манфиатҳои илмӣ низ алоқаманд аст. Баъдан таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзиши терроризми сиёсӣ дода шуд, ки хусусиятҳои он давраи таърихиро пурра инъикос менамояд.

Минбаъд муҳаққиқону коршиносони соҳа, ба монанди К.Хиршман, А.Кота, П.Уилкинсон, А.Кассиз, В.Витюк, С.Эфиров, Э.Н.Ожиганов, О.К.Балан, М.П.Требин, Д.В.Олшанский ва дигарон таҳқиқотҳои зиёдеро анҷом дода, намудҳои гуногуни терроризмро тасниф намудаанд. Аз ҷумла, пажӯҳишгар К.Хиршман қайд менамояд, ки яке аз ҳадафҳои аслии террористон ҷалби таваҷҷуҳ ва ҳатто ҳушдор додан аз ҳусни таваҷҷуҳ дар ҷомеа аст. Аз ин лиҳоз, онҳо на барои худкушӣ, балки, пеш аз ҳама, барои намоиш ва таблиғ талош мекунанд. Дар баробари ин, муҳаққиқ дар асоси панҷ ангезаи амали террористӣ намудҳои зерини терроризмро муайян кардааст:

1. **Терроризми идеологӣ ё инқилобӣ** бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ равона шудааст.

2. **Терроризми этникӣ-сиёсӣ** – амали ақаллиятҳои этникӣ ё сиёсӣ бо мақсади таъсиси ҳукумати худ ё ҳадди ақал ба даст овардани мухторияти сиёсӣ ё фарҳангӣ мебошад.

3. **Терроризми динӣ** – ҷорӣ намудани меъёрҳои рафтор бар асоси як дини муайянро дар бар мегирад.

4. **Терроризми мақсадаш маҳдуд** ҳамчун «фаъолияти ҷангӣ» аз ҷониби гурӯҳҳо ё шахсоне, ки ба амалҳои (беамалии) ҳукумат эътироз мекунанд, ки ғайриқонунӣ ё иғвоангез ҳисобида мешаванд, муайян карда мешавад. Намунаҳои равшани ин намуди терроризм амалҳои тундрави ҳомиёни ҳуқуқи ҳайвонот, манъи исқоти ҳамл, муҳити зист ва ғайра мебошанд.

5. **Терроризми «интихобшудагон»** – инҳо афроди дорои нуқсонҳои руҳӣ ё беморони руҳӣ мебошанд, ки худро масъули иҷрои рисолати мушаххас медонанд ё ба фалсафаи иҷтимоӣ пайравӣ менамоянд. Онҳо танҳо амал менамоянд ва амалҳои террористии худро бодиққат тарҳрезӣ мекунанд.

Дар шакли «соф» ин ё он намуди фаъолияти террористӣ ниҳоят кам ба назар мерасад. Намунаи навъҳои муосирро метавон кибертерроризм арзёбӣ намуд, ки дар шаклҳои «ҳуҷуми қасдан ва дорои ангезаҳои сиёсӣ ба иттилоот, системаҳои компютерӣ,

барномаҳои компютерӣ ва коркард, ки шакли зӯроварӣ нисбат ба объектҳои бетараф аз ҷониби гурӯҳҳои маҳаллӣ ё пинҳонӣ амалкунанда» зоҳир мегардад [16,26-27].

А.Кота дар таснифоти худ намудҳои зерини терроризмро муайян ва шарҳ додааст: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ [4,56-57].

**1. Терроризми иқтисодӣ** – фаъолиятест, ки ба тамаъҷӯйии пул, аксар вақт пули нақд ё ягон намуди молумулк тавассути тарсонидан, таҳдиди зӯроварӣ ва истифодаи зӯроварӣ нигаронида шудааст. Рушди он дар се самти асосӣ сурат мегирад, ки имрӯз ба тақсими даромад дар саросари ҷаҳон таъсири ҷиддӣ мерасонад: тамаъҷӯйӣ аз ширкатҳои фаромиллӣ, гаравгонгирӣ ва қочоқи маводи нашъаовар. Тибқи баъзе ҳисобҳо, гардиши солонаи маводи нашъаовар дар миқёси ҷаҳонӣ 3-4 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли ҷаҳониро ташкил медиҳад. Ин рақам аз ҳаҷми фурӯши силоҳ зиёд аст, ки боиси пайдо шудани шаклҳои нави хушунат ва гурӯҳҳои сершумори ҷиноӣ дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ шудааст. Қочоқ ва муомилоти маводи нашъаовар яке аз омилҳои асосии бесуботӣ дар бозорҳои мол ва асъор ба ҳисоб рафта, сарчашмаи устувори маблағгузории терроризм маҳсуб меёбанд.

**2. Терроризми сиёсӣ.** Терроризм дар сиёсат дастовардҳои навтарини рушдро бештар истифода мебарад: гурӯҳҳои пинҳонии террористон каму беш мустақилона амал менамоянд, аз воситаҳои муосиртарини алоқа истифода мебаранд ва ҷойгиршавии худро зуд иваз мекунанд. Терроризми сиёсӣ ба қонуният ниёз надорад, он нисбат ба роҳбарияти анъанавии ҳукуматҳо, нотавонӣ ва нозукии ҷомеаҳои ғарбӣ, хоҳиши амният ва шукуфоӣ нафрат дорад. Аз ин рӯ, ҳушдорҳо вуҷуд доранд, ки қудрат дар ҷомеаи ғарбӣ метавонад рӯзе дар дасти гурӯҳҳое бошад, ки шумораи бештари одамонро, ки мехоҳанд ҷони худро зери хатар гузоранд, муттаҳид кунанд.

**3. Терроризми иҷтимоӣ.** Дар соҳаи иҷтимоӣ террористон беш аз пеш амалеро истифода мебаранд, ки «зарари эълоншуда», хавфи таркиши газ, заҳролудкунии зарфҳои оби тоза ва ғайраро меоранд. Ин навъи терроризм бо сабаби афзоиши гурӯҳҳои камбизоат дар ҷомеаҳои пешрафта, баланд шудани сатҳи нобаробарӣ, тамоюли амалҳои намоишкорона, ки ВАО ба онҳо фаъолона вокуниш нишон медиҳанд, ниҳоят хатарнок аст.

**4. Терроризми иттилоотӣ.** Ба ақидаи А.Кота дар шароити муосир хатари ниҳоят ҳассос ва нигаронкунанда – ин **терроризми иттилоотӣ** мебошад. Бо рушди Интернет заковати кибертеррористон торафт меафзояд: онҳо ба компютерҳои муассисаҳои давлатӣ, бонкҳо ва ширкатҳо медароянд, ҷараёнҳои иттилоотро мебанданд, ҳатто ба фаъолияти хадамоти махсус ва иттиҳодияҳои фаромиллӣ халал мерасонанд. Ин навъи терроризм дар соҳаи зеҳнӣ амал карда, шакли нави зӯроварии ба киберфазо алоқамандро ба вуҷуд меорад, ки метавонад алайҳи ҳар касе анҷом дода шавад ва муваффақияти он на бо зӯрии бераҳмона, балки сатҳи зеҳнӣ таъмин карда мешавад.

Масъалаи истифодаи шабакаи Интернет аз ҷониби ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар таҳқиқоти олими шинохтаи амрикоӣ Г.Вейман ба таври муфассал омӯхта шудааст. Ба андешаи ӯ террористон шабакаи Интернетро бо мақсадҳои зерин истифода мебаранд:

1) анҷом додани ҷангҳои иттилоотӣ;
2) ҷустуҷӯ намудани иттилооти нав ва зарурӣ;
3) ба омӯзиш фаро гирифтани террористон;
4) ҷамъоварии маблағ;
5) тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ;
6) мағзшӯйӣ намудани одамон;
7) ташкил намудани шабакаҳои террористӣ;
8) банақшагирӣ ва ташкил намудани амалҳои террористӣ.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Холиқов Ф.А. дар маҷмуъ, ҳамаи амалҳоеро, ки ташкилотҳои экстремистию террористӣ бо истифодаи шабакаи Интернет анҷом медиҳанд, терроризми иттилоотӣ номидан мумкин аст. Зеро ташкилотҳои мазкур

аллакай дастовардҳои илмию техникии соҳаҳои технологияи иттилоотӣ ва компютериро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ ба таври васеъ истифода намуда истодаанд. Баъзан вақт ин падидаро ба воситаи мафҳуми «кибертерроризм» низ ифода менамоянд.

Кибертерроризмро яке аз навъҳои терроризми иттилоотӣ номидан мумкин аст. Зеро дар раванди анҷом додани он низ иттилоот дар мадди аввал қарор мегирад [17,141-166].

Айни замон оид ба таснифи идеологии террористон муносибати гуногун вуҷуд дорад: «чапгароён», «миллатгароён», «ҷудоихоҳони этникӣ», «исломгароён» ва ғайра. Дар асоси ангезаҳои фаъолияти террористӣ муҳаққиқ Э.Н.Ужиганов намудҳои зерини терроризмро тавсиф намудааст: иқтисодӣ, этникӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ (*ҷадвали 1)*.

***Ҷадвали 1***

**Таносуби навъ ва ангезаҳои терроризм**

| Навъи терроризм | Субъектҳо | Ангезаҳо | Объектҳо |
|---|---|---|---|
| Иқтисодӣ | Шахсони воқеӣ, гурӯҳҳои пинҳонӣ | Дастрас намудани «пули гарав» | Шахсони воқеӣ, иттиҳодияҳо, давлат |
| Этникӣ | Қисми тундрави (радикали) гурӯҳҳои этникӣ | Забти захираҳои дигар гурӯҳҳои этникӣ | Гурӯҳи этникӣ, давлати моноэтникӣ |
| Сиёсӣ | Қаноти тундрави гурӯҳҳои сиёсӣ | Забти ҳокимият | Шахсон ва гурӯҳҳои ҳокимият ва давлат доранд |
| Иҷтимоӣ | Гурӯҳҳо ва пахн-кунандагони идеологияи бехтарин | Ноил шудан ба адолати иҷтимоӣ | Давлат бо дигар сохтори иҷтимоӣ ва аҳолии он |

Мақсади **терроризми иқтисодӣ** сирф «прагматикӣ» – ба даст овардани пул ё дигар фоидаи моддӣ мебошад. **Терроризми этникӣ** – дар шаклҳои «нарм»-и худ ба азхудкунии як қисми захираҳои гурӯҳи дигари этникӣ, дар «сахтӣ» ба тасарруфи тамоми захираҳои гурӯҳи дигари қавмӣ ва нобуд кардани он, равона шудааст. **Терроризми сиёсӣ** – метавонад ҳолатҳоеро дар бар гирад, ки гурӯҳи муайян барои ноором кардани вазъияти сиёсӣ ва ғасби ҳокимият амалҳои террористиро ташкил менамояд. **Терроризми иҷтимоӣ** – бо амалисозии амалҳои террористӣ на танҳо барои ғасби ҳокимият, балки ҷиҳати ба даст овардани қудрат бо мақсади тағйир додани сохтори иҷтимоӣ алоқаманд аст. Терроризми иҷтимоиро метавон ба чапи тундрав ва динӣ нисбат дод, ки дар ин ҷо дигаргуниҳо дар сохтори иҷтимоӣ мадди аввал меистанд. Нисбатан мубрам ва таҳдидкунандаи таркиби терроризми иҷтимоии муосирро исломӣ ташкил менамояд [10].

Воқеан, аксар вақт бо вазъияте рӯ ба рӯ шудан лозим меояд, ки дар як вақт якчанд усул ва шаклҳои терроризм амал мекунанд. Ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои ба худ хос доранд ва ҳанӯз аз омӯхтани пуррааш дуранд. Масалан, дар ҳама ҳолатҳо ақида, эътиқод ва эҳсосоти динӣ истифода мешаванд.

Азбаски терроризм зуҳуроти мухталиф дорад, барои тасниф кардани он асосҳо ва меъёрҳои гуногунро истифода бурдан лозим аст. Аз ин рӯ, терроризмро аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, миллӣ, иқтисодӣ, зархаридӣ ва ғайра, ҳамчунин аз рӯйи субъектҳои ҷиноят (аз ҷониби шаҳрванди кишвари худ, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, шахси ягон ваколати муайян надошта ё намояндаи ягон сохтори давлатӣ), тасниф кардан мумкин аст.

Муҳаққиқи рус Д.В.Олшанский чунин навъҳои терроризмро дар заминаи пажӯҳиши худ пешниҳод мекунад:

**1. Терроризми сиёсӣ** (амалҳои террористие, ки мақсади таъсир расонидан ба сарварони сиёсӣ ё ба сиёсати аз ҷониби онҳо амалишавандаро доранд, маҷбур сохтан ба ин ё он амали сиёсӣ ё қарори ҳокимият).

**2. Терроризми иттилоотӣ** (таъсири бевосита ба вазъияти рухӣ ё мафкураи одамон бо мақсади ташаккули фикру ақидаҳои лозима, ки ба тавri муайян рафтори одамонро идора менамоянд).

**3. Терроризм иқтисодӣ** (амалҳои гуногуни иқтисодии хусусияти табъизӣ дошта, ки мақсади таъсир расонидан ба рақибони иқтисодӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ, ҳамчунин ба давлатҳо ва сарварони онҳо бо мақсади ноил шудан ба қарорҳои мушаххаси барои террористон судмандро доранд).

**4. Терроризм иҷтимоӣ** (авҷи ҷинояти кӯчагӣ, афзоиши ҷиноят, ноустувории умумии иҷтимоӣ ва беҳокимиятии оммавии маишӣ) [15,38-39].

Пажӯҳишгари молдавӣ О.К.Балан бар ин назар аст, ки терроризмро аз рӯйи меъёрҳои зерин тасниф кардан мумкин аст [2].

**1. Бо назардошти мақсад ва нияти амали террористӣ:**

а) **терроризми ҷиноятӣ** – манфиати моддӣ ё шахсиро дунболагирӣ мекунад, ки онро тамаъҷӯйӣ, найранг ва таҳдид ҳамроҳӣ менамояд;

б) **терроризми иҷтимоӣ** – як навъи терроризм мебошад, ки мақсади сарнагун кардани ҳокимият ва тағйир додани низоми иҷтимоии ин ё он кишварро дорад. Хусусияти ин навъи терроризм дар он аст, ки марзи ин ё он кишварро убур намекунад;

в) **терроризми сиёсӣ** – мақсади асосии он қатъ намудани робитаи байни давлатҳо ва барканор кардани пешвоёни алоҳидаи сиёсӣ ё сарони давлатҳо мебошад. Маъруфтарин амалҳои ин навъи терроризмро метавон дар мисоли суиқасди собиқ президентон Ҷон Кеннедӣ дар Амрико, Анвар Садот дар Миср, Салвадор Аленде дар Чилӣ, сарвазирони Ҳиндустон Индира ва Роҷив Гандӣ ва Исҳоқ Рабин дар Исроил номбар кард;

г) **терроризми давлатӣ** – навъи терроризм, ки аз ҷониби давлат ба муқобили баъзе ҳаракатҳо ё шахсони алоҳида истифода бурдани амалҳои террористиро дар бар мегирад.

**2. Вобаста ба ҳудудҳое, ки он амал мекунад, омилҳои харобиовар ва паҳншавии онҳо:**

**а) терроризми миллӣ ё дохилидавлатӣ** – бо мақсади таъсиррасонӣ ба ахлоқи ҷомеа тариқи амалҳои зӯроварӣ муҳити террористиро ба вуҷуд меорад ва аксаран бо вайрон кардани сохторҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ки ҳадафи асосии террористон маҳсуб меёбад.

Терроризми миллӣ ҳоло меъёрҳо ва шаклҳои нав касб намуда, ҳамчун истифодаи ғайриқонунии зӯроварӣ нисбат ба ашхос ва моликият бо мақсади паст задани нуфузи ҳукумат ва тарсонидани аҳолии осоишта фаҳмида мешавад;

**б) терроризми байналмилалӣ** – истифодаи ғайриқонунии қувва ва зӯроварӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсоне, ки берун аз ҳудуди давлат қарор доранд (ё дар он ҷо роҳбарият доранд) нисбат ба аҳолӣ ва ҳукумати кишвар мебошад.

Шаклҳои асосии зуҳури ин навъи терроризм роҳзании ҳавоӣ, гаравгонгирӣ, рабудани дипломатҳо ва дигар пешвоёни сиёсӣ, ки барои озод кардани онҳо баъзе тағйироти сиёсӣ зарур аст, мебошанд.

**3. Аз рӯйи сабабҳои асосии пайдоиши терроризм:**

**а) терроризми нажодӣ** – нимаи дуюми асри XX дар ИМА ба вуҷуд омада, онро ташкилоти машҳури «Ку-клукс-Клан» намояндагӣ мекунад;

**б) терроризми миллӣ** – одатан танҳо дар ҳудуди як кишвар ба амал меояд;

**в) терроризми неофашистӣ** – бо мақсади ба вуҷуд овардани сиёсати қувваҳои рост, зоҳир намудани зӯроварӣ ва дахолат ба корҳои дохилии дигар кишварҳо равона гардидааст;

**г) терроризми бунёдгароии динӣ** – ба сифати мисол метавон амалҳои террористии содиркардаи мазҳаби «Аум Синрикё» дар Ҷопон, «Артиши Ҷумҳуриявии Ирландия (ИРА)» дар Ирландия ва Ҳамос дар Исроилро овард.

**4. Аз рӯйи тарзи анҷом додани амалҳои террористӣ:**

**а) терроризми мақсаднок** – амалҳои террористие, ки барои ноил шудан ба мақсади пешбинишуда равона шудаанд;

**б) терроризми ғайримустақим** – амалҳои террористие, ки бо истифода аз роҳҳои ғайримустақим ва усулҳо содир шуда, боиси ноил шудан ба мақсади гузошташуда мегарданд.

**5. Аз рӯйи усулҳои таъсиррасонӣ терроризм ба чунин навъҳо тақсим карда мешавад:**

– **терроризм бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ** (маҳрум кардани одамон ё ҳатто тамоми гурӯҳҳои онҳо аз ҳаёт, осеб расонидан ва дигар зарари ҷисмонӣ, маҳдуд кардани озодӣ);

– **терроризм бо несту нобуд кардани объектҳои моддӣ** (сӯзондан, хароб кардани иншооти давлатӣ, моликияти ҷамъиятӣ, коллективӣ ё хусусӣ);

– **терроризм бо истифода аз усулҳои зӯроварии ахлоқӣ ва равонӣ** (таҳдид, найранг, намоиши қувва, талабҳои ниҳоӣ (ултиматумӣ), паҳн кардани овозаҳои террористӣ ва ғ.).

Чун қоида, ҳангоми анҷом додани амалҳои террористӣ усулҳои зикршуда ба таври дастаҷамъона истифода шуда, бо назардошти шароит ва хусусиятҳои мушаххаси минтақае, ки террористон амал мекунанд, таҷҳизоти онҳо, вазъияти сиёсӣ ва дигар шароитҳои мавҷуда ба ин ё он усул афзалият дода мешавад.

Аз рӯйи табиати таъсир ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва мансубияти шаҳрвандии субъектҳои фаъолияти террористӣ, терроризм ба **дохилидавлатӣ** ва **байналмилалӣ** тақсим мешавад.

**1. Терроризми дохилидавлатӣ** – вақте ки шаҳрвандони кишвари худ ба амали террористӣ ҷалб шуда, оқибат ва зарари амали онҳо аз ҳудуди он берун намебарояд.

**2. Терроризми байналмилалӣ** – вақте ки амали террористӣ аз ҷониби шаҳрвандони як ё якчанд кишвар анҷом дода мешавад.

Муборизаи самарабахши зидди ҳар гуна ҷиноят пайвастагӣ ва мураккабиро талаб мекунад, яъне таъсир расонидан ба ҳама ё омилу шароитҳои асосие, ки боиси сар задани он мешаванд. Маълум аст, ки муборизаи муассир бо терроризм талошҳои муштараки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамоҳангии амалҳои дастаҷамъонаро дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ тақозо мекунад.

Аз рӯйи хусусияти фаъолияти террористӣ муҳаққиқ Кабанов П.А терроризмро ба навъҳои зерин тавсиф намудааст:

**1. Инфиродӣ.** Дар ин ҳолат амали террористӣ аз ҷониби як ё ду нафар содир карда мешавад, ки ягон ташкилот онҳоро пуштибонӣ мекунад.

**2. Фаъолиятҳои муташаккили дастаҷамъона.** Амалиётҳои террористӣ аз ҷониби як созмони муайян ба нақша гирифта шуда, онро дар амал татбиқ менамоянд [3,38]. Масалан, ба чунин фаъолиятҳои дастаҷамъона ТБТ «ал-Қоида», «Давлати исломӣ» ва ғайраро метавон ворид кард. Террори муташаккил дар ҷаҳони муосир аз ҳама паҳншудатарин мебошад.

Профессор В.Лунеев терроризми муосирро чунин тасниф кардааст:

1. **Терроризми сиёсӣ,** ки дар шакли куштори ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё намояндагони ҳокимият, инчунин таркишҳо, сӯхторҳо ва дигар амалҳое, ки хатари қурбониҳои инсонӣ, расонидани зарари назаррас ва дигар оқибатҳои ҷиддиро бо мақсади тарсонидани ҳокимият ба вуҷуд меоранд, амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид доираҳои ниҳоят ифротгарои қуввaҳои гуногуни сиёсӣ махсусан хатарнок мебошанд.

2. **Терроризми ҷиноятӣ** – иттиҳодияҳои муташаккили ҷиноятӣ (дохилӣ ва байналмилалӣ)-и фаъолияташон бар зидди давлат ва намояндагони он бо мақсади халал расонидан ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, монеа шудан ба татбиқ ва идомаи сиёсати шадид дар самти ҷинояткорӣ, аз байн бурдани кормандони фаъоли мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маҷбур кардани судяҳо ба қабули қарорҳои сабук, тарсонидани ҷабрдидагон, шоҳидон, рӯзноманигороне, ки метавонанд ба тафтишот дар ошкоркунӣ ва пешгирӣ намудани фаъолияти ҷиноятӣ кумак расонанд, равона гардидааст.

**3. Терроризми миллатгароӣ** – қувваҳои ҷудоихоҳ, ки мақсади фалаҷ гардонидани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ноил шудан ба бунбасти сиёсӣ ё иқтисодиро доранд.

**4. Терроризми «ҳавоӣ»** – содиршавии дуздии ҳавопаймоҳо бо роҳи гаравгонгирӣ барои тамаъҷӯйии пул, силоҳ, маводи нашъаовар ва парвоз кардан ба дигар кишварҳо мебошад. Амали террористии марбут ба ин намуд бо мақсадҳои гуногун анҷом дода мешавад: барои гирифтани паноҳандагии сиёсӣ дар дигар кишварҳо, ҷиҳати саркашӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноят, инчунин бо ангезаи таъқиби манфиатҳо ва дигар ангезаҳои шахсӣ.

**5. Терроризми байналмилалӣ** тавассути куштори намояндагони давлатҳои хориҷӣ бо мақсади барангехтани ҷанг ё мушкилоти байналмилалӣ амалӣ карда мешавад [9,81].

Аз рӯйи **воситаҳо**е, ки дар амалҳои террористӣ истифода мешаванд, тақсим намудан ба **терроризм бо истифодаи воситаҳои маъмулии зараррасонӣ** (силоҳҳои сард ва оташфишон, дастгоҳҳои гуногуни тарканда, системаҳои мураккаби силоҳи ҳавопаймоҳо, танкҳо, насби мушакҳои зенитӣ ва ғайра) ва **терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом** (биологӣ, кимиёвӣ, ҳастаӣ ва ғайра) мумкин аст.

Дарояндаи наздик терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом: биологӣ, кимиёвӣ, ҳастаӣ ва ғайра хатари ҷиддӣ дорад. Соли 1999 Усома ибни Лодан дар мусоҳиба бо ҳафтаномаи «Тайм» «террорист №1» изҳор дошта буд, ки ӯ мехост силоҳи қатли омро харидорӣ кунад. Агар ин тасмим ба ӯ муяссар мегардид, имкон пайдо мекард, ки бештари нияту нақшаҳои террористиашро амалӣ созад.

**Терроризми биологӣ** – ин истифодаи воситаҳои биологии ҷангӣ (бактерияҳо, вирусҳо ва ғайра) бар зидди аҳолӣ бо мақсади нобуд кардани шумораи бештари одамон мебошад. Роҳбари созмони умумиҷаҳонии тандурустии Гру Гарлем Брундтланд аз ҳукуматҳои тамоми ҷаҳон даъват кард, ки пас аз амалҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 ба амалҳои эҳтимолии биологӣ ва кимиёӣ омода шаванд.

**Терроризми кимиёӣ** – истифодаи силоҳи кимиёвиро ҳамчун воситаи содир кардани амалҳои террористӣ дар назар дорад, ки он воситаи осон ва дастраси амалиёти террористӣ нисбат ба дигар намудҳои силоҳи қатли ом мебошад.

**Терроризми ҳастаӣ** – (ядроӣ) истифодаи маводи радиоактивиро ҳамчун силоҳи анҷом додани амали террористӣ дар назар дорад. Ин метавонад як дастгоҳи таркандаи ҳастаӣ; заҳролудшавии маҳал бо маводи радиоактивӣ бидуни таркиши ҳастаӣ; ҳамлаи террористон ба реактори ҳастаӣ барои вайрон кардан ва заҳролудкунии радиоактиви маҳал бошад. Терроризми ҳастаӣ ниҳоят хатарнок аст, зеро эҳтимоли марги шумораи зиёди одамонро дорад [14,24-36].

Олими рус Ю.И.Авдеев, асосҳои умумиро барои таснифи намудҳои терроризм ҷамъбаст карда, меъёрҳои зеринро муайян кардааст:

- усулҳои асосии истифодашаванда – терроризми ҷисмонӣ ва равонӣ мебошанд;
- мақсадҳои сиёсӣ – терроризми инқилобӣ, зиддиинқилобӣ, муқовимат ба баробарӣ ва сафарбаркунӣ;
- хусусияти объектҳои таъсиррасон – терроризми интихобӣ ва оммавӣ (ҳар шумораи зиёди одамон);
- субъекти амал – давлатӣ (террор) ва ғайридавлатӣ (терроризм) мебошад;
- муносибати субъектҳои терроризм ба режими ҳоким – ҳукуматӣ ва мухолифин;
- маҳалли ҷуғрофӣ – терроризми аврупоӣ, Амрикои Лотинӣ, Шарқи Наздик ва дигар намудҳо;
- хусусияти воситаҳои истифодашаванда – анъанавӣ (силоҳҳои сард ва оташфишон, маводи тарканда) ва технологӣ (воситаҳои нави зараррасон, аз ҷумла, силоҳи қатли ом: ҳастаӣ, бактериологӣ ва кимиёвӣ);
- хусусияти шароитҳои фазоӣ – дар хушкӣ, дар баҳр (роҳзанӣ) ва дар фазои ҳавоӣ (терроризми ҳавоӣ);
- платформаи ғоявӣ-сиёсӣ – идеологӣ, миллатгароӣ, динӣ бо гуногунии он [1,44-46].

Муҳаққиқи рус С.У.Дикаев чунин таснифоти терроризмро пешниҳод намудааст.

**1. Таснифи террор:**
- инқилобӣ ва зиддиинқилобӣ;
- тахрибкорӣ ва фишороваранда;
- идеологӣ ё руҳонӣ;
- иқтисодӣ;
- ҳарбӣ.

**2. Таснифи терроризм:**
- сиёсӣ;
- динӣ;
- тамаъкорӣ.

Аз рӯйи таснифот, ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Д.Назиров бояд мақсади ниҳоии ташкилкунандагони ҷиноят – ҳамон натиҷаи комиле, ки барои он ташкилкунандаи ҷиноят мекӯшад, вуҷуд дошта бошад. Асоси тасниф бояд на ҳадафҳои фосилавӣ, балки ҳадафҳои ниҳоии ҷинояткорон бошад, зеро танҳо онҳо устуворанд ва дар терроризм ё амали террористӣ бартарӣ доранд.

Ба ақидаи Д.Назиров, мутобиқ ба сиёсати зиддитеррористӣ таснифоте, ки мақсади ниҳоии фаъолияти террористиро ҳамчун меъёр истифода мебарад, бештар қобили қабул аст:

**1. Терроризми сиёсӣ** (мақсади асосӣ – мубориза барои ҳокимият).

**2. Терроризми ҷудоихоҳӣ** (амалҳои террористии марбут ба мубориза барои ҷудошавӣ аз давлат).

**3. Терроризми миллатгароӣ** (мақсад – аз ҳама соҳаҳои фаъолият дур кардани гурӯҳҳои муайяни миллӣ).

**4. Терроризми динӣ** (мақсад – саркӯб кардани дигар мазҳабҳои динӣ, хоҳиши васеъ кардани доираи фаъолияти мазҳаби худ).

**5. Терроризми ҷиноятӣ** (мақсад – саркӯб ва нобуд кардани рақибон).

Дар ҷаҳони муосир терроризми динӣ (ё этникӣ) хатари калон дорад.

**Терроризми динӣ** татбиқкунандагони худро дар шакли созмонҳои гуногуни миллӣ-экстремистӣ ё динӣ-сиёсӣ дорад, ки аксар вақт ҳамгироии (симбиози) хоси шиорҳои миллатгароӣ ва динӣ истифода мебаранд.

**Таснифи амалҳои террористӣ:**
- суиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ;
- суиқасд ба ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ.

Умумияти асосии ҳамаи намудҳои терроризм – татбиқи ҷаҳонбинии зӯроварӣ, идеология, ахлоқ, сиёсат, тарзи ҳаёт, истифодаи куштори сокинони осоишта, таҳдидҳои куштор ва дигар шаклҳои зӯроварӣ ҳамчун воситаи асосии расидан ба ҳадафҳо мебошад [1,44-46].

Гурӯҳбандӣ ё ба навъҳо ҷудо намудани терроризм, таснифоти онро аз рӯйи аломатҳои асосӣ дар бар мегирад. Ба намудҳо ҷудо намудани зуҳуроти барои ҷамъият хатарноки баррасишаванда ҷиҳати амиқтар фаҳмидани моҳият ва аломатҳои он имконият фароҳам оварда, заминаи муҳим бобати ташкил ва роҳандозии маҷмуи чораҳои муқовимат ба фаъолияти террористӣ мебошад.

Ба сифати зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ баромад карда, терроризм вобаста аз усулҳо, мақсадҳо, субъектҳо, воситаҳои истифодашаванда, асосҳои идеологӣ ва дигар меъёрҳо тасниф мегардад.

Таснифоти терроризм барои муайян намудани шаклҳои гуногуни он кумак расонида, исбот менамояд, ки он доимо дар густариш аст. Аз ин рӯ, танҳо донистани моҳияти он ва дарк кардани сабабҳои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои муташаккилро ба ҷаҳони террор талқиндиҳанда зарур аст.

Мисли аксари падидаҳои иҷтимоӣ терроризм табиати ниҳоят мураккаб дорад, пайдоиш ва рушди он аз омилҳои зиёд, хусусан омилҳои геосиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ,

динӣ ва фарҳангӣ вобаста аст. Албатта, онҳо тамоми омилҳои мухталиферо, ки ба пайдоиш ва ташаккули ин падидаи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, маҳдуд намекунанд.

Ба анҷом расонидани тадқиқоти назариявӣ ва амалияи ҳифзи ҳуқуқ бидуни таснифоти амалҳои террористӣ имконнопазир аст. Муайян кардани намудҳо ва шаклҳои мушаххаси терроризм, пеш аз ҳама, барои таҳияи чораҳои дахлдор оид ба ошкоркунӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии онҳо зарур аст. Бештари нокомиҳои гузашта бо истифодаи муносибати ягона ва яксон ба ҳама амалҳои террористӣ шарҳ дода шудаанд.

Мақсаднокӣ ва самаранокии тадқиқоти амалӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ ва тактикаи пешгирии амалҳои террористӣ аз он вобаста аст, ки масъалаи таснифоти он то чӣ андоза дуруст, асоснок, саҳеҳ ва мушаххас ҳал карда шудааст. Мубаризаи умумӣ ва якранг ҳам бо терроризми дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ одатан ғайриимкон аст, зеро он ҳам таркишҳо дар ҷойҳои серодам ва марказҳои ҷамъиятӣ, ҳам гаравгонгирӣ, рабудани ҳавопаймоҳо ва номгӯйи дигар амалҳои ҷиноятиро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати объективӣ, объектҳо ва объектҳои таҷовузи мустақими ҷиноятӣ фарқиятҳои ҷиддӣ доранд [13,134-135]. Хуллас, бе донистани моҳият (ҷавҳар)-и терроризм, ғаразҳои аслии аъмоли душман, раванд ва қонуниятҳои он, мубориза бо чунин зуҳурот номумкин аст. Дар муқобили доноӣ ва амалкарди бадхоҳон, фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омада метавон [19,11]

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили таснифотҳои анҷомдодаи муҳаққиқон ва таҷрибаи муқовимат нишон медиҳанд, ки дар замони муосир бештар шаклҳои терроризми иттилоотӣ, биологӣ, динӣ, этникӣ ва иқтисодӣ дар ҳоли вусъатёбӣ қарор дошта, торафт таҳдиду хатарҳо ва оқибатҳои мудҳиши онҳо доман афрохта истодааст. Махсусан, бо назардошти он ки мо дар ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорем ва иттилоот нақши муассир дорад, таҳдидҳои **терроризми иттилоотӣ** бештар эҳсос мегарданд. Ҷиноятҳои киберҳамла, барномашикании компютерӣ, ҳуҷум ба системаҳои компютерӣ, тасарруфи маълумоти шахсӣ, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва ғайриқонунӣ, кибертерроризм ва ғайра хоси терроризми иттилоотӣ мебошанд, ки паёмадҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ доранд. Таҳдидҳои муосири **терроризми биологӣ** бештар дар шакли паҳн намудани бемориҳои сироятӣ, бактерияҳо, вирусҳо, аз ҷумла «COVID–19» ва ғайра маҳсуб меёбанд. **Терроризми динӣ** фаъолияти зери ниқоби дин амалкунандае мебошад, ки ба зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлол ва якпорчагии давлат ва барангехтани кинаю адовати динӣ-мазҳабӣ равона гардидааст. Имрӯз шумораи зиёди ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҳамчун татбиққунанда ва таҳриккунандаи он фаъолият доранд, ки зумрае аз онҳо «ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Ихвон-ул-муслимин», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ» мебошанд. Мисоли равшани **терроризми этники**ро метавон вазъияти кунунии Афғонистон ва ҷиноятҳои мудҳише, ки имрӯз дар заминаи зиддиятҳои қавмию нажодӣ дар ин кишвар идома доранд, арзёбӣ намуд. Дар шароити муосир **терроризми иқтисодӣ** бештар дар шакли таҳримҳои иқтисодӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрати манфиатҷӯ алайҳи рақибони сиёсию иқтисодӣ зоҳир мегардад, ки нигаронкунанда буда, паёмадҳо ва хисоротҳои калони иқтисодӣ дорад.

Новобаста аз он ки таснифоти терроризм аз ҷониби файласуфон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва таърихнигорон дар шаклҳо ва андешаҳои гуногун анҷом дода мешавад, омилҳои зерин ба раванди он таъсири манфии худро мегузорад:

- то ҳол дар арсаи байналмилалӣ мавҷуд набудани мафҳуми умумиэътирофшудаи «терроризм»;
- дар аксари ҳолатҳо аз ҷониби муҳаққиқону пажӯҳишгарон ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно истифода гардидани «террор», «терроризм» ва «амали террористӣ»;
- истифодаи меъёри «духӯра» ва «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм;

- бо назардошти манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодӣ ифода ва истифода шудани терроризм;
- мухолифати манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии давлатҳо (субъектҳои муборизабаранда).

Ҳамин тавр, омилҳои мазкур то андозаи муайян ба раванди таснифоти терроризм таъсири манфӣ расонида, боиси он гардидаанд, ки имрӯз давлатҳо на ба манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули терроризм, балки бо оқибатҳои он мубориза мебаранд ва бо ин восита наметавон падидаи мазкурро решакан намуд.

## АДАБИЁТ:


1. Авдеев Ю.И. Терроризм как социально-политическое явление. / Под ред. Е.И.Степанова. – Москва, 1997.
2. Балан О.К. Понятие и классификация терроризма // Вестник Уфимского юридического института МВД РФ. – 2000. – №1.
3. Кабанов П.А. Политический терроризм: Криминологическая характеристика и меры сдерживания. – Москва, 1998.
4. Кота А. Эпоха терроризма // Международный терроризм и право. – Москва, 2004.
5. Лекарев С. Особенности терактов на территории современной России. [Сарчашмаи электронӣ] URL: www.sec4all.net. (санаи мурочиат: 27.07.2023).
6. Лизунов В.В. Проблемы и виды современного терроризма// Национальные приоритеты России. – 2011, №1(4). – 34 с.
7. Ляхов Е.Г., Попов А.В. Терроризм: национальный, региональный и международный контроль. Монография. – Ростов-на Дону: РЮИ МВД России, 1999. – 436 с.
8. Муҳаммад А.Н., Абдуҷалилов А. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон). – Душанбе: Дониш, 2021.
9. Назиров Д. Проблема терроризма, религиозного экстремизма и пути их преодоления. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 623 с.
10. Ожиганов Э.Н. Профиль терроризма: природа, цели и мотивации // СОЦИС. – 2006. – № 2.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 22.12.2017.
12. Савельев С. Терроризм – прибыльный бизнес для его организаторов. [Сарчашмаи электронӣ] URL: www.inforos.ru. (санаи муроҷиат: 27.07.2023).
13. Сочнев Д.В., Абасов М.М. Основные виды и наиболее распространенные формы международного терроризма // Полицейская деятельность. – 2013. – № 2.
14. Требин М.П. Терроризм в XXI веке. – Минск: Харвест, 2004.
15. Файзов Р.Х. Терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон): дис.доктори илмҳои сиёсӣ. – Кӯлоб, 2022. – 194 с.
16. Хиршман К. Меняющееся обличье терроризма // Международный терроризм и право. – Москва, 2004.
17. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсияи номзади илмҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2021.
18. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.
19. Ятимов С.С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015.

УДК: 94(581.1)"1994/1996"

# МАРҲИЛАИ ИБТИДОИИ ТАШАККУЛИ ТОЛИБИЗМ (СОЛҲОИ 1994-1996)

**ҲАКИМОВ Ҷ.А.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

*Дар мақола муаллиф пайдоиш ва марҳилаи ибтидоии ташаккули толибизм дар давоми солҳои 1994-1996 мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар заминаи пажӯҳиши илмӣ муаллиф муайян намудааст, ки тавлид ва ташаккули «Толибон» зуҳуроти тасодуфӣ ва табиӣ набуда, бо ташабусси давлатҳои манфиатдор созмон дода шудааст. Зеро бозигарони саҳнаҳои геополитикӣ махсусан барои татбиқи ҳадафҳои геосиёсию геоиқтисодии худ, «Ҳаракати Толибон”-ро ташкил ва ташаккул додаанд.*

*Муаллиф қайд намудааст, ки сарчашмҳои асосии пурра гардонии ҷангиёни «Толибон» қумандон, оила, қавм ва мадрасаҳои динӣ буданд, ки ба ғайр аз дарсҳои динӣ машғулиятҳои ҷангӣ, тахрибӣ ва террористӣ мегузаронданд. Дар сафи «Ҳаракати Толибон» на танҳо толибилмони мадрасаҳои динӣ буданд ва нақши муҳимро бозиданд, балки аъзои дигар гурӯҳҳо низ иштирок менамуданд.*

*Ҳамин тавр, муаллифи мақола хулоса намудааст, ки баъди пайдоиш ва ташаккул ёфтани «Ҳаракати Толибон», онҳо Афғонистонро аз мавқеи идеологияи динӣ роҳбарӣ мекарданд, ки аз ғояҳои салафизм ва кодекси паштунвалӣ маншаъ мегирифт. Дар дохили толибизм таҳти ниқоби дин ҳаракатҳои радикалӣ ва миллӣ-маҳалӣ дида мешуд, ки дар давраи ҳукмрониашон солҳои 1996-2001 ақидаҳои онҳо мавриди истифода қарор гирифта буд.*

***Калидвожаҳо**: толиб, «Ҳаракати Толибон», ҳаракати исломӣ-радикалӣ, паштуҳои қавмгаро, паштунвалӣ, бозигарон, саҳнаҳои геополитикӣ, муҷоҳидони исломгаро, қумандонҳои ҷиҳодӣ, зулм, ситам.*

# НАЧАЛЬНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТАЛИБИЗМА (1994-1996)

**ХАКИМОВ ДЖ.А.**
*Соискатель Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, НАНТ*

*В данной статье автор исследует начальные периоды формирования талибизма в 1994-1996 гг. В основе научного исследования автор определил, что возниконовение и формирование «Талибан» – это не случайное явление, а естественное, организованное по инициативе заинтересовнных стран. Так как игроки политических сцен, особенно для утверждения своих геополитических, геоэкономических целей, организовали и сформировали «Движение Талибан».*

*Автор отметил, что основными ресурсами пополнения рядов боевиков «Талибан» являются командиры, семья, племя и религиозные медресе, в которых помимо теологических занятий обучают военному, террористическо-диверсионному делу. В рядах «Движения Талибан» были не только выпускники религиозных медресе, которые играли важную роль, но и участвовали члены других группировок.*

*Таким образом, автор статьи сделал вывод, что после возникновения и формирования «Движения Талибан» они руководили Афганистаном с позиции религиозной идеологии, которая исходила из идей салафизма и кодекса пуштунвали. Внутри талибизма под прикрытием религии существовали радикальные и национально-местнические движения, идеи которых во время их правления в 1996-2001 гг.были использованы.*

***Ключевые слова:** талиб, «Движения Талибан», исламско-радикальные движения, пуштуны-националисты, пуштунвали, игроки, геополитические сцены, муджахеды исламисты, джихадистские командиры, насилие, тирания.*

# THE FIRST STAGES OF TALIBIZM FORMING (1994-1996)

**HAKIMOV J.A.**
*Aspirant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bahvaddinova, NAST*

*In this article the author examines the first period of talibizm forming in 1994-1996 years. On the basis of scientific research the author determined that origin and forming of talibizm it's not an accidental phenomena or natural which was organized by initiative of interested countries. Because the players of political stages organized and formed «Taliban Movement» especially for their geopolitical goals.*

*The author noted that the basic sources of the replenishment of the hits row of «Taliban» are commanders, famalies, tribes and religious medrese, in which besides religious studies teached military, terrorisric-diversonal affair. In the rows of «Taliban movement» were not only the graduating students of religious medrese, who played an important role, but took part the members of other grouping.*

*So, the author of the article came to conclusion that after origin and forming «Taliban movement» they controlled Afganistan from the position of ideological religion, which has connection with the ideas of Salafi and Pashtuns code. Inside of Talibizm group under cover of religion existed radical and national-local movements, whose ideas were used in the periods of their governing in 1996 -2001 years.*

***Key words:*** *talib, «Taliban Movement», Islamic-radical movement, pushtuns-nationalists, players, pashtunwali, geopololtic stages, mudzhaheds islamists, dzhihadist's commanders, violence, tyranny.*

Баъди аз хоки Афғонистон берун шудани неруҳои маҳдуди низомии шӯравӣ дар моҳи феврали соли 1989 ва пош хӯрдани ҳукумати Наҷибулло дар соли 1992, ҷанги шаҳрвандӣ дар ин кишвар оғоз шуд. Дар ин ҷанг собиқ гурӯҳҳои ҷиҳодие, ки бар зидди ҳукумати Наҷибулло ва Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ меҷангиданд, акнун байни худ ҷангро оғоз карданд. Афғонистон ба минтақаҳо таҳти роҳбарони гурӯҳҳои мухталиф ҷудо шуда буд ва мунтазам онҳо бо ҷангу оштишавӣ бо якдигар машғул буданд, вале кишвар ба вартаи ҳалокатбор афтида, пошхӯрии давлат ба миён омада буд.

Дар хукумати Бурҳонуддин Раббонӣ (Президенти ҳамонвақтаи Афғонистон) қисми зиёди мансабдорон аз ҳисоби тоҷиктаборон буданд ва асосан Кобул ва гирду атрофи онро таҳти тасарруфи худ гирифта, онҳоро назорат мекарданд. Се вилояти ғарбӣ бо марказаш шаҳри Ҳирот дар назорати Исмоилхон қарор дошта, амири минтақаи мазкур маҳсуб мешуд. Дар шарқи мамлакат бошад, се вилоятеро, ки аҳолии паштун зиёд буда, бо Покистон ҳамсарҳаданд, Шӯрои муҷоҳидон роҳбарӣ мекард, ки марказаш шаҳри Ҷалолобод буд. Минтақаи хурде дар ҷанубу шарқи кишвар таҳти назорати Гулбуддин Ҳикматёр қарор дошт.

Дар шимоли Афғонистон генерал Рашид Дӯстуми ӯзбектабор ҳокими шаш вилоят буд ва моҳи январи соли 1994 барои ҳамла кардан ба шаҳри Кобул тарки ҳукумати Раббонӣ карда, ба тарафи Гулбуддин Ҳикматёр гузашт. Дар минтақаи Афғонистони Марказӣ дар вилояти Бомиён ҳазораҳо ҳукмронӣ мекарданд. Ҷануби Афғонистон ва вилояти Қандаҳор ба минтақаҳо тақсим шуда, қумандонҳои саҳроии кучак аз ҳисоби собиқ роҳбарони гурӯҳҳое, ки ба дуздӣ ва ғорати мардум машғул буданд, онро таҳти назорат қарор дода буданд.

Оид ба вазъияти Қандаҳори ҳамондавра нависандаи покистонӣ Рашид Аҳмад қайд намудааст: «Роҳбарони онҳо (аз ҳисоби собиқ муҷоҳидон ва роҳбарони гурӯҳҳои дуздон – Ҳ.Ҷ.) ба савдогарони покистонӣ ҳамаи чизро мефурӯхтанд, ба монанди симчӯб ва симҳои алоқаи телефонӣ, дарахтонро мебуриданд, инчунин фабрикаҳоро бо ҳамаи таҷҳизоташон, ҳатто шиббаи ғелони вазнини оҳанинро барои оҳанпора ба онҳо фурӯхтанд. Ғоратгарон хонаҳо ва заминҳои наздиҳавлигиро аз мардум маҷбуран

гирифта, соҳибони онҳоро аз хонаҳояшон берун мекарданд ва онҳоро ба тарафдорони худ медоданд. Роҳбарони гурӯҳҳо зулму ситам мекарданд, духтарон ва писаронро барои қонеъ кардани нафси шаҳвонии худ медуздиданд, дар бозорҳо савдогаронро ғорат мекарданду дар кӯчаҳо мардумро зери лату кӯб қарор медоданд. Сафи муҳоҷирон на танҳо кам нашуд, балки анбуҳи зиёди онҳо афзоиш ёфта, аз Кандаҳор ба Кветтаи Покистон равона шуданд» [1, 40].

Вазъияти бади Қандаҳор мардумро ба дод оварда буд ва ҳамон вақт кадом қуввае, ки барои аз байн бурдани ин ноадолатиҳои қумандонҳои ҷиҳодӣ зуҳур мекард, онро мардум тарафдорӣ мекарданд.

Дар таърихи охири сеасраи Афғонистон, ки ҳамаи ин муддат қабилаҳои паштун ҳокими кишвар буданд ва ба сари ҳокимият омадани Раббонии тоҷик паштуҳои қавмгарорро ба ғазаб овард, онҳо норозигии худро ошкоро нишон медоданд. Дар ҳамин марҳила «Ҳаракати Толибон» аз худ садо дод.

«Ҳаракати Толибон» дар соли 1994 дар Афғонистон («толиб» аз калимаи арабӣ гирифта шуда, манънояш, «талабкунанда, толибилм, донишҷӯ, талабкунандаи илм») пайдо шуда, ҳаракати исломӣ-радикалӣ ва динӣ-сиёсии низомикардашуда буд. Онҳо ибтидо аз ҳамин давра барои ба даст овардани ҳокимият муборизаи худро оғоз карданд [7].

Ба андешаи мо истилоҳи «толибизм»-ро чунин шарҳ додан мумкин аст: **толибизм** – ин идеологияи исломӣ-иртиҷоӣ ва динӣ-сиёсии низомикардашудаи ҳаракати «Толибон» мебошад, ки соли 1994 аз тарафи Мулло Умар бо дастгирии хадамоти махсуси кишварҳои муайян дар шаҳри Қандаҳори Афғонистон таъсис ёфта, ҳамчун мактаби террор, нафрат ва харобкорӣ маҳсуб меёбад. Моҳияти динии толибизм дар он ифода меёбад, ки он ақидаҳои ваҳҳобияро бо урфу одатҳои паштунӣ (паштунвалӣ) омезиш дода, халқи паштунро дар Афғонистон нисбат ба дигар қавму миллатҳо боло мегузорад.

Белокренитский В.Я. ва Сикоев Р.Р. иброз намудаанд, ки «дар марҳилаи аввал соли 1994, қисман соли 1995, вақте ки самти фаъолияти сиёсии «Толибон» возеҳ намоён нашуда буд, пайдошавии онҳоро дар Афғонистон қисме аз аҳолӣ бо хурсандӣ пешвоз гирифта буданд. Ҳатто Президенти онвақтаи Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, ки эҳтимол мехост ин қувваи навро дар муборизаҳо бо рақиби деринаи худ Гулбуддин Ҳикматёр истифода барад, иброз намуда буд, ки «Толибон» – ин ҳаракати миллии афғонӣ мебошад ва онҳо пуштибони некукорӣ ҳастанд» [2, 19].

Абдурашид Дӯстум, раиси «Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон» дар вақти сафари худ ба Лондон моҳи январи соли 1996 (то забт намудани Кобул аз тарафи «Толибон» дар моҳи сентябр) дар мусоҳиба бо мухбири Би-Би-Си гуфта буд: «Толибон» – ин халқи афғон аст ва бародарони паштуи мо ҳастанд... Мо толибонро аз халқи худ ҷудо намекунем, онҳо қисми миллати мо мебошанд» [1, 40].

Роҳбарони мазкур аз он бехабар буданд, ки баъди чанд муддат ин ҳаракат ба сари ҳаммиллатони онҳо азобу машаққати зиёд меовараду миллатгароёни пашту сабаби қатли намояндагони ин қавмҳо мешаванд. «Толибон» дар ибтидо қатлу куштори худро аз роҳбарони гурӯҳҳо ва танзимҳо шуруъ карданд, ки дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ минтақаҳои муайянро таҳти назорати худ гирифта, ба дуздию ғоратгарӣ, қатлу куштор, боҷгирӣ аз мардум дар роҳҳо машғул буданд.

Барои тасдиқи ин, ба гуфтаҳои доктори илмҳои таърих, профессор Искандаров Қосимшо такя менамоем, ки чунин қайд намудаанд: «Дар бораи ин ки чӣ гуна Мулло Муҳаммад Умар тавонист, гурӯҳи хурди талабаҳоро бар зидди қумандонони бераҳми Қандаҳор бархезонад, он вақт достонҳои зиёде бар сари забонҳо буд. Яке аз достонҳои эътимодноктарини онҳо чунин аст: «Дар баҳори соли 1994 сокинони деҳаи Сангсор (Мулло Умар, муллои масҷиди он буд) барои шикоят аз як қумондон назди Мулло Умар омаданд. Онҳо изҳор доштанд, ки яке аз қумондонон ду духтари ҷавонро рабуда, сарҳояшонро тарошидааст ва пас аз бурдан, дар як пойгоҳи низомӣ мавриди таҷовуз

қарор додаанд. Мулло Умар бо ҷамъоварии 30 нафар аз муридонаш, ки танҳо 16 нафарашон мусаллаҳ буданд, ба пойгоҳи қумондони мазкур ҳамла намуда, пас аз озод кардани духтарон фармондеҳи ҷинояткорро дар мили танк ба дор овехтанд. Чанд моҳ баъд аз ин ҳодиса ду қумондони дигар дар Қандаҳор бар зидди якдигар қарор гирифтанд. Ин дафъа мавзуи аслӣ писарбачае буд, ки ҳар яке аз ин ду қумондон хоҳони он буданд. Дар ҷанге, ки байни онҳо дар гирифт, чандин нафар кушта шуданд. Гурӯҳи Мулло Умар писарбачаро озод кард ва пас аз он мардум бо иштиёқ аз ӯ хоҳиш намуданд, ки дар ҳалли дигар низоъҳо ҳам ба онҳо кумак кунад. Акнун Мулло Умар нақши «Робин Гудро» иҷро мекард, ки дар ҳар лаҳза барои кумак ба мардум, бо қумондонҳои зӯргӯ даргир мешуд. Ӯ ба ивази ин кумак ҳеҷ подош талаб намекард. Хостаи ӯ як чиз буд: ин ки барои эҷоди як низоми исломии ноб аз ӯ пайравӣ кунанд» [5,10].

Ҳамин тариқ, соли 1994 дар Қандаҳор ба ҷойи муҷоҳидони исломгаро, ки бар зидди ҳукумати Наҷибулло ва қисмҳои ҳарбии Иттифоқи Шӯравӣ меҷангиданд, неруи нави радикалӣ – «Толибон» омаданд ва маъруфияти худро ба даст оварда, ҳамаи минтақаро таҳти назорати худ гирифтанд. Дар китоби худ Аҳмад Рашид қайд менамояд, ки «То охири соли 1994 ба сафи «Толибон» 12 ҳазор толибилмони покистонӣ ва афғонӣ шомил шуданд» [1, 53].

Оид ба ин ҳодисаҳо ҳангоми мусоҳибаи Аҳмад Рашид бо хабарнигори покистонӣ Раҳимулло Юсуфзай, Мулло Умар чунин посух додааст: – «Мо барои он силоҳ ба даст гирифтем, ки ҷиҳоди афғониро ба мақсадаш расонем, мардуми худро аз ҷафо ва кулфати ба ном муҷоҳиддин раҳо созем. Мо ба қудрати Худо боварӣ дорем. Мо ҳама вақт инро дар ёд дорем. Бо ризоияти Ӯ мо метавонем ғалаба ба даст орем ё метавонем ба вартаи мағлубият дучор шавем» [1, 43].

Дар китоби мазкур, инчунин оид ба тарҷумаи ҳоли Мулло Муҳаммад Умар, ки дар давоми панҷ сол дар асоси суҳбатҳо бо роҳбарони «Толибон» гирифта шудааст, омадааст: «Мулло Муҳаммад Умар, тақрибан соли 1959 дар деҳаи Нодеҳи вилояти Қандаҳор, дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Ӯ аз қавми ҳотакӣ, шохаи ғилҷойии паштунҳо мебошад. Мулло Умар дар қавми худ ва дар ҷомеа ягон хел мавқеи баланд надошт ва қандаҳориҳо иброз намуда буданд, ки дар бораи оилаи онҳо ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ чиз нашунида буданд. Дар даврони ҷанги солҳои 80-уми қарни гузашта оилаи онҳо ба шаҳри Torинкoти вилояти Урузгон кӯч бастанд, ки яке аз минтақаҳои ақибмонда ва душворфатҳи Афғонистон ба ҳисоб мерафт. Ба он ҷо қисмҳои ҳарбии Иттифоқи Шӯравӣ кам мерафтанд. Падари Умар, дар даврони ҷавонии ӯ вафот кардааст ва Умар муҳофизатгари оилаи худ ба ҳисоб мерафт.

Барои дарёфти кор ӯ ба деҳаи Синҷезар, минтақаи Майванди вилояти Қандаҳор омада, мулло шуда мадраса кушодааст. Ду маротиба таҳсили ӯ дар мадрасаи Қандаҳор қатъ карда шудааст, аввал ҳангоми воридшавии Қувваҳои мусаллаҳи шӯравӣ ва дуюмбора ҳангоми ташкил намудани «Ҳаракати Толибон». Мулло Умар ба «Ҳизби исломии Холес» пайваст шуда, таҳти роҳбарии Некмуҳаммад бар зидди ҳукумати Наҷибулло аз соли 1989 то соли 1992 ҷанг намудааст. Ӯ чор маротиба ҷароҳат бардоштааст. Аз ҷумла, яке аз онҳо ҷароҳати чашм мебошад, ки боиси нобино гардидани як чашми ӯ шудааст. Умар се зан ва панҷ фарзанд дошт» [1, 43].

Дар аввал таркиби этникии «Ҳаракати Толибон»-ро паштунҳо ташкил медоданд, ки мисли тоҷикони Афғонистон шумораашон зиёд буд ва дар ҳаракатҳои аъзои «Толибон» миллатгароии паштунӣ бараъло намоён мешуд. Шумораи паштунҳои Покистон нисбат ба паштунҳои Афғонистон зиёд мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки таркиби ҳизбу ҳаракатҳо, танзимҳои дигар аз як миллат иборат набуд ва дигар миллатҳо дар онҳо фаъолият менамуданд. Ҷавҳари «Ҳаракати Толибон»-ро (номи расмияш бо забони паштунӣ – «Де Афғонистон де Толибано исломи таҳрик») толибон ва муллоҳои мадрасаҳои афғонӣ, ки таҷрибаи низомии иштирок дар ҷиҳод, инчунин толибон – фарзандони гурезаҳо, ки тайёрии ҳарбиро дар мадрасаҳо гузашта буданд, ташкил медоданд, ки дар лагерҳои ҳудуди Покистон фаъолият мекарданд ва ҳатто дар ҳайати танзимҳои муҷоҳидӣ ҷанг ҳам

карда буданд. Қисми зиёди афсарони артиши афғонӣ ба толибон ҳамроҳ шуданд, ки бисёре аз онҳо аллакай таҷрибаи иштирок дар ҷанги зидди давлати коммунистӣ аз тарафи муҷоҳидон солҳои 1979-1992 доштанд. Инчунин қисми мушаххаси низомиён дар ташкилоти «Толибон» афсарони паштунтабори ба истеъфо баромада аз артиш ва разведкаи Покистон (ISI) буданд» [8, 23].

Бо такя ба андешаи объективонаи рӯзноманигори машҳури афғонӣ А.Х. Мубориз чунин баён намудан мумкин аст: «Асоси «Ҳаракати Толибон», – қайд мекунад ӯ, – бешак афғонӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, таъсиррасонии разведкаи байниидоравии покистонӣ (ISI) инчунин шубҳа намеорад, чунки ӯ бо аксарияти танзимҳои исломӣ (гурӯҳи муҷоҳидон, иштирокчиёни ҷиҳод, ҷанги солҳои 1979-1992) алоқаи пешина дошт, бо бархе аз онҳо алоқаҳои зич, бо дигаре онҳо алоқаи камтар» [8].

Барои ҷалби бештари ҷангиён ба тарафи худ, «Толибон» ба мушкилоти моддии аҳолӣ, тарс, инчунин, ҳисси ифтихор ва шараф, қудрати қабила ва урфу одатҳо ва эътиқоди динӣ такя мекарданд. Дар маъракаи сарбозгирии «Толибон» нақши калонро руҳониён, қумандонҳои саҳроӣ ва роҳбарони қавмҳо бозидаанд. Сарчашмҳои асосии пурра гардонии ҷангиёни «Толибон» қумандон, оила, қавм ва мадрасаҳои динӣ буданд, ки ба ғайр аз дарсҳои динӣ машғулиятҳои ҷангӣ, тахрибӣ ва террористӣ мегузаронданд. Дар сафи «Ҳаракати Толибон» на танҳо толибилмони мадрасаҳои динӣ буда, нақши муҳимро бозиданд, балки аъзои дигар гурӯҳҳо низ иштирок менамуданд. Дар даврони толибизм дар Афғонистон ҳеҷ ҳизбу ҳаракатҳо иҷозати фаъолият намудан надоштанд.

Оид ба нақши Покистон дар шаклгирӣ ва ташаккули «Ҳаракати Толибон» муҳаққиқон ва дигар олимони сиёсатшиноси хориҷиву дохилӣ фикру мулоҳизаҳои худро дар шаклҳои гуногун баён кардаанд. Аз ҷумла, дар маҷаллаи «Миллат» Искандаров Қосимшо, мақолаи «Ҳоло толибон дуо мекунанд, то амрикоиҳо ба Афғонистон баргарданд» (мусоҳиба аз 17-уми декабри соли 2021) қайд намудаанд, ки «Покистон дар раванди шаклгирӣ ва тақвияти «Толибон» нақши умда дошт. Толибон аксаран дар Покистон ба воя расидаанд, дар мадориси динии ҳизби «Ҷамъият-ул-уламои ислом» дар Покистон хондаанд. Ин ҳизб аз ду ҷиноҳи асосӣ иборат буд, ки ба онҳо Мавлоно Фазлурраҳмон ва Мавлоно Самеъулҳақ роҳбарӣ мекарданд. Инҳо паштунанд ва дар миёни паштунҳо ва балуҷҳо тарафдори зиёд доранд. Мавлоно Фазлурраҳмон бо нахуствазири онвақтаи Покистон – Беназир Бҳуто робитаи наздик дошт. Дар соли 1993 ҷиноҳи ӯ ба эътилофи интихоботии Беназир Бҳуто пайваст ва ин эътилоф пирӯз шуда, Беназир сарвазири Покистон шуд, ки дар рушди толибон ва ба як неруи пуриқтидор табдил ёфтани он нақши калон дошт. Мавлоно Фазлурраҳмон ин ҷунбиши дар ҳоли ташкилро ба Созмони истихборотии артиши Покистон (ISI) муаррифӣ кард» [6].

Баъзан тасдиқ карда мешавад, ки «Ҳаракати Толибон» ба ҷараёни ваҳҳобия тааллуқ дорад, вале идеологияи «Толибон» бунёдгароиро бо урфу одатҳои паштунӣ (паштунвалӣ) пайвастааст.

Тавре маълум аст, Покистон дар муборизаи Г.Ҳикматёр бо Ҳукумати Наҷибулло ва зиддишӯравӣ ба ӯ кумаки ҳаматарафа намуда, ба ин шахс такя мекард. Ҳикматёр баъди бохташ дар ҷанг бо «Ҳизби Ҷамъияти Исломӣ» бо роҳбарии Б. Раббонӣ ва фармондеҳии А. Масъуд натавонист мақсадҳои Покистонро пиёда намояд. Покистон аз ноуҳдабарорории Ҳикматёр хаста шуда, қувваи наверо дар дохили паштунҳо меҷуст, ки тавонад манфиатҳои Покистонро намояндагӣ намояд ва онро дар мисоли «Толибон» пайдо намуд.

Вобаста ба ин, бояд чунин нуктаро ба назар гирифт: «Бозигарони аслии саҳнаҳои геополитикӣ бағоят хушзеҳн, ҳушёр, зирак ва андешаманд буда, аз лиҳози стратегӣ, пешакӣ сари даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳо фикр мекунанд, барнома месозанд ва ба амалисозии он мепардозанд. Онҳо бар он мекӯшанд, ки хусусияти ҷомеаҳои мусулмониро амиқ омӯхта, фарқияту ихтилофҳо, фарҳангу руҳия ва сатҳи ҷаҳонбинии мардуми онҳо ва умуман, ҷиҳатҳои заиф ва осебпазири ин ҷомеаҳоро муайян намоянд. Онҳо қаноатманд мешаванд, замоне ки бо халқҳои «каммаърифат», ба ибораи дигар

«содалавҳ» дучор меоянд, зеро «вақте ки халқ тираақл аст, идора карданаш осон аст» [9, 18]. Покистон нисбат ба «Толибон» маҳз ҳамин тавр рафтор намуд.

Чӣ хеле ки дар боло қайд карда шуд, нақши калидиро дар пайдоиши «Толибон» собиқ вазири корҳои дохилаи Покистон Насиррулло Бобур бозидааст, ки бо аъзои ин ҳаракат вохӯриҳо гузаронида буд. Н.Бобур тавонист Беназир Бҳуторо бовар кунонад, ки толибон қуввае мебошанд, ки барои амалӣ кардани нақшаҳои Покистон истифода бурда мешаванд. Оид ба ин мавзуъ муҳаққиқ Коргун В.Г. қайд кардааст, ки «Сарпарасти асосии ҳаракат Покистон буд, ки роҳбарони ин кишвар дер боз (аз соли 1956) дар фикри сохтани иттиҳодияи афғонӣ-покистонӣ буданд ва барои ба сари хукумати «дӯст», «лӯхтакмонанд» дар Кобул омадани онҳо ёрӣ менамуданд. Илова бар ин, Исломобод умед дошт, ҳаракатро дар гирифтани амният барои расидан ба бозори давлатҳои Осиёи Марказӣ тариқи хоки Афғонистон истифода барад» [4, 543].

Аз нигоҳи мо тавлид ва ташаккули «Толибон» ба таври табиӣ сурат нагирифтааст, балки бо ташаббуси давлатҳои манфиатдор созмон дода шудааст, ки омилҳои дохиливу беруниро дар бар мегирад. Покистон бо кумаки Амрико, Англия ва бо пулҳои Арабистони Саудӣ «Ҳаракати Толибон»-ро ташкил намуд. Гарчанде ки Покистон инро инкор мекард, далелҳо ва мушоҳидаҳои иштирокчиёни ин раванд нишон медиҳанд, ки дар дасти А.Масъуд асирони зиёд буданд, ки тааллуқ ба низомиёни артиши Покистон доштанд. Дастгирии «Толибон»-ро Покистон аз он хотир мекард, ки дар сафи онҳо паштунҳо зиёд буданд ва аҳолии зиёди Покистонро низ паштунҳо ташкил медиҳанд, ки эҳтиром ва таъсири калон дар Артиши Покистон доштанд. Дар миёни толибон паҳлӯ ба паҳлӯ бо паштунҳо гурӯҳҳои этникие, ки дар Покистон зиндагӣ мекарданд – панҷобиҳо, синдҳо ва балуҷҳо низ буданд.

Барои Ҳукумати ИМА маълум шуда буд, ки муҷоҳидоне, ки бар зидди Ҳукумати Наҷибулло ҷанг мекарданд, кишварро наметавонанд устувор намоянду тараққӣ диҳанд. Аз ин рӯ, пайдошавии толибон ба Амрико имкон медод, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии худ дар минтақа ба онҳо такя намояд. Амрико умед дошт, ки баъди ба низом даровардани кишвар аз тарафи толибон ба охиринҳо муяссар мешавад, ки кишт ва истеҳсоли моводи мухаддирро аз байн баранд, амнияти сохтмони хатти интиқоли нафт ба укёнуси Ҳинд тариқи Афғонистонро таъмин намоянд. Аммо умеди Амрико барбод рафт.

Оид ба шаклгирии ҳукумати толибон Белокренитский В.Я. ва Сикоев Р.Р. чунин қайд намуданд: «3-юми апрели соли 1996 (дар дигар сарчашмаҳо 4 апрел) дар Қандаҳор 1500 намояндагони руҳониёни афғон, ки барои иштирок дар Шӯро даъват шуда буданд, ҷамъ шуданд, то ки нақшаҳои ояндаи худро муҳокима намоянду роҳбари «Толибон» – Мулло Муҳаммад Умар Охундро ҳамчун Амир-ул-муъминин эълон намоянд» [2,55]. Бо ҳамин сабаб, Афғонистон Аморати исломии Афғонистон номгузорӣ карда шуд. Ин чорабинӣ яке аз калонтарин ҷамъомади руҳониёни Афғонистони муосир буд ва дар ин ҷо ҳам толибон, ки ҳисси миллатгароиашон баланд мебошанд, ягон нафареро, ки ғайрипаштун бошад, ба чорабинӣ даъват накарданд. Мулло Муҳаммад Умар Охундро ҳамчун Амир-ул-муъминин эълон карданд.

Баъди таҳти тасарруфи худ гирифтани Қандаҳор, «Толибон» қонунҳои шариатиро ҷорӣ карданд. Онҳо мактабҳои духтаронаро бастанд, корро дар идораҳо барои занон манъ карданд, занҳо зери фаранҷӣ қарор дошта, ҳуқуқи таҳсил карданро надоштанд, тамошо кардани барномаҳои телевизионӣ ва мусиқӣ ва рақсҳо манъ карда шуданд. Бозиҳои варзиширо низ бастанд. Қатли ҷинояткорон дар назди омма ворид карда шуд, мардонро маҷбур сохтанд, ки риш монанд.

«Толибон» дар моҳи феврали соли 1995 аз сиву як вилояти Афғонистон дувоздаҳтои онро таҳти назорати худ гирифта, нафаронеро, ки мусаллаҳ буданд, халъи силоҳ карданд. Роҳбарони ҷангии маҳалӣ бо «Толибон» таслим мешуданд. Онҳо ба маркази ин кишвар шаҳри Кобул мерафтанд, то ки пойтахтро аз ҳукумати Раббонӣ озод намоянд. Акнун шумораи «Толибон» ба 25 ҳазор нафар мерасид. 2-юми феврали соли 1995 «Толибон» вилояти Вардакро гирифтанд, ки дар 45 киломертии Кобул қарор дорад ва ин барои

дастаҳои Ҳикматёр, ки дар ҷанубу шарқии кишвар қарор доштанд, хатари калон ба ҳисоб мерафт. Қувваҳои Ҳикматёр, аз як тараф, зери фишори «Толибон», аз тарафи дигар, зери фишори ҷанговарони ҳукумати Раббонӣ қарор доштанд ва нафарони Ҳикматёр руҳияи ҷангиро гум карда буданд. Моҳи феврали соли 1995 «Толибон» кувваҳои Ҳикматёрро аз наздикии Кобул ронданд ва ба пойтахт наздик шуда, иқдоми ҳуҷуми аввалро карданд.

Оид ба пайвастани толибилмони мадрасаҳои покистонӣ ба «Толибон» Рашид Аҳмад қайд намудааст: «Баъди таҳти назорат гирифтани Қандаҳор, қариб 20000 афғонҳо ва садҳо толибилмони мадрасаҳои Покистон сарҳадро убур намуда, бо Мулло Умар пайваст шуданд, ки бисёри онҳо аз 14 то 24-сола буданд ва таҷрибаи ҷанг карданро надоштанд, аммо силоҳро истифода бурда метавонистанд» [1,55].

Баъди ҷалбшавии миқдори зиёди тарафдорон, «Толибон» ба самти шимол, вилоятҳои Урузгон ва Зобул ҳаракат намуда, ин вилоятҳоро бе ҷанг таҳти тасарруфи худ қарор доданд. Роҳбарони паштунтаборе, ки ба дуздӣ машғул буданд, тасмим гирифтанд, ки бо «Толибон» ҷанг накунанд ва байрақи сафедро баланд карданд ё силоҳашонро супорида, ба итоати онҳо гузаштанд. Баъди як моҳ қувваҳои Раббонӣ – Масъуд мавқеи «Толибон»-ро танг намуда, онҳоро аз гирду атрофи Кобул ронданд. Аммо моҳи сентябри соли 1995 «Толибон» шаҳри Ҳиротро таҳти назорати худ гирифанд ва Исмоилхон маҷбур шуд, ки ба Эрон фирор намояд.

Оид ба қазияи мазкур бояд таъкид намуд, ки хатогии Исмоилхон дар он буд, ки мардумро бесилоҳ намуда, аз ҳисоби даъватшавандагон артиш ташкил кард, ки даст ба тамаъҷӯйӣ мезаданд, ҳолати руҳӣ-равониашон паст буд ва бо таҷҳизоти ҷангӣ муҷаҳҳаз набуданд, аз ҳамин лиҳоз, онҳо дар байни мардум он қадар шуҳрат надоштанд., Гарчанде ки Исмоилхон мардумро барои ҳимояи Ҳирот маротибаи дуюм мусаллаҳ намуда буд, вале ба фишори низомии «Толибон» тоб наоварда, ба дасти онҳо афтид. Ин вилоят якумин минтақае буд, ки дар он асосан ғайрипаштунҳо зиндагӣ мекарданд ва таҳти тасарруфи онҳо қарор гирифт. «Толибон» дар шаҳри Ҳирот мактабҳоро баста, мардумро маҷбур мекарданд, ки ба қонунҳои онҳо итоат намоянд.

Ишғоли Ҳирот аз тарафи «Толибон» онҳоро руҳбаланд намуда, дар моҳҳои октябр-ноябри соли 1995 боз аз нав ба Кобул ҳуҷум намуданд, аммо қувваҳои низомии Масъуд ҳуҷуми онҳоро гардонид. «Толибон» 11-уми сенятбри соли 1996 Ҷалолободро таҳти назорат гирифта, 26-уми сентябри ҳамон сол пойтахти Афғонистон – шаҳри Кобул ва гирду атрофи он аз тарафи онҳо фатҳ карда шуд. Баъди тасарруфи Кобул ва атрофи он расман дар таърихи Афғонистон марҳилаи нави рушди толибизм ҳамчун идеология шуруъ шуд.

Баъди тасарруфи Кобул Аҳмадшоҳи Масъуд бо ҷанговарон ва техникаи ҳарбиаш пойтахтро тарк намуда, ба тарафи шимол (минтақаи Панҷшер) рафт. Ӯ дарк мекард, ки муҳофизати шаҳр, ки аз ҳама тараф ба он ҳуҷум сурат гирифта буд, кори осон нест ва инчунин намехост, ки мардуми одии Кобул талафот ёбад. Президенти Афғонистон Б.Раббонӣ низ бо дигар аъзои ҳукумат Кобулро тарк намуда, ба шимоли Афғонистон рафтанд.

Дар ин давра собиқ Президенти Афғонистон Наҷибулло, ки дар он рӯзҳо бо ҳамроҳии бародараш Шоҳпур Аҳмадзай дар бинои СММ паноҳ бурда буд, кушта шуд. Оид ба ин мавзуъ Аҳмад Рашид иброз намудааст: ««Якумин ва аз ҳама кори хунини «Толибон» баъди забт намудани Кобул ин қатли Наҷибулло ва бародараш буд, ки дар бинои дипломатии СММ зиндагӣ мекарданд» [1,82].

Бояд иброз намуд, ки дар суҳбатҳо бо шоҳидони ин воқеа маълум мешавад, ки Наҷибулло бовар дошт, ки «Толибон» аз лиҳози қавму қабилавӣ ва ҳаммилллат буданашон ба ӯ ва ҳамроҳонаш ягон зарар намерасонанд. Аз ин рӯ, ӯ ҳатто хоҳиши А.Масъудро низ барои бароварданаш аз Кобул ба тарафи шимол рад карда буд. Қатли Наҷибулло амали золимӣ маҳсуб шуда, маънои рамзии худашро дошт – ин тарсонидани сокинон ва омма аз тарафи «Толибон» буд.

Расман кишвари Покистон дахолати худро дар амалиётҳои ҷангӣ ва пешрафти «Толибон» рад мекарданд. Аммо тасарруфи Кобул аз тарафи онҳо ба Покистон писанд омада буд. Белокреницкий В.Я., Москаленко В.Н. оид ба чунин сиёсати Б.Бҳуто қайд кардаанд: «Сарвазири Покистон Бҳуто иброз намуда буд, ки кишвари ӯ ягон авлавият дар Афғонистон надорад ва мо ба корҳои дохилии ин кишвар мудохила намекунем» [3,377].

Вобаста ба ин мавзуъ, муҳаққиқ Қ.Искандаров, дар китоби «Афғонистон дар ибтидои қарни XXI» чунин қайд кардааст: «Дар бораи нақши Покистон дар ташкилу ҳимоят ва таъмини «Толибон» матолиби зиёд навишта шудааст ва новобаста аз он, ки ҳукуматдорони Покистон мудохилаи худро инкор мекунанд, ин амали онҳо инкор карда намешавад… Покистон на танҳо ҷунбиши «Толибон»-ро бо мусоидати Америкою англисҳо ва кумаки молии Арабистони Саудӣ ба вуҷуд овард, балки дар солҳои охир зери пӯшиши «Толибон» қисмҳои низомии артиши Покистон дар Афғонистон бар зидди Давлати исломии Афғонистон (ҳукумати Б.Раббонӣ – Ҳ.Ҷ.) меҷангиданд. Амалан аз тарафи Покистон бар зидди Афғонистон таҷовузи мусаллаҳона сурат гирифта буд». Ба ақидаи мо, ин гуфтаҳоро комилан дуруст ҳисобидан мумкин аст. Барои тасдиқи ин даъво роҳбарони Афғонистон низ далелҳои раднопазир доштанд [5,10].

Дар маҷмуъ, соли 1996 «Толибон» бо суръати тез бе ҷанг вориди Кобул шуданд ва ҳамаи қувваҳои ҳукуматӣ аз шаҳр баромада рафтанд, акнун онҳо комилан ғалаба карданд. Дар ду рӯзи аввал «Толибон» дар шаҳри Кобул тартиботи сахти қонунҳои исломиро ҷорӣ намуданд, ки дар ягон кишвар ҳамшабеҳи худро надошт. Ба занон кор кардан дар идораҳои давлатӣ манъ карда шуд, ҳарчанд чоряки хизматчиёни давлатӣ омӯзгорони мактабҳои ибтидоӣ, беморхонаҳо ва дармонгоҳҳоро занон ташкил медоданд. Мактабҳо, коллеҷҳои занона баста шуданд, ба занон фаранҷӣ ба бар кардан ҳатмӣ шуд. Соли 1999 дар талаботи «Толибон» нисбат ба духтарони мактабхон сустӣ дида мешуд, аз ҷумла барои ба мактаб рафтани духтарони то 12-сола иҷозат дода шуда буд. Ҳар рӯз маҳрумиятҳои нав тавлид мешуд. Телевизион, видео, радио, мавҷқабулкунакҳои моҳворавӣ, мусиқӣ, бозиҳои шоҳмот, футбол барҳам дода шуд. «Радиои Кобул» номи нави «Радиои шариат»-ро гирифт, мусиқӣ дар барномаҳои радиоӣ дигар садо намедод.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки баъди пайдо ва ташаккул ёфтани «Ҳаракати Толибон», онҳо Афғонистонро аз мавқеи идеологияи динӣ роҳбарӣ мекарданд, ки аз ғояҳои салафизм ва кодекси паштунвалӣ маншаъ мегирифт. Дар ҳаракатҳои «Толибон» таҳти ниқоби дин ҳаракатҳои радикалистӣ ва миллӣ-маҳаллӣ дида мешуд, ки дар давраи ҳукмрониашон солҳои 1996-2001 мавриди истифода қарор гирифта буд.

**АДАБИЁТ:**

1. Ахмад Рашид. Талибан. Ислам, нефть и новая Большая Игра в Центральной Азии. (англ.) рус./пер.с англ. М.Полякова.– М.: Библион-Русская книга, 2003 – 368 стр.

2. Белокренитский В.Я., Сикоев Р.Р. Монография «Движение Талибан и перспективы Афганистана и Пакистана». – Москва: ИВ РАН, 2014.

3. Белокреницкий В.Я., Москаленко В.Н. История Пакистана. – М.: ИВ РАН 2008.

4. Коргун В.Г. История Афганистана. XX век. – Москва: ИВ РАН Издательство «Крафт+», 2004.

5. Қосимшо Искандаров, Афғонистон дар ибтидои қарни XXI. – Душанбе, 2010.

6. Искандаров Қосимшо, Ҳоло толибон дуо мекунанд, то амрикоиҳо ба Афғонистон баргарданд: мусоҳиба ба маҷаллаи «Миллат» аз 17.12.2021.

7. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https:tg.m.wikipedia.org. (санаи муроҷиат: 19.07.2023).

8. Сикоев Р.Р. Талибы: религиозно-политический портрет. 2-е изд. – Москва: Институт востоковедения РАН, Издательство «Крафт+», 2004, – 256 стр.

9. Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015.

УДК: 556.16(575.1)

# ГЕОПОЛИТИКАИ ОБ ВА ИМКОНИЯТҲОИ БА ГИДРОГЕГЕМОН ТАБДИЛ ЁФТАНИ ТОҶИКИСТОН

**АБДУРАҲМОНОВ А.А.[1], МИРЗОЕВ У.И.[2]**

*[1]Номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

*[2]Ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

*Ҷаҳони муосир пур аз зиддияту мухолифатҳои оштинопазир аст. Сабабу омилҳои ин мухолифатҳо бениҳоят зиёданд: сарватҳои зеризаминӣ, манбаъҳои моддӣ, таззодҳои арзишию идеологӣ, мақсадҳои ба ҳам зидди сиёсии кишварҳои абарқудрат, истифода аз сарчашмаҳои обӣ ва ғайра. Дар миёни ин ҳама сабабҳо омили обӣ махсус қайд карда мешавад. Дар воқеъ, манбаъҳои обӣ ва масъалаи самаранок истифода бурдани онҳо боиси сар задани баҳсҳо ва моҷароҳои зиёде дар саросари олам гардидааст. Дар мақолаи мазкур чанд намунае аз баҳсҳои обӣ ва гидромоҷароҳо дар нуқоти мухталифи олам нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар матлаби мазкур мафҳуми «абарқудрати обӣ» ё «гидрогегемон» муфассал шарҳу тафсир ёфтааст, ки маънои дар ихтиёр доштани манбаъҳои обӣ ва истифодаи самараноки онҳоро дорад.*

*Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои гидрополитикию гидрогегемонӣ равшану возеҳ инъикос ёфта, имкониятҳои ба гидрогегемон табдил ёфтани Тоҷикистон нишон дода шудааст. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ, ки метавонад бо истифодаи имкониятҳои мавҷуд ба гидрогегемони минтақавӣ табдил ёбад, муаррифӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *геополитикаи об, гидрогегемон, гидроэнергетика, моҷароҳои обӣ, экосистема, Ҷумҳурии Тоҷикистон, манбаъҳои обӣ, назорат, идоракунии об, фишори обӣ.*

# ВОДНАЯ ГЕОПОЛИТИКА И ВОЗМОЖНОСТИ ПРЕОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ГИДРОГЕГЕМОНА

**АБДУРАХМАНОВ А.А.[1], МИРЗОЕВ У.И.[2]**

*[1]Кандидат политических наук, старший преподаватель кафедры политологии ДДОТ имени С. Айни*

*[2]Ассистент кафедры политологии ТГПУ имени С. Айни*

*Современный мир полон непримиримых противоречий. Причины и факторы этих противоречий чрезвычайно многочисленны: ископаемые ресурсы, материальные источники, ценностные и идеологические конфликты, противоречивые политические цели стран-сверхдержав, использование водных источников и др. Среди всех этих причин особо выделяется водный фактор. На самом деле, источники воды и вопрос об их эффективном использовании вызывает множество споров и авантюр во всем мире. В данной статье показаны некоторые примеры водных споров и гидроконфликтов в разных частях мира. Также в данной статье подробно объясняется и интерпретируется понятие Водной сверхдержавы или Гидрогегемона, что означает обладание водными источниками и их эффективное использование.*

*Кроме того, наглядно отражено положение Республики Таджикистан в системе гидрополитических и гидрогегемонистских отношений, показаны возможности Таджикистана стать гидрогегемоном. Таджикистан представлен как страна с большими водными ресурсами, которая может стать региональным гидрогегемоном, используя имеющиеся возможности.*

***Ключевые слова:*** *геополитика воды, гидрогегемон, гидроэнергетика, водные конфликты, экосистема, Республика Таджикистан, водные источники, контроль, управление водными ресурсами, вода как стрество давление.*

# WATER GEOPOLITICS AND OPPORTUNITIES FOR TRANSFORMING TAJIKISTAN INTO HYDROGEGEMON

**ABDURAKHMANOV A.A.[1], MIRZOEV U.I.[2]**

*[1]Candidate of Political Sciences, Senior Lecturer of the Department of Political Science of the SPUT named after S. Ayni*

*[2]Assistant of the Department of Political Science of the SPUT named after S.Ayni*

*The modern world is full of irreconcilable contradictions. The causes and factors of these contradictions are extremely numerous: fossil resources, material sources, value and ideological conflicts, conflicting political goals of superpower countries, the use of water sources, etc. Among all these reasons, the water factor stands out. In fact, the sources of water and the issue of their efficient use have caused a lot of controversy and adventures around the world. This article shows some examples of water disputes and hydro conflicts in different parts of the world. This article also explains and interprets in detail the concept of the Water Superpower or Hydrohegemon, which means the possession of water sources and their effective use.*

*The position of the Republic of Tajikistan in the system of hydro-political and hydro-hegemonic relations is clearly reflected, the possibilities of Tajikistan to become a hydro-hegemon are shown. Tajikistan is presented as a country with large water resources, which can become a regional hydrohegemon, using the available opportunities.*

***Key words:*** *Geopolitics of water, Hydrohegemon, hydropower, water conflicts, ecosystem, Republic of Tajikistan, water sources, control, water resources management, water as a means of pressure.*

Омили гидрогегемонӣ дар раванди табдил шудан ба як сармояи муҳим дар баҳсҳои сиёсати хориҷӣ қарор дорад. Об чун анъана яке аз муҳимтарин захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад, ки дастрасии муносиб ба он бояд таъмин гардад. Он бевосита ба амнияти озуқаворӣ, яъне соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст. Ҳамчунин, ба рушди тамоми намудҳои саноат (зеро об барои давраҳои гуногуни истеҳсолот: аз эҷоди нимноқилҳо то кори таҷҳизоти стандартӣ лозим аст) ва тавлиди неруи барқ низ таъсири амиқ мерасонад.

Агар мушкилоти дастрасӣ ба манбаъҳои об ба вуҷуд ояд, тариқи автоматӣ чунин оқибатҳои манфӣ: муҳоҷирати аҳолӣ, эпидемияҳои фарогир, рукуди иқтисодӣ ва низоъҳоро ба бор меорад. Ба ин муносибат дар шароити соҳибихтиёрии давлатӣ (аниқтараш ҳамбастагии соҳибихтиёрии давлатҳои гуногун ва манфиатҳои миллии онҳо) мафҳуми **«гегемонияи обӣ»** ба вуҷуд омад. **Гидрогегемония – гегемония дар сатҳи ҳавзаи дарё мебошад, ки тавассути стратегияҳои мухталифи идоракунии об, ба монанди назорати захираҳо, интегратсияи манбаъҳои обӣ ва нигоҳдории он ба даст меояд [8].** Стратегияҳо тавассути тактикаҳои гуногун амалӣ карда мешаванд (масалан, маҷбуркунӣ – фишор, бастани шартномаҳо, андӯхтани дониши соҳавӣ ва ғ.), ки ин ҳолат бо истифода аз номутаносибии мавҷудаи қудрат дар заминаи заифи институтсионалии байналхалқӣ имконпазир мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар саромади обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қарор дорад ва чандин ташаббусҳои байналмилалиро оид ба масъалаҳои обу гармшавии иқлим рӯйи кор овардааст, амалан метавонад ба як гидрогегемони минтақавӣ табдил ёбад.

Равандҳои сиёсии берун аз бахши об муносибатҳои гидрополитикиро ба тарзе шакл медиҳанд, ки аз манфиатҳои ҳамкорӣ дар зери роҳбарии гегемонӣ то ҷанбаҳои ноодилонаи ҳукмронӣ фарқ мекунанд. Натиҷаи рақобат дар самти назорат аз болои захираҳо аз рӯйи шакли муқаррар намудани гидрогегемония, чун қоида, ба фоидаи иштирокчии тавонотарин муайян карда мешавад. Илова бар ин, назорати яктарафаи об барои кишварҳои поёноб фишангҳои сиёсиро ба вуҷуд меорад [6]. Ҳамин тариқ, Марк Зайтун (профессори омӯзиши масъалаҳои амнияти обӣ аз Мактаби байналмилалии рушди Донишгоҳи Англияи Шарқӣ, директори генералии Институти Geneva Water Hub оид ба тадқиқоти об) ва Жерон Уорнер ҳавзаҳои дарёҳои Урдун, Нил, Фурот ва Даҷларо

баррасӣ карданд, аммо ин моделро метавон дар минтақаҳои дигар – Осиё, Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ татбиқ кард. Дар ин масъала ҳолати мушаххаси ба мо алоқаманд низ мавҷуд аст. Бунёди неругоҳи Роғун дар Тоҷикистон замоне таниш миёни Тоҷикистону Ӯзбекистонро ба бор оварда буд [2].

Мушкили тақсими захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ то ояндаи номаълум актуалӣ боқӣ мемонад. Масалан, кӯли дуюми калонтарини Осиё – Балхаш дар Қазоқистон мустақиман ба дарёи Или пайваст аст, ки сарчашмаи он дар Чин қарор дорад. Экосистемаи Или – Балхаш 400 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад, ки ин аз масоҳати умумии давлатҳои Британия, Дания, Шветсария, Голландия ва Белгия бузургтар аст. Пеш аз ин, бо сабаби истеъмоли захираҳои обӣ дар худи Чин, ки ба таъмини вилояти мухтори Синзян-Уйғур ва қонеъ кардани талаботи саноати маҳаллӣ нигаронида шуда буд, сатҳи оби дарё паст мешуд ва ин ҷараён ба кам гардидани сатҳи оби кӯли мазкур таъсири манфии худро мегузошт [5]. Солҳои охир азхудкунии заминҳо ва васеъ намудани хоҷагиҳои кишти шолӣ дар Чин боис гардид, ки ҳаҷми оби кӯли Балхаш коҳиш ёбад [1]. Фаромӯш набояд кард, ки дар натиҷаи камобӣ раванди биёбоншавии заминҳои корам ва гум шудани қобилияти ҳосилхезии замин низ ба амал меояд [4]. Ин як падидаи универсалӣ ба ҳисоб меравад. Нофаҳмию моҷароҳо барои дастрасӣ ба захираҳои обӣ дар дигар минтақаҳои олам низ ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, бораи захираҳои обии Браҳмапутра муддатҳои тӯлонӣ байни Ҳиндустон ва Чин ихтилофҳои сиёсӣ идома доштанд. Моҳи апрели соли 2010 дар ҷараёни сафари вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон С.М. Кришна ба Пекин, чиниҳо бори аввал маконеро дар Браҳмапутра эътироф карданд, ки дар он ҷо сохтмони аслии сарбанди Зангму дар Тибет идома дошт. Мақомоти Чин ба Ҳиндустон итминон доданд, ки лоиҳаҳо ба таври маъмулӣ идома хоҳанд ёфт ва дар поёноб камбуди об эҷод намекунанд. Дар посух ба дархостҳои минбаъдаи Ҳиндустон барои маълумоти бештар ҷиҳати накшаҳои оянда сухангӯйи Вазорати корҳои хориҷии Чин Ҳонг Лей чунин гуфта буд: «Чин ба рушди захираҳои обҳои фаромарзӣ муносибати масъулиятнок дорад. Мо сиёсатеро пайгирӣ менамоем, ки муҳофизат дар баробари тавсеа аст ва дар ин раванд манофеи кишварҳои поёнобро ба инобат мегирем» [7]. Вале ин ҳусни тафоҳум ва ҳамдигарфаҳмии ду кишвари ҳамсоя дер давом накард. Чанде нагузашта дар расонаҳои Чин хабари сохтмони неругоҳи обӣ дар дарёи Браҳмапутра мунташир гардид, ки ин хашму ғазаби мақомоти Ҳиндустонро ба бор овард.

Ҳимолой – ҷавонтарин қаторкӯҳ дар ҷаҳон аст, ки дарёҳое зиёде аз он сарчашма мегиранд ва ҳосилхезии заминҳои баъзе аз қадимтарин минтақаҳои корами рӯйи заминро дар тамоми Осиё таъмин менамояд.

Дар мавриди Россия вазъияти тақсими манобеи обӣ вобаста ба он, ки марз аз куҷо мегузарад, мутафовит аст. Танҳо дар сарҳади Русияву Финляндия (зиёда аз 1200 км) тақрибан 450 дарё, рӯдҳо ва кӯлҳо мавҷуданд. Асосан, ҷараёни онҳо ба Русия нигаронида шудааст ва дар байни дарёҳои калон метавон Вуокса, Хиитоланйоки ва Туломаро ҷудо кард. Ҳаҷми умумии об дар ин ҳудуд дар як сония 780 метри мукаабро ташкил медиҳад. Дар Вуокса чор, дар Финляндия ду ва дар Россия ду истгоҳи барқии обӣ мавҷуд мебошад. Комиссияи Русия ва Финландия оид ба истифодабарии обанборҳои сарҳадӣ ба танзими ҷараёни об машғул аст. Бо назардошти он, ки сарчашмаи дарёҳо дар Финляндия ҷойгиранд, имкони назариявии гидрогегемония дар Хелсинки назар ба Маскав баландтар аст.

Дар робита ба Қазоқистон, Русия мавқеи мутавозин дорад, зеро дарёи Урал аз Русия ва дарёҳои Тобол, Ишим ва Иртиш аз Қазоқистон ҷорӣ мешаванд. Дар миёни ин ду кишвар барои тақсими захираи обии дарёҳои мазкур мушкиле вуҷуд надошт. Аммо азбаски саргаҳи дарёи Иртиш дар Чин аст, ин боиси баҳсҳои сеҷониба шуд ва Пекин аз посух ба дархостҳои Русия ва Қазоқистон дар мавриди ҳалли масъалаи истифода ва ҳифзи захоири обӣ худдорӣ кард. Дар робита ба Украина бошад, Русия бартарии ҷиддӣ дорад, зеро он болооби шохобҳои асосии Днепр – дарёҳои калони Десна, Псел, Сейм ва

Воскларо назорат мекунад. Ҳамчунин, иттифоқчии Россия – Белорусия низ яқинан Припят ва Днепрро ба манфиати худу Россия назорат хоҳад кард. Эҳтимолан, Русия метавонад аз мавқеи стратегии худ на танҳо аз нуқтаи назари геоиқтисодӣ, балки аз ҷиҳати амалиёти низомӣ низ истифода намояд. Барои мисол, ҷиҳати ҷамъоварии маълумоти разведкавӣ ба ин дарёҳо мошинҳои бесарнишини рӯйиобӣ ва зериобӣ андохта мешаванд. Чунин моделҳо дар хидмати артиши ИМА низ ҳастанд ва баъзеи онҳо дар шакли моҳӣ барои пӯшиши берунӣ сохта шудаанд. Дар асл истифодаи чунин дастгоҳҳо метавонад шабакаи боэътимоди сенсорҳоро барои ба даст овардани иттилооти оперативӣ эҷод кунад (масалан, дар бораи ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз болои пулҳо ё фаъолият дар назди иншооти таъйиноти махсус, ки дар наздикии соҳилҳои дарё ҷойгиранд). Агар манфиатҳои миллии кишварҳои алоҳида аз ин гуна фаъолиятҳо таъмин гарданд, пас чунин сарвати гидрогегемония метавонад дар мубориза бо душман воситаи муфид ва лозимӣ эътироф гардад.

Охирин баҳсу танишҳои лафзии шадиди обӣ миёни «Толибон» ва Ҷумҳурии Исломии Эрон анҷом ёфт. Гуфтугӯҳо атрофи ин масъала аз изҳоротҳои дипломатӣ то таҳдидҳои лавзӣ авҷ гирифт. Баҳс атрофи оби дарёи Ҳилманди Афғонистон аст, ки ба самти Сиистони Балуҷистони Эрон ҷорист ва кишвари дуюм мамлакати поёноб маҳсуб меёбад. Ҳатто Президенти Эрон ба мақомоти «Толибон» ҳушдор дод, ки агар «ҳаққоба”-и мардуми Эрон дода нашавад, аз ҳар василаи мумкин барои гирифтани саҳми Эрон истифода мегардад. Мақомоти «Толибон» дар вокуниш ба ин, обанбореро дар Фароҳ ифтитоҳ намуданд, ки сохтмони он дар замони ҳукумати пешин оғоз гардида буд. Чунин ранг гирифтани авзоъ амнияти минтақаро дар хатар мегузорад. Бавижа, дар замон ва ҳолате, ки як ҳаракати террористӣ дар кишваре бо зиёда аз 30 миллион нафар аҳолӣ ҳукмрон асту одитарин расмиёти дипломатиро ба ҷо намеорад. Ин охирин иқдоми «Толибон» дар масъалаи марбут ба об нест, ки ҷанҷолбарангез гаштааст. Ин гурӯҳи террористӣ баъди дубора ба қудрат расидан дар Афғонистон (августи соли 2021), ба кандани канали бузурги Қӯштеппа шуруъ кард, ки он 258 км дарозӣ, 152 метр паҳноӣ ва 8-10 метр умқ (чуқурӣ) дорад. Ҳамсояҳои шимолии Афғонистон – Ӯзбекистон ва Туркманистон аз ин «иқдом»-и «Толибон» сахт нигаронанд. Чун ба қавли муҳаққиқ ва сиёсатшиноси тоҷик Абдуллоҳи Раҳнамо ин канал дарёи Омуро ба коми худ фурӯ мебарад ва кишварҳои Ӯзбекистону Туркманистон аз он баҳрабардорӣ карда наметавонанд, ки дар натиҷа ин ду кишвар ба мушкили ҷиддии камбуди об дучор хоҳанд шуд. Ҳамин тариқ, баҳсҳои обӣ дар манотиқи гуногуни олам бо шеваҳои мухталиф идома доранд, ки дар аксар маврид бурди асосӣ ба ҷониби кишвари сарчашма ё ба истилоҳ болооб аст. Яъне, дар ҷаҳони муосир об ҳамчун василаи фишор ва таҳмили сиёсатҳо бар болои рақибон истифода мегардад. Амалан кишваре дар мубориза ва ҷангҳои обӣ баранда аст, ки аз ҳар имконияти мавҷуд дурусту саривақтӣ истифода бурда метавонад. Маврид ба зикр аст, ки яке аз сабабҳои асосии моҷароҳои марзӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон маҳз истифода ва дар ихтиёр доштани сарчашмаҳои обист. Тақсимоти ноодилонаи солҳои 20-уми асри гузашта, аҳдшикании ҷониби муқобил дар масъалаи баргардонидани заминҳои ба иҷора гирифта, саҳлангорӣ ва бемасъулиятии роҳбарони даври минтақаҳои имрӯзаи баҳсӣ ва як қатор омилҳои дигар сабаб гаштааст, ки мо имрӯз аз баъзе сарчашмаҳои обии худ дурусту ба қадри лозимӣ истифода бурда наметавонем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар саргаҳи обҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад ва аз иқтидору тавонмандии обӣ бархӯрдор аст, метавонад ба гидрогегемони минтақавӣ мубаддал гардад. Бо **истифодаи оқилона, эҷоди стратегияҳои мухталифи идоракунии об ва назорати дурусти захираҳои обӣ** мо метавонем кишвари худро на танҳо ба гидрогегемон, балки ба гегемони минтақавӣ дар ҳамаи арсаҳо табдил диҳем. Чун рӯз ба рӯз аҳамияти захираҳои обӣ, ки Тоҷикистон яке аз манбаъҳои он аст, мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегирад. Бахусус, ҳодисаҳои гармшавии иқлим, обшавии пиряххо, канда шудани қисматҳои бузурги яхпора дар Артика ва материки Антарктида аҳамияти

захираҳои обиро дучанд мегардонад. Тоҷикистон, ки 60%-и обҳои нӯшокии минтақа аз кӯҳсоронаш сарчашма мегирад, аз ин раванд истисно нест. Оид ба масъалаи мазкур муҳтарам Пешвои миллат зимни суханронии хеш дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» чунин иброз доштаанд: **«Ба ҳамагон маълум аст, ки зери таъсири тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои глобалӣ сарчашмаҳои оби ошомиданӣ сол аз сол коҳиш меёбанд. Барои мисол аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир ҳазортояш пурра аз байн рафтааст»** [3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, ҳанӯз имкониятҳои маҳдуди кишвари мо дар самти тавлиди «энергияи сабз» истифода шудааст. Дар суханронии болозикри худ муҳтарам Пешвои миллат роҷеъ ба масъалаи мазкур чунин натиҷагирӣ намудаанд: **«Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва ин дар ҳолест, ки мо ҳамагӣ панҷ фоизи зарфиятҳои гидроэнергетикии кишварамонро аз худ кардаем»**[8]. Тибқи нишондоди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ҳанӯз 5%-и иқтидори обии худро ҷиҳати тавлиди нерӯи барқ истифода кардаему халос. Агар ҳадди ақал 50%-и захира ва иқтидори обии худро дар самти истеҳсоли неруи барқ дуруст истифода намоем, дарояндаи наздик Тоҷикистон ба яке аз бузургтарин кишвари содиркунандаи неруи барқ дар минтақа ва ҷаҳон табдил меёбад. Дар амал татбиқ намудани ин ҳарфҳо Тоҷикистонро ба гегемони энергетикӣ низ мубаддал месозад. Яъне, бо истифодаи саривақтӣ ва оқилонаи захираҳои обӣ мо яку якбора метавонем дар ду самт – обӣ ва энергетикӣ гегемон гардем.

## АДАБИЁТ:


**а) ба забони русӣ ва тоҷикӣ:**

1. Обмеление Балхаша особо прогрессирует в последние годы. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://tengrinews.kz/kazakhstan_news/obmelenie-balhasha-osobo-progressiruet-poslednie-godyi-444432/ (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
2. Споры вокруг Рогунской ГЭС. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https:// cyberleninka. ru/article/n/spory vokrug-rogunskoy-ges (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
3. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028». [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/30273 (санаи муроҷиат:20.08.2023).

**б) ба забони англисӣ:**

4. Climate change: Land degradation and desertification. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www.who.int/news-room/questions-and-answers/ item/ climate-change-land-degradation -and -desertification (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
5. Efforts under way to save Lake Balkhash. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https:// www. thenewhumanitarian.org/report/71924/kazakhstan-efforts-under-way-save-lake-balkhash (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
6. Energy Transitions and Geopolitics in South Asia: The Contest for Hydro Hegemony on the Brahmaputra. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www.efsas.org/ publications/ articles-by-efsas/energy-transitions-and-geopolitics-in-south-asia/ (санаи муроҷиат: 20.08.2023) (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
7. Mark Christopher. Water Wars: The Brahmaputra River and Sino-Indian Relations " (2013). CIWAG Case Studies. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://digital-commons. usnwc. edu/ciwag-case-studies/7/ (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
8. Zeitoun, M., & Warner, J. (2006). Hydro-hegemony – a framework for analysis of transboundary water conflicts. Water policy, 8(5), 435-460.

УДК: 323.28(571.1)

# СУЩНОСТЬ ТЕРРОРИСТИЧЕСКО-ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ «ПАРТИЯ ИСЛАМСКОГО ВОЗРОЖДЕНИЯ» КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЯВЛЕНИЯ

**ЮСУПОВ Ф.Ф.**

*Соискатель отдела политологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ*

*В данной статье автор анализирует возникновение и сущность террористическо-экстремистской организации «Партия исламского возрождения», как социально-политического явления, которая насильственным путём, совершив государственного переворота в Таджикистане, хотела прийти к власти. В результате в Республике Таджикистан началась гражданская война (с 1992 по 1997 годы), вследствие которой 150 тысяч граждан погибли и миллионы стали беженцами, экономический ущерб государству составил более десяти миллиардов долларов.*

*Согласно мнению автора, от террористическо-экстремистской организации «Партия исламского возрождения» и в настоящее время исходит серьёзная угроза не только Республике Таджикистан, но и всем странам Центральной Азии и России.*

***Ключевые слова**: международная террористическая организация, Партия исламского возрождения, экстремизм, терроризм, насильственный захват власти, митинги, безопасность, политика, угроза, гражданская война, государственный переворот.*

## МОҲИЯТИ ТАШКИЛОТИ ТЕРРОРИСТӢ-ЭКСТРЕМИСТИИ «ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМ» ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

**ЮСУПОВ Ф.Ф.**

*Унвонҷӯйи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи пайдошавӣ ва моҳияти ташкилоти террористӣ-экстремистии «Ҳизби наҳзати ислом»-ро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки бо роҳи зӯроварӣ табаддулоти давлатиро дар Тоҷикистон содир намуда, мехостанд ҳокимияти қонуниро ғасб кунад. Дар натиҷа, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997 сар зад, ки оқибат зиёда аз 150 ҳазор шаҳрванд кушта ва як миллион нафар гуреза шудаанд, ба давлат ба миқдори зиёда аз даҳ миллиард доллар зарари иқтисодӣ расонида шуд.*

*Мутобиқи нуқтаи назари муҳаққиқ, айни замон низ аз тарафи ташкилоти террористӣ-экстремистии «Ҳизби наҳзати ислом» хатари ҷиддӣ на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия таҳдид мекунад.*

***Калидвожаҳо:** ташкилоти байналмилалии террористӣ, Ҳизби наҳзати ислом, экстремизм, терроризм, бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, гирдиҳамоиҳо, амният, сиёсат, таҳдид, ҷангӣ шаҳрвандӣ, табаддулоти давлатӣ.*

## ESSENCE TERRORISTIC AND EXTREMIST ORGANIZATION OF «ENASCENCE ISLAMIC PARTY» AS A POLITICAL-SOCIAL PHENOMENON

**YUSUPOV F.F.**

*Applicant for the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan*

*In this article the author analyzed the problem of formation and essence of terroristic – extremist organization of «Renascence Islamic party» as a political – social phenomenon which they tried to realize revolution in Tajikistan by force and wanted to capture the government. In this*

*case in 1992-1997 Tajikistan faced civil war in which thousand people were killed and millions became refugee. And it was economic loss for our country in an around 10 billion dollars.*

*In the point of view of author serious threat of terroristic – extremist organization of «Renascence Islamic party» now exist not only for Tajikistan also for Asian countries and Russia.*

***Keywords:*** *international terroristic organization, Renascence Islamic party, extremism, terrorism, capturing government by force, meetings, security, policy, threat, civil war, state revolution.*

После развала Союза Советских Социалистических Республик и с обретением независимости молодой Республикой Таджикистан, геополитическая ситуация в мире полностью изменилась. Во вновь обретших независимость бывших республиках Советского Союза была крайне сложная политическая и социальная обстановка. В том числе, в Республике Таджикистан после становления независимости, в борьбе за власть появились различные политические партии и течения, к сожалению, среди них также были радикально-экстремистские и террористические организации, которые впоследствии назвали себя «политическими партиями». В их числе террористическая и экстремистская организация *«Партия исламского возрождения»* (запрещена в Республике Таджикистан), которая насильственным путём при поддержке своих иностранных хозяев, совершила кровавый государственный переворот, который привёл к пятилетней гражданской войне 1992-1997 годов в Таджикистане, с результатом в 150 тысяч погибших и миллионом беженцев, экономический ущерб государству составил более десяти миллиардов долларов.

В целях реализации своих геополитических проектов со стороны противников конститутционного строя, как за рубежом, так и внутри страны, были специально созданы разные «политические партии» и течения исламистской и экстремистской направленности, задачей которых было окончательное уничтожение коммунизма. Создание на этот период подобных партий и течений являлось своеобразной формой «политического ислама». Данные партии и течения боролись не только против светских режимов, но и против политических режимов, идеологией которых был «ислам».

Потверждая эти слова, уместно привести точку зрения члена-корроспондента НАНТ, дотора политических наук, профессора Ятимова С.С. – «Исламский фундаментализм, например, как форма политической теории, образ мышления, по своей сущности является орудием не только радикальных теократических режимов, партий и движений, формой проявления их политической и идеологической практики, но и выражением стратегических интересов супердержав, частью международных идеологических отношений» [8, 30].

Так, в Центрально-Азиатских республиках ещё в 70-80-х годах XX века, появились первые подпольные исламистские политизированные организации или ячейки с религиозными экстремистскими исламскими вероучениями, которые вели свою незаконную деятельность среди неосведомлённой и политически неграмотной части населения. Проводником политизации ислама в Центрально-Азиатских государствах стала террористическо-экстремистская организация «Братья-мусульмане», деятельность которой запрещена в Республике Таджикистан. ТЭО «Братья-мусульмане» была образована в 1929 году школьным учителем Хасаном аль-Банно из Египта.

Как было указано выше, тенденция политизации ислама в странах Ближнего Востока стала проникать в республики Центральной Азии, первоначально в Ферганскую долину Узбекистана, затем в Вахшскую долину Таджикистана. Главную роль в процессе политизации ислама сыграла экстремистская литература лидеров организации «Братья-мусульмане» Хасан аль-Банны и Сайида Кутба, которая проникла в мусульманские страны постсоветского пространства. Так идеи политизации и радикализации ислама в Таджикистан стали проникать из Узбекистана в 1978 году, под влиянием вышеуказанных радикальных духовных наставников из Египта. Радикальная литература в 1978 году была

доставлена в Таджикистан ярым исламистом Мухаммаджон Гуфроновым (Кори Мухаммаджони Мухиддин), который являлся учеником Алломы Рахматулло, лидера исламистов Ферганской долины. М. Гуфронов из города Андижан в Курган-Тюбе (ныне Бохтар) доставил более 200 книг религиозного содержания, в том числе произведения идеологов исламистского экстремизма «Братьев мусульман» (Египет): Хасана аль-Банны, братьев Сайида Кутба и Мухаммада Кутба, Абдухамида Кушка, Аль-Маудуди (Пакистан), Абдуллох Изома (Афганистан), в числе книг были: «Тарикул даъва», «Тазкират-уль-дуъот», «Шубахот», «Саодат уль-Хак», «Тавхид» и др. Данные книги из Египта поступали в Андижан, а оттуда М.Гуфронов доставил их в Курган-Тюбе, где их размножали фотоспособом и распространяли среди последователей и учеников [3, 15].

В 1978 году М.Гуфронов в г. Курган-Тюбе открыл одну из первых нелегальных подпольных школ и стал обучать молодёжь религиозным и экстремистским исламским вероучениям. В этом же году в Таджикистане была создана подпольная организация «Возрождение исламской молодёжи Таджикистана», председателем которой являлся домулло Саид Абдулло Нури (Саидов Абдулло Нуриддинович). В 1978 году на основе вышеуказанной подпольной организации также берёт начало возникновение подпольной террористическо-экстремистской организации «Партия исламского возрождения» под руководством С.А. Нури.

Необходимо отметить, что в 1986 году С.А. Нури получил официальное предупреждение от Комитета государственной безопасности (КГБ) СССР по обвинению в нелегальной пропаганде исламского радикализма среди молодёжи, создании нелегальной молодёжной организации исламистов-радикалов, прослушивании зарубежных радиоголосов и радиосвязи с Исламской Республикой Иран. Вместе с ним также были профилактированы ещё 40 членов вышеуказанной подпольной организации. Впоследствии в 1987 году С.А. Нури был приговорён к 1,5 годам лишения свободы и отправлен в Сибирь, где отбывал наказание в 11-й исправительно-трудовой колонии в Комсомольске-на-Амуре [1].

Гуфронов М., С.А.Нури и их последователи очень тщательно изучали религиозные произведения Хасана аль-Банно и руководствовались разработанной им стратегией борьбы из трёх этапов: начальный, организационный и насильственный. Так, в начальной стадии новоявленные исламисты Таджикистана активно занимались «просветительской деятельностью», то есть внедрением идей исламского радикализма в массовое сознание людей, посредством подпольных нелегальных религиозных школ. Вместе с тем, они призывали к отказу от тех обычаев, которые вошли как традиционные религиозные обычаи. На второй стадии исламисты укрепляли свои позиции в целом на территории республики, а также за её пределами, в частности в республиках Северного Кавказа, Узбекистане и России. На третьей, последней стадии исламисты перешли на насильственную форму, это – организация митингов, выдвижение своих условий Правительству Республики Таджикистан, исламизация политики светского государства, захват власти, выдвижение своих кандидатов на руководящие должности страны, попытка государственного переворота и свержение законно избранного президента (гражданская война в Республике Таджикистан 1992-1997 годы).

Со временем подпольное незаконное обучение политически неграмотной и неосведомлённой части молодёжи всё более расширялось по всем областям республики. Новоявленные лидеры подпольной организации «Возрождение исламской молодёжи» пришли к деятельной агитации. С помощью студентов, обучающихся в зарубежных исламских странах, они доставляли различные книги и пособия, занимались изучением и популяризацией наследия зарубежных лидеров исламского движения духовников Хасано аль-Банно, братьев Саида Кутб и Мухаммеда Кутб, Саида Хавво и других. Эта незаконная деятельность во многом способствовала им выбрать свой преступный путь, изучить формы и методы насильственной борьбы и террора. В дальнейшем подпольная

организация «Возрождение исламской молодёжи Таджикистана» стала основой террористическо-экстремистской организации «Партия исламского возрождения».

Важно отметить, что подобная подпольная организация, такая как «Возрождение исламской молодёжи Таджикистана»» или исламское движение возникло в Вахшском регионе. В 1989 году по инициативе новоявленных исламских духовников Абдурауфа Довудова первичная организация подпольной «Партии исламского возрождения» (ПИВ) была создана в джамоате Чоркух города Исфара Ленинабадской области (ныне Согдийской). Затем первичные организации ТЭО «ПИВ» постепенно образовались в других городах и районах Ленинабадской области: Исфаре, Ура-Тюбе (Истаравшан), Аште, Пенджикенте, Канибадаме, Матче, Горной Матче.

Также следует отметить, что 9 июня 1990 года в городе Астрахань России состоялся съезд мусульман Советского Союза. В работе данного съезда участвовали 650 делегатов из республик Советского Союза. Самыми представительными делегациями были жители из Дагестана и Таджикистана. На нём была учреждена всесоюзная партия исламского возрождения, утверждены её программа, устав, избран высший орган – Совет Улемов. Председателем Всесоюзной партии исламского возрождения Советского Союза был избран делегат из Дагестана Ахмаджон Ахтаев, а его первым заместителем – Саидиброхим Гадоев из Таджикистана. В то время ещё один активист исламского движения Таджикистана – Давлат Усмонов вошёл в состав Высшего Президиума Всесоюзной партии исламского возрождения Советского Союза и курировал организационный отдел партии. В его обязанности входило создание отделений партии в союзных и автономных республиках, областях и краях. После этого Д.Усмонов и С.Гадоев, участники астраханского съезда, вернувшись домой в Таджикистан, обратились в Верховный Совет республики с просьбой разрешить проведение таджикской региональной учредительной конференции «Исламской партии возрождения».

Сессия Верховного Совета, рассмотрев эту заявку, запретила на территории республики деятельность регионального отделении партии, как противоречащую Конституции и Закону «О свободе совести в Таджикской ССР». Там чёрным по белому написано, что религиозным организациям запрещается участвовать в политической деятельности. Несмотря на это, инициативная группа 6 октября 1990 года в мечети Чортут района Рудаки провела учредительную конференцию.

В соответствии с постановлением Верховного Совета Таджикской ССР от 14 декабря 1990 г. «О пресечении деятельности партий и общественно-политических объединений, запрещённых законодательством Таджикской ССР», организаторы вышеуказанной конференции были оштрафованы.

В ноябре 1990 г. Центральный Комитет Компартии Таджикистана выступил с заявлением «Об отношении к попытке создания таджикского отделения Всесоюзной исламской партии возрождения вопреки решению третьей сессии Верховного Совета республики о её запрете», в котором в частности отмечается: «В октябре 1990 года сессия Верховного Совета Республики приняла решение, запрещающее создание на территории Республики Таджикистан отделения всесоюзной «Исламской партии возрождения», так как её программа противоречит Конституции Таджикской ССР. Отрицательное отношение к данной партии выразила и часть официального мусульманского духовенства.

В сентябре 1991 года Таджикистан обрёл государственную независимость. Если в других бывших союзных республиках полностью осознали цену своей независимости и приступили к дальнейшему обустройству и развитию, то в Таджикистане началась гражданская война.

Под давлением митингующей ТЭО «Партия исламского возрождения», 22 октября 1991 года Верховный Совет Республики Таджикистан принимает Закон «Об отмене некоторых актов Верховного Совета РТ по вопросам партий религиозного характера».

Этим же законом признаётся утратившим силу абзац третий постановления Верховного Совета Таджикской ССР от 5 октября 1990 г. в котором было сказано: «считать недопустимым создание на территории Таджикской ССР зонального отдела Всесоюзной партии исламского возрождения и вообще создание исламской партии в республике». Так была реабилитирована и легализована деятельность террористическо-экстремистской «Партии исламского возрождения», Верховный Совет республики дал разрешение на регистрацию партии Исламского возрождения.

Первый съезд ТЭО «ПИВ» состоялся 26 октября 1991 года. На съезд прибыли 657 делегатов и 310 приглашённых гостей, в том числе из-за рубежа были аккредитованы около 50 иностранных журналистов. На данном съезде с докладом выступил один из основателей «Партии исламского возрождения» Мухаммадшариф Химматзода, который изложил свои доводы о необходимости создания самостоятельной Партии исламского возрождения в Таджикистане. Выступающие поддержали его идею о создании самостоятельной исламской «партии». На отдельном заседании съезда председателем «ПИВ» был избран М.Химматзода, а его заместителями назначены Давлат Исмон и Саидиброхим Гадоев [6, 51-52].

На данном съезде были обсуждены вопросы о необходимости внесения соответствующих изменений в программу и устав партии, обозначен её флаг и герб, а также её регистрация в Министерстве юстиции Республики Таджикистан.

Среди выступавших были: представитель молодёжи Мухиддин Кабиров (М.Кабири), председатель Курган-Тюбинского областного отделения ПИВ Мухаммадрасул Саломов, Хайдар Джамол – представитель Всесоюзной исламской партии возрождения и активистка Раджаббиби Кабирова, которые единодушно поддержали провозглашение независимой партии.

В этом контексте необходимо отметить, что террористическо-экстремистская организация «Партия исламского возрождения» образована на учредительном съезде 27 октября 1990 года (Ленинский район). Зарегистрирована в Министерстве юстиции 4 декабря 1991 года. Повторно зарегистрирована 28 сентября 1999 года. Печатный орган: газета «Наджот». Состав членов Высшего политического совета «ПИВ» был избран в количестве 18 человек, в который вошли Мухаммадшариф Химматзода, Саид Абдулло Нури, Давлат Усмонов, Саидиброхим Гадоев, Амриддин Табаров, Махмадрасул Саломов, Убайдулло Файзуллоев, Абдурахим Каримов, Аёмудин Сатторов, Джумабек Саломов, Абдулло Хитобов, Косим Рахимов, Абдурасул Маликов, Саидкиёмиддин Гозиев, Умарали Хусайнов, Джалолиддин Махмудов, Мухаммаджон Гуфронов и Насрулло Иноятов [7, 271-272].

После того, как «ПИВ» укрепила свои позиции и легализовала свою деятельность на территории Республики Таджикистан, в целях захвата власти незаконным (насильственным) путём она объединилась с некоторыми членами оппозиционных сил: демократическая партия Таджикистана – председатель Шодмон Юсуф, народное движение «Растохез» – председатель Тохир Абдуджабборов, общество «Лаъли Бадахшон» – Атобек Амирбек, председатель Союза кинематографистов республики – Давлат Худоназаров и другими лицами, которых потом использовала в своих корыстных целях.

Сёрен Кёркегор мавҷудияти воқеии инсонро дар амали фардӣ, дар татбиқи интихоби озодонаи ӯ мебинад. Имкониятҳои асосии татбиқи озодии инсонро Кёркегор мувофиқ ба марҳилаҳои эстетикӣ, этикӣ ва динии роҳи ҳаётии ӯ алоқаманд сохта, дар заминаи он фароҳам омадани қонуни қарзи инсониро таъкид мекунад. Нодирию беназирии «Ман»-ро на хирад, балки ҳолатҳои объективии шубҳаноку пурғалаён эҷод месозанд. Новобаста ба интиқоди системаи фалсафии Гегел, бисёре аз мунаққидон идеяҳои ӯро ба фалсафаи хеш ворид месохтанд. Ирратсионализм ба як низоми мукаммал тавассути симои шинохтаи фалсафаи ғайриклассикии қарни XIX Артур Шопенгауэр ба миён омад. Калимаи лотинии irratiohalis – ғайриқобил ба хирад, бешуурона тарҷума шуда, ба маънои васеаш таълимоти фалсафиест, ки имкониятҳои маърифати ақлиро маҳдуд сохта, нақши муроқибаю мушоҳида, интуитсия, ғариза (инстинкт), эътиқодро (чун маърифати ғайриақлӣ) ба он муқобил гузошта, «эҳсос», «фаҳмиш»-ро ба тарзи муайяну махсус шарҳ дода, ин қобилиятҳои маърифатиро дар доираи масъалаҳои назарияи маърифат арзёбӣ мекунад. Ба ҳамин маъно, аз фидеизм, ки эътиқоди фитрии диниро дар роҳи маърифати «ҳақиқат» ягона шуморида ва агноститсизм, ки маърифати «чизҳои дар худ»-ро ғайриимкон меҳисобад, фарқ мекунад. Ба маънои маҳдудаш ирратсионализм номгӯйи консепсияҳою мактабҳои мухталифи фалсафиест, ки аввали асри XIX то замони муосир таҳия шуда, як таъсиру аксуламалест ба назарияи ратсионализм ва андешаҳое, ки имкониятҳои хиради инсонро номаҳдуду мутлақ меҳисобанд. Ҷараёни ташаккули бонизому ҳаммувофиқу ҳамоҳангии сабабию натиҷавӣ, ки ҳарчанд дар доираи мубориза ба ҳам зидҳою тағйироти миқдорию сабабӣ ва инкори диалектикӣ сурат мегирад, аз мавқеи ирратсионализм ҳаргиз инъикоскунандаи воқеии манзараи олам набуда, ҳатто принсипи инкишофи олам бо тамоми ҷиҳатҳои характернокаш, аз қабили куллияти инкишоф, самти тағйирот доштан ва барнагарданда буданаш низ ба шубҳа гузошта мешавад. Ирратсионализм робитаи мантиқӣ, зуҳуроти дар қонуни мушаххасе шаклгирифта ва тобеъ ба низоми воҳидро дар табиат инкор намуда, муроқибаи олами атрофро дар фаҳмиши Г. Гегел ҳамчун системаи кулл ва қонунии идеяи инкишофу диалектика, танқид мекунад. Ирратсионализм, ба андешаи А.А. Миголатев, «заифии

мавқеи фалсафаи классикии олмониро дар он мебинад, ки ҷараёни таърихиро дар инкишофи идеяи мутлақ қаблан муайян сохта, инсон, ҷомеа, таърихро танҳо шакли дигаргуншудаи он медонад» [5, 39]. Ҳамин тавр, яке аз намояндагони шинохтаи фалсафаи ғайриклассикӣ Артур Шопенгауэр (1788-1860) мебошад, ки ӯро ҳамчун бунёдгузори низоми мукаммали андешаҳои ирратсионалӣ дар анъанаи фалсафаи аврупоӣ ном мебаранд. Ӯ дар оилаи тоҷири дантсигӣ таваллуд шуда, тиҷорат, тиб ва сипас фалсафаро меомӯзад. Унвони приват – дотсенти университети Берлинро соҳиб шуда, бо итминони комил соатҳои дарсиашро ҳамон вақте мегузорад, ки Гегел (файласуфи бузурги эътирофшуда) соатҳои дарсиашро таъйин мекард. Вале донишҷӯён шунидани лексияҳои Гегелро афзал дониста, ба дарсҳои доирнамудаи Шопенгауэр (фақат се нафар: маклер, духтури дандон ва каси дигаре, ки ӯ ҳам аз алоқамандони тахассусии фалсафа набуд, ба дарси ӯ ташриф меоранд) камтар таваҷҷуҳ менамоянд. Муҳаққиқин бар ин ақидаанд, ки услуби махсуси фалсафагароии Шопенгауэр, ки зимни дарс гуфтан бештар аз низоми фалсафии худ ҳарф зада, ҳама гуна истиноду иқтибос оварданро аз таълимотҳои дигар – камтар ба эътибор мегирифтааст, ба назари шунавандаи муқаррарӣ ҳамчун таълимоти дилгиру ғайриҷолиб муаррифӣ гаштааст. Шопенгауэр чунин муносибати муҳассилин (ва сомеинро)-ро натиҷаи амали ифроткоронаю қасдхоҳонаи устодони дигари фалсафа (хусусан Гегел) баҳогузорӣ карда, аз дарс гуфтан дар донишгоҳ даст кашида, қисмати бештари ҳаёташро дар Франкфурти назди Майне мегузаронад. Он ҷо асарҳо навишта, эътирофи самимии доираи олимонро интизор мешавад. Дар ин навиштаҳо ба Гегел суханҳои носазоро раво дониста, профессорҳои донишгоҳ ва олимони касбиро барои ҷавоб нагуфтанашон ба идеяҳои фалсафии ӯ танқид менамояд. Ба Гегел ҳамчун «ба ҷосуси зархариди ҳукумати Пруссия» баҳогузорӣ мекунад, ки ҳамин андешаи ӯро ҳатто Карл Поппер ҷонибдорӣ менамояд [6, 43]. Ӯ таъкид менамояд, ки олимон илмро на ҳамчун ҳадафи ниҳоии эҷодӣ, балки воситаи рӯзгузаронӣ донистаанд. «Барои теъдоди бештаре аз олимон, илми онҳо – воситаест, на мақсадашон. Аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳе онҳо чизи бузургеро дар он тавлид нахоҳанд сохт: дар ин роҳ зарур аст, ки илм барои онҳое, ки ба он машғуланд, ҳадафу мақсаде бошад ва ҳама чизи баъдӣ, ҳатто худи мавҷудият ҳам, танҳо воситае…» – изҳор мекунад ӯ, дар сарсухан ба нашри дуюми китоби «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот». Дар ин навиштаҳо шуҳрати олимони муосири хешро сатҳию ноустувор дониста, аз эътирофи ҳатмии шуҳрати хеш изҳори нигаронӣ мекунад. (Доир ба муносибати Шопенгауэр ба файласуфони донишгоҳӣ ва фалсафаи расмии дар донишгоҳ таълимдодашаванда поёнтар муфассал хоҳем гуфт). Оид ба ин марҳилаи зиндагиномаи ӯ файласуфи британиягӣ Б. Рассел бо таваҷҷуҳи хос менависад: «Асари асосии ӯ «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот» соли 1818 нашр шуд. Шопенгауэр аҳамияти хоссаи ин китобро таъкид намуда, ҳатто то ҳадде ба он дода мешавад, ки гӯё ҳукми навиштани баъзе аз бобҳои онро рухи муқаддас шунавонда бошад» [7, 270]. Мутаассифона, нашри аввали ин китоб аз сабаби ба фурӯш нарафтанаш, ба нуқтаҳои хариди коғазкуҳнаҳо (макулатура) супорида шуд. (Қобили зикр аст, ки дар навиштаҳои Бертран Рассел доир ба Шопенгауэр тамоили андешаҳои тамасхуромези Рассел нисбат ба Шопенгауэр ҷилва дорад, ки ба назари мо комилан беадолатона аст. Масалан, баъдтар шоҳиди он хоҳем шуд, ки Рассел Шопенгауэрро дар аъмолҳои дигараш низ мавриди истеҳзо қарор медиҳад). Осори дигари Шопенгауэр аз қабили «Оид ба ирода дар табиат», «Ду масъалаи этика» ва «Пандҳою одобномаҳо» («Афоризмы и максимы») пайи ҳам навишта шуданд, ки асари баъдии ӯро метавон ба осонӣ, дар китобхонаҳои шаҳри Душанбе пайдо намуд. Шопенгауэр дар такомули идеяҳои хеш мусоидату таъсири фалсафаи Ҳиндустони қадим, Афлотун ва Кантро ба эътибор мегирад. «Иддае аз андешаҳои ман, новобаста бо фарқияташон

аз андешаҳои Кант, комилан таҳти таъсири ӯ қарор дошта, мутлақан вобаста ва аз он бармеояд ва ман эътироф мекунам, ки дар такомули шахсиам баъд аз таассуроти дунёи равшан, аз офаридаҳои Кант, инчунин аз навиштаҷоти муқаддаси ҳиндуён ва Афлотун сипосгузорам» [8, 273]. – менависад Шопенгауэр. Фасафаи ирратсионалии ӯ, ки дар бунёдаш идеяи «иродаи маъшуму беҳадаф ва зариру бешуур» қарор дорад ва ин ирода мундариҷаи ақлро таҳия сохта, фаъолияти одамонро самт бахшида, дар бунёди тамоми мавҷудот нуҳуфта, воҳидияти кулл ва манбаи бузурги ҳама чизи зинда ва неруи ботинии ҳаёт аст, бо принсипи универсалии фалсафаи волюнтаризми Шопенгауэр қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳамаи зуҳуроту мавҷудоти оламӣ муҳит муаррифӣ мегардад. Хонандаи тоҷик, мутаассифона, ба осори гаронмояи чунин файласуфе, аз қабили Артур Шопенгауэр ҳанӯз камтар шинос аст ва дар ин мақола кӯшише харҷ шудааст, то ҳадди имкон доир ба ҳаёту фаъолияти эҷодӣ ва фалсафаи иррратсионалии ӯ маълумоти маҳдуде пешниҳоди хонандагон намоем.

Дар ҷараёни тарҷума, бо нигоҳ доштани маъною моҳияти аслии матнҳои Шопенгауэр, албатта услуби муайяни тарҷумаи муаллифон низ аз майлону тобиши хоси худ дарак медиҳад ва ин иқдом набояд боиси хӯрдагирии онҳое шавад, ки на ба моҳияту мундариҷаи андешаҳои воқеан қобил ба таҳсини Шопенгауэр, балки қолаби зоҳирӣ ва шакли овардани тарҷумаи матнҳоро мавриди коҳиш қарор медиҳанд. Воқеан, имрӯзҳо ва чанд соли баъдтар низ гумон меравад, имконияти молию моддӣ ва омодагии назариявӣ ба тарҷумаи осори классикони фалсафаи ҷаҳонӣ маҳдуд аст ва ба назари мо, дар доираи адабиёти таълимӣ ва методию илмӣ, камтар ҳам бошад, тарҷумаи порчаҳои алоҳидае аз осори гаронбаҳои мутафаккирони аврупоӣ, ҳаргиз боиси ранҷиши касе нахоҳад шуд. Дар мақола, ба хотири ошноӣ сохтан ба осори Шопенгауэр мо чунин кӯшишеро ба анҷом расонда, иқтибосҳоро аз асарҳои ба забони русӣ тарҷумашудаи Шопенгауэр – чи дар поварақ ва чи дар дохили матн барои мухлисону алоқамандони фалсафаи ӯ қатъиян ва равшан нишон додем. Дар баробари андешаҳои иррационалӣ, Артур Шопенгауэр назари хоси метафизикии худро эҷод кардааст, ки баъдҳо дар таърихи фалсафаи умумиҷаҳонӣ баҳои сазоворро соҳиб гаштааст.

Метафизика ба сифати «илм» доир ба принсипҳои фавқулҳиссии ҳастӣ то асри XVII ҳанӯз ҳам ба сифати методи махсуси фалсафӣ пойдор боқӣ монда бошад ҳам, тадриҷан аз фунуни табиатшиносӣ дур мегардад ва ба қавли Рене Декарт мавзуи онро масъалаҳои худованд ва «руҳу ҷон» ташкил медиҳад. Агар табиатшиносӣ, махсусан физика дар ниҳоди мантиқи таҳияи тадқиқоту кашфиёту хеш аз метафизика ҳамчун илм «дар бораи сабабҳои аввал ва моҳиятҳои аввал» (Арасту) берун шудаю мустақил гашта бошад ҳам, донишҳои мантиқии илмӣ баръакс, дар доираи таҳлили метафизикии равандҳои табиӣ қарор мегирад. Ҳанӯз ҳам ба қавли Фрэнсис Бэкон метафизика ба ҳайси ифшокунандаи қонуниятҳою маърифати сабабҳои амалкунандаю тағйирёбанда, шинохта шуда, дар роҳи маърифати ҳодисоти табиат ҳамчун методи таҳлилӣ эътироф мешавад. Иммануил Кант метафизикаро ҳамчун бунёди андешаҳои догматикӣ ва методи ноустувор ба он маъно баҳогузорӣ мекунад, ки он на қобилияти маърифат ва на имконияту сарҳади маърифат, балки чунин мафҳумҳои ғайриқобил ба исботи мавҷудияти он, аз қабили ҷон, олам, куллан, Худованд ва ғайраро ба меҳвари тадқиқот мегузорад, ки ҳеҷ наметавонад фарогири таҷриба бошанд. Дар «Пролегоменҳо» чунин мулоҳизагузорию андешарониро ҳаёҳуйи беҳуда ва сафсатае арзёбӣ мекунад, ки баёнкунандаи он бо иллати исбот надоштани ин ҳукмҳо, аз дурӯғгӯйию муболиғасозӣ раҳо меёбад. Вале Кант ҳаргиз зарурияти метафизикаро ҳамчун илм дар бораи худованд, озодии ирода ва абадияти руҳ аз мадди назар дур намесозад ва ӯ метафизикаро ҳамчун низоми хиради холис, ҳамчун дониши кулли фалсафӣ (ё ҳақиқӣ ё ботил), ки аз хиради холис дар доираи робитаҳои

муназзам бармеояд ва ҷамъбасти ногузири тамоми фарҳанги хиради инсонӣ аст, эътироф мекунад. Ӯ байни татбиқи хиради спекулиятивӣ ва хиради холиси амалӣ фарқ гузошта, метафизикаи табиат ва метафизикаи хулқиятро ном мебарад, ки дар ин баҳогузорӣ метафизикаи табиат ҳамчун метафизикаи спекулятивӣ иборат аз фалсафаи транседенталиест, ки чунин соҳаҳои фалсафа, аз қабили онтология, физиологияи ратсионалӣ ва космология, физиологияи имманентии хиради холис таркиб ёфтааст ва тибқи он табиат чун маҷмуи предметҳои ҳиссиест, ки ба физикаи ратсионалӣ ва психологияи ратсионалӣ фарогир хоҳад буд. Кант воқеан эътироф мекунад, ки метафизика аз лиҳози мавзуи тадқиқоти хеш аз донишҳои воқеии илмӣ дуртар аст ва аз ин хотир ҳаллу фасли антиномияҳои хиради холисро ба соҳаи хиради амалӣ тела медиҳад. Дар ҳамин руҳия ва ба ҳамин усул, Артур Шопенгаузр назарияи «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот»-ро ба маъзару тасвири таълимоти фалсафиаш гузошта, мутазодии масъалаҳои метафизикиро ҳамчун васоити хирад ва хиради холис таҳлил мекунад.

Ирода ҳамчун бунёди ҳастӣ дар меҳвари метафизикаи А.Шопенгауэр қарор дорад. Ҳар чизе, ки ҳамчун ирода мавҷуд аст, ирода ба ҳаёт аст. Ирода чун зуҳури универсалию кайҳонӣ буда, ҳар неруе, ки дар табиат аст, ирода мебошад. А.Шопенгауэр ба таълимоти Кант истинод намуда, далел меорад, ки олами дар тасаввуроти мо зоҳиршаванда, ба шакле баромад мекунад, ки аз қобилияти маърифатии субъект вобаста аст, вале олам он чуноне, ки худ ба худ, чун «чизи дар худ» вуҷуд дошта бошад ҳам, маърифату дарки ҳамин олам ҳаргиз сарфи назар намегардад. Вобаста ба қазовати зуҳурёбии он дар ҷаҳони дидашаванда ва маърифати он, олам худ ба худ ҷуз иродаи ҷаҳонӣ. Доир ба олам чун ирода ҳукм намуда, Шопенгауэр ҳамзамон, ягонагии ирода ва ҳаракатро ба эътибор мегирад. «Ҳастии материя – ин амали он аст; ҳастии дигареро ӯ наметавонад ҳатто андеша кунад. Танҳо амал намуда, фазоро пурра месозад ва вақтро фаро мегирад; таъсири ӯ ба объекти бевосита (ки худаш низ материя аст) шарти ҳамон андешаест, ки дар худи ҳамон андеша ҷой дорад… . Ҳамин тавр, сабаб ва амал – ин аст моҳияти материя, ҳастии он – амали он аст…» [1, 675]. Ҳама гуна амали ҷисм ин иродаи татбиқшудаю дар объект таҷассумёфта буда, тамоми ҷисми ӯ низ иродаи объективатсияшуда аст. Ирода ба сифати моҳияти ботинӣ на танҳо дар зуҳуроти психологӣ, чи дар инсону чи ҳайвон, балки дар рӯйдодҳои олами ғайриорганикӣ низ зуҳур менамояд.

Неруеро, ки қувваи ҷозибаро ташкил дода, сангро ба Замин ва Заминро ба Офтоб бармекашад, низ метавонад ҳамчун ирода баҳогузорӣ шавад. Ва на танҳо он, балки қуввае, ки дар магнит зуҳур мекунад ва неруеро, ки кристаллро зҷод мекунад ва ҳама гуна амали ҷисм, ин иродаи объективатсияшуда (дар объект таҷассумшуда) растанию ҳайвонро ба ҳаракат меорад – тамоми ин неруе, ки ба тарзи мухталиф ҳувайдо мешавад, дар асл ва моҳияташон ҳамчун ирода аҳёну падидор хоҳанд гашт. Қаблан, агар иродаро таҳти мафҳуми неру тавзеҳ медоданд, пас Шопенгауэр ҳамагуна неруро ҳамчун зуҳуроти ирода баррасӣ мекунад. Ирода, аз нигоҳи Шопенгауэр чизи дигаре нест, ҷуз «чизҳои дар худ»-и Кант ва беҳуда нест, ки низоми фалсафии Шопенгуэрро Б.Рассел ҳамчун мутобиқшавию мувофиқатёбии низоми фалсафии Кант меҳисобад… Олам ин «чизи дар худ» ва ин «ирода ба ҳаёт аст», ки дар ҳадди беохиру гуногуни «объективатсия» парокандаю реза ва парешон мегардад. Дар бунёди мафҳуми неру зуҳуроте, тасвири равшану возеҳи олами объективӣ нуҳуфтааст, ки он ҷо сабаб ва амал ҳоким аст. Ирода чун «чизи дар худ» комилан аз ҳама гуна тарзи зоҳиршавии худ тафовут дорад ва аз ҳама гуна шакл озод аст. Ҳар ҳолати объективатсияи ирода ба хотири салтанати мутлақ, ки ҳамеша ба «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» меорад, мекӯшад. Ирода берун аз соҳаи қонуни бунёдӣ (қонуни бунёди мукаммал) қарор дошта, бевосита ва номаҳдуд, беасос ва бидуни сабабе ҷой гирифтааст, дар ҳолате ва дар сурате ки материя – куллан ва ба тамом сабабият аст. Кашиш, ҷозиба, инертсия, устуворию қоимӣ неруҳои ибтидоӣ ва

тавзеҳшаванда буда, аз қувваи материя бармеояд. Ба ҳеҷ нафаре муяссар нахоҳад шуд, ки амали магнитро дар материя ифшо созад, дар доираи маълумотҳои илмии ҳамон замон арз мекунад Шопенгауэр. Ҳамон вақте ки тамоми ин неруҳо таалluқ ба иродаи ҷаҳонӣ баҳогузорӣ мешаванд, таъкид мекунад ӯ, моҳияту ҳувияти воқеии онҳо тавзеҳу шарҳ меёбанд. Ҳар рафтори ҷузъиро ногузир бояд аз манфиате ҷуст ва ҷараёни тағйироту дигаргуншавии ҷисми ҳайвон, ки вобаста ба сабабҳои амалкунандае (метавонад муассирият бошад) сурат мегирад ва чи рафтори маҷмуӣ ва чи ҷузъиеро, ки он ҷо пойдор аст ва ҷисме, ки ҳамин рафторҳоро анҷом медиҳад ва ҳамон ҷараёнеро, ки аҷсоми дар боло зикршудаю он ҷо мавҷудбуда аз он иборат аст, метавон танҳо зуҳури ирода ва ҳамчун ҳолати объктивияти ирода баҳогузорӣ шавад, – ба хулоса меояд Шопенгауэр. Ин ирода воҳид аст, ҳарчанд, ки зуҳуроти он дар вақту фазо номаҳдуд буда, дар материя худро ба иродаи кулл ва ҷузъ зоҳир сохта, муборизаи беохири зидди якдигарро идома медиҳанд. Ҳама гуна неруи табиат танҳо зуҳури иродаи ҷаҳонӣ аст, ки ҳар ҷою ҳамаҷо, берун аз макону замон арзи ҳастӣ доранд ва ба назар мерасад, ки шароитеро интизоранд, то материяро тавонад соҳиб гашта, неруҳои дигарро танг созад. Ҳазор сол галванизм (ҷараёни пасти энергия) метавонад дар мису руҳ (синк) нуҳуфта бошад ва инсон шароитеро муҳайё созад, ки ин неруи бузурги энергия озод гардад. Мо ҳамеша дар табиат рақобат, зиддият ва ноустуворию пирӯзиҳоро мебинем. Ду тақсим шудани иродаро мебинем, ки танҳо бо соҳибияташ ба материя худро дармеёбад. Тақсимоти кантиании олам ба ду қисмат: ба олами зуҳуротҳо ва «олами чизҳои дар худ»-ро Шопенгуэр ба эътибор гирифта, таъкид мекунад, ки олами зуҳуротҳо ин тасаввуроти мо дар бораи олам аст ва асоси онро иродаи ҷоҳил ташкил мекунад. Вақту фазо низ ба зуҳуротҳо таалluқ доранд ва дар ин масъала Шопенгауэр пайрави Кант аст. «Чизҳои дар худ», яъне ирода танҳо дар фазою вақт побанд нестанд. Ҳам фазо ва ҳам вақт ашёро маҳдуд сохта, ё алоҳидаю ҷудо карда ба ин ё он марҳилаи таърихӣ ворид месозад: азбаски фазою вақт танҳо зуҳурот ҳастанд, ирода танҳо дар тасаввурот метавонад аз далелҳои ирода иборат бошад ва танҳо дар тасаввурот метавонад оғозу анҷомро соҳиб гардад.

Тадқиқотҳои илми муосир, хоссатан ҷараёни озмоишҳо дар колайдерҳои имрӯзҳо таваҷҷуҳи муҳаққинро ҷалбкунанда, ки назарияи нисбиятро ба сӯйи назарияи эҳтимолият тела медиҳад, баъзе аз андешаҳои метафизикии Шопенгауэрро қувват бахшида, зарурияти аз нав омӯхтани осори ӯро тақозо дорад. Аз нигоҳи Шопенгауэр, манбаи гуногунияти фазою вақт танҳо ҳамчун тасаввурот ва ҳамчун зуҳурот ба назар расида, дар воқеият танҳо ҷавҳари (субстансияи) воҳиду тақсимнопазир иродаро муаррифӣ мекунанд. Ирода ягонаю бидуни замон аст. Дар сутуҳи поёнии инкишофи табиат ирода ҳамчун неруи торику ноаён, ношунавою нобино зуҳур мекунад. Ва тадриҷан дар раванди ба нуқоти олӣ рафтану объективатсия шудани ирода, худро чун идея истиқрор карда, ҳастии он олами идеяҳои Афлотунро ба хотир меорад. Шопенгуэр иродаро ба иродаи тамоми олам айният медиҳад. «Мустақилияти фардии ман, – тахаюлотест, ки маҳсули муроқибаи маконию замонии дастгоҳи субъективии ман аст. Он чизе, ки воқеист – ин як иродаи азимест, ки дар тамоми ҷараёни фалак (даҳр) мутаносибан дар табиати зиндаю ғайризинда зуҳур мекунад».

Ин ирода нобино, беҳадаф, ирратсионалӣ (ғайриоқилона) ва озод аст. Ирода ҳамчун «чизи худ ба худ» озод буда, мундариҷаи ҳама зуҳурот мебошад. Дар ҳадди охир, дар зинаи инсонӣ фард идеяро муаррифӣ намуда, манфиату баҳраёбиеро ба роҳбарӣ мегирад. Танҳо дар озодии иродаи инсонӣ бебунёдии ирода то дараҷае аз худ дарак медиҳад. Аммо озодӣ дар олами зуҳуротҳо, оҷилан ба зарурият табдил меёбад, чунки ҳама гуна амали алоҳидаи инсон аз таъсири манофеи ӯ ба хислату характераш дарак медиҳад. Ҳар иродаи зуҳурнамудаи инсон – ин ирода ба чизе буда, объекти худ ва

хоҳишоти худро дорад. Ирода, чун неруи бешууре мутлақан ба офаридаҳояш дар олами ашё, ба мавҷудоти зинда, ба ихтиёри ҳолату шароитҳои тасодуфӣ ҳавола гардидаанд. Дар ин олам иродаи ҷаҳонии берун аз хирад, бидуни ҳадаф ва иродаи зарире (кӯр-кӯронае) ҳукм дорад, ки на ба маърифати ратсионалӣ ва на ба дарки эмпирикӣ онро фаҳмид ва на ба васоили илмӣ онро ифшо сохт. Дар бунёди ақл, ки функсияи мағзи сар аст, ирода қарор дорад. Ирода ақлро эҷод карда, мундариҷаи онро таҳия сохта, ба фаъолият ҳидоят мебахшад. Ҳамин тавр, ирода дар бунёди ҳама мавҷудот нуҳуфта, ҳамаро – ҳам ҷисм, ҳам хирад, ҳам материя ва ҳам шуурро тавлид месозад. Ин иродаи алоҳидаю ҷузъие нест, балки иродаи зариру бешууронаи кулл аст, ки воҳидияти ҳамин куллро баён месозад. Ирода – манбаи бузурги ҳама чизи зинда, неруи ботинии ҳаёт аст, ки узвҳои ҳиссиро низ эҷод карда, ба шароит мутобиқ сохта, шаклҳои нави ҳаётро дар раванди меросияташ, татбиқ месозад. Кашфиётҳои биологҳои бузург, дар назар дошт Шопенгауэр, фаҳмиши ӯро оид ба инкишофи олам ва мавҷудоти зинда қавӣ мегардонад. Ирода на ба маҷмуи кӯшишоти ҷузъие айният дорад ва на ба қисмҳои гуногун пора мегардад, балки ягонагии кулл, ки аз сабабияту аз фазою вақт мустақил аст, пойдор мегардад. Аз ин чӣ хулоса бармеояд? Он ки танҳо моро ба назар мерасад, ки гӯё мо фардҳои парокандаем ва ҳар касе танҳо барои худ ҳузур дорад. Дар амал ҳамаи мо – инсоният мавҷуди ягонаем, ки худхоҳию худпарастӣ, ҳама гуна иродаи фардиро пахш кардаю дар худ ҷабидаю ҷогаҳ месозем. Ҳамин тавр, Шопенгауэр принсипи универсалии фалсафаашро волюнтаризм номидааст, ки мувофиқи он қувваи асосии ҳаракатдиҳанда, ки ҳама чизро дар олами муҳит муайян месозад, ирода мебошад. Дар асараш «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот» [9] қонуни мантиқии бунёди мукаммал (ё бунёди кофӣ)-ро пешниҳод мекунад, ки мувофиқи ин қонун фалсафаи ҳақиқӣ набояд аз объект (чун материалистон) ва на аз субъект (чун идеалистони субъективӣ), балки бояд аз тасаввурот, ки зуҳури шуур аст, натиҷагирӣ намояд. Ӯ дар асоси тасаввуроти объект қонуни бунёди мукаммалро ҷой дода, вобаста ба он чаҳор қонуни мустақилро пешниҳод менамояд:

1) қонуни ҳастӣ – барои фазо ва вақт;
2) қонуни сабабият – барои олами моддӣ;
3) қонуни бунёди мантиқӣ – барои маърифат;
4) қонуни мотиватсия (баҳрабардорӣ) – барои олами инсон.

Шопенгауэр иродаро тобеъ ба қонуни бунёди мукаммал надониста, таъкид мекунад: «Ирода чун чизи дар худ, бурун аз соҳаи ҳамаи шаклҳои қонуни бунёдист ва он аз ин рӯ, комилан бебунёд аст, ҳарчанд ки ҳар як зуҳуроти он ногузир ба қонуни бунёдӣ (қонуни бунёди мукаммал) тобеъ аст». Зуҳурот дар андешаи Шопенгауэр ин тасаввурот аст. Ҳама гуна тасаввурот, кадом навъе ки набошад, зуҳурот буда, олам ҳам ба сифати тасаввурот ва ҳам ба сифати чизҳои дар худ вуҷуд дорад: «Тамоми ин олам, танҳо объект аст дар нисбати субъект, манзараест барои назаркунанда – мухтасар гуем, тасаввурот аст. Табиист, ки ҳам ҳоло ҳозир (кунун), ба ҳама гуна гузашта (мозӣ) ва ба ҳама гуна оянда (мустақбал) тааллуқ дорад ва ба дуртарину наздиктарин мутааллиқ аст ва ба фазою вақт паҳн мегардад, ки танҳо он ҷо чунин фарқиятҳо ҷой дорад. Ҳар чизе, ки ба олам тааллуқ дорад ва метавонад тааллуқ дошта бошад, ногузир дар нисбият ба субъект маҳкум буда, танҳо барои субъект мавҷуд аст. Олам – тасаввурот аст». Хулоса, ирода мундариҷаю моҳияти ҳама зуҳурот буда, дар зуҳуроту тасаввурот воҳидияти куллро муаррифӣ намуда, дар шакли «чизҳои дар худ» берун аз қонуни бунёди мукаммал амал карда, тобеият ба чизе надорад. Зуҳури ирода чун тасаввурот ба қонуни бунёдӣ тобеъ буда, ҳамзамон, дар озодии андешаю аъмоли инсонӣ таъсиру ҳукми иродаи тавоно заиф гаштаю коҳиш меёбад. Маҳдуд сохтани амали нафс, даст кашидан аз рағбату фараҳмандиҳо ҳузури иродаро дар тинати инсон пахш менамояд, ҳарчанд ки аз тарафи дигар, ирода дар бунёди ақли инсон нуҳуфта, мундариҷаи ақлро таҳия сохта, фаъолияти инсонро ҳидоят мебахшад. Илму маърифат ва иқдомҳои таҷрибавӣ наметавонад асрору

моҳияти воқеии иродаи ҷаҳониро то ҳадди амиқ кашф намояд. Аммо ирода ҳамчун неруи озоду беҳадаф ба майдони тадқиқ ва мубоҳисаҳои метафизика – ҳамчун низоми донишҳои фалсафӣ интихоб гашта, дар ҷаҳони андешаҳои ҳакимони узлатнишину орӣ аз муқарраротн нафсонӣ, аз ҳузури манзараю тасвири раъдосою барқвораш огаҳӣ медиҳад.

**АДАБИЁТ:**

1. Антология мировой философии. – Т. 3. – Москва: Мысль, 1971. – 675 с.
2. Зотова А.Ф. Философия. Учебник. 6-издание. – Москва: Изд-во «Проспект» (МГУ), 2009. – 195 с.
3. Кант И. Пролегомены. – Москва, 1937.
4. Мамардашвили М.К., Соловьев Э.Ю., Швырев В.С. «Классика и современность» // Философия и наука. – Москва, 1972.
5. Миголатьев А. А. Классическая немецкая философия 18-19 вв. Г. В. Ф. Гегель. – Москва, 1998.
6. Поппер К. Открытое общество. – Том 2. Время лжепророков: Гегель, Маркс и др. оракулы. – Москва, 1993.
7. Рассел Б. История западной философии. – Т.2. – Москва, 1993. – 270 с.
8. Шопенгауэр А. Афоризмы и максимы. – ЛГУ, 1991. – 273 с.
9. Шопенгауэр А. Мир как воля и представление. – Москва, 1994. – 443 с.

УДК: 174.4(567.5)

# АХЛОҚИ ТИББӢ ДАР НИЗОМИ АХЛОҚИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**РАМАЗОНИЁН А.Б.**
*Ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи*
*ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

*Абӯалӣ Ибни Сино – донишманди доиратулмаорифи тоҷик, ки илм ва маърифати моро ба арсаи ҷаҳонӣ бароварда, дар таърихи тамаддуни башар мақому мартабаи хоссаро соҳиб шудааст. Яке аз энсиклопедистони асримиёнагие буда, дар илмҳои фалсафа, табиатшиносӣ, кимиё, риёзиву нуҷум, тиб ва дигар илмҳо таълифоти бунёдӣ дошта, «ал-Қонун фи-т-тиб»-и ӯ то ҳол мавриди омӯзиши донишмандони фалсафа, ахлоқ, тиб ва дигар соҳаҳо қарор гирифтааст. Мақолаи мазкур ба масъалаҳои этикаи табобати инсон аз нигоҳи Ибни Сино дар асоси «ал-Қонун фи-т-тиб»-и ӯ бахшида шудааст. Аслан Ибни Сино ахлоқи тиббии худро дар анъана ва нуктаҳои ахлоқи Юнони Бостон, хусусан ахлоқи Арасту эъмор намуда, онро аз ду нигоҳ – пажӯҳишҳои тиббӣ ва фалсафӣ-динӣ баррасӣ намудааст. Ӯ инсонро махлуқи баргузида ва касби духтуриро муқаддас меҳисобад. Аз ин рӯ, дар низоми ахлоқии Сино инсон мартабаи хоссаеро соҳиб гаштааст. Ӯ зарур мешуморад, ки табиб бо бемор ба таври вижа муносибат карда, олитарин муносибати инсониро татбиқ менамояд, то сабаби озурдахотирӣ нагардад ва бо муносибати худ беморро болида ва шод гардонад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ибни Сино, ахлоқ, тиб, табобат, бемор, табиб.*

# МЕДИЦИНСКАЯ ЭТИКА В ЭТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ АБУАЛИ ИБН СИНО

**РАМАЗОНИЁН А.Б.**
*научный сотрудник Института философии, политологии и права*
*им. А. Баҳоваддинова НАНТ*

*Абуали Ибн Сино – таджикский ученый-энциклопедист, представивший в истории человеческой цивилизации нашу науку и знания. В мировой культуре имеет особый статус и место, является тем учёным и мыслителем, который внёс огромный вклад в философию, естествознание, химию, математику и астрономию, медицину и другие отрасли науки. Его «ал-Конун фи-т-тиб» до настоящего времени изучается философами, медиками и специалистами других направлений науки и культуры. Статья посвящается проблемам медицинской этики как части этического учения Абуали Ибн Сино на основе его «Канона врачебной науки». Ибн Сино создал свою медицинскую этику на традициях этики Древней Греции, в частности, этики Аристотеля и рассматривает ее с двух позиций – медицинской и философской. Он считает человека избранным созданием, а врачебное искусство священным делом. С этой позиции, в его этическом учении человек занимает особое место, Сино считает важным, чтобы врачеватель обращался с больным на основе высших этических норм, с тем, чтобы больной получил позитивные эмоции от лечения, а врач не стал причиной его уныния.*

***Ключевые слова:*** *Ибн Сино, этика, медицина, лечение, больной, врач.*

# MEDICAL ETHICS IN THE ETHICAL SYSTEM OF ABUALI IBN SINO

**RAMAZONIYON A.B.**
*Researcher of Institute of Philosophy, Political Science and Law*
*A. Bahovaddinova, NAST*

*Abuali Ibn Sino is a Tajik scientist - an encyclopedist who represented our science and knowledge at the world level in the history of human civilization, has a special status and place in it, is the scientist and thinker who made a huge contribution to philosophy, natural science, chemistry, mathematics and astronomy, medicine and other branches of science with his special works, his «al-Konun fi-t-tib» is still deeply studied by philosophers, physicians and specialists from other areas of science and culture. The article is devoted to the problems of medical ethics as part of the ethical*

*teachings of Abuali Ibn Sino based on his «Canon of Medical Science». Ibn Sino created his medical ethics on the traditions and foundations of the ethics of Ancient Greece, in particular the ethics of Aristotle, and considers it from two positions - medical and philosophical. He considers man a chosen creation and medical art a sacred thing. From this position, in his ethical teaching, a separate place and importance is given to a person, where Sino considers it important that the healer treats the patient on the basis of the highest ethical qualities and standards, so that the patient receives positive emotions from the treatment and the doctor does not become the cause of his despondency.*

***Key words:*** *Ibn Sino, ethics, medicine, treatment, patient, doctor.*

Ибни Сино дар илми тибби асримиёнагӣ ягона набуда, намояндаи мактаби чандинҳазорнафараи табибони Мовароуннаҳру Хуросон, назири Закариёи Розӣ мебошад, ки дар заминаҳои ақлгароиву мантиқ рушду нуму карда, аз амалҳои сеҳру ҷодугарӣ иҷтиноб намуда, бо амалия ва назарияи олии бунёдёфта дар заминаи ҷаҳонбинии илмии худ шуҳрати илми тибро ба арсаи ҷаҳонӣ расонида буданд. Ибни Сино доимо таъкид менамояд, ки тарбиятдидаи ин мактаб буда, ҳамеша дар вусъат додани он кӯшиш кардааст. Ибни Сино дар «ал-Қонун фи-т-тиб» ахлоқи табобатро аз нигоҳи тадқиқотҳои тиббӣ ва донишҳои фалсафӣ-динӣ баррасӣ намудааст:

Тадқиқоти тиббии Ибни Сино хеле сершуморанд. Вақте аз онҳо огоҳӣ пайдо намоӣ, аз мавқеи қавии илмӣ ва ақлгароёна, тафаккури мантиқии бонизоми мутафаккир дар ҳайрат мондан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки мутафаккирони назири Ибни Сино дар замони худ муҳити илмиву фарҳангии комилан илмгароёнаеро офарида буданд, ки назираш дар таърихи ватанӣ мавҷуд нест. Доиратулмаорифи тоҷик дар таҳияву густариши мафкураи илмӣ, таҳияи дастгоҳи илмии таҳқиқотӣ, истилоҳоти илмии тоҷик, созмон додани мактабҳои фикрӣ ва амалии илмӣ саҳми бевосита дошта, анъанаи мазкурро ба ниёгони худ ба мерос гузоштааст. Дар баробари ин, ӯ дар танқиди мафкураи танги ғайриилмӣ, бархӯрдҳои ғайриилмӣ нисбат ба табиату ҷамъият, омехта кардани илм бо асотиру қиссаву ривоят хеле кӯшишҳо карда, мавқеи илму ақлгароёнаи худро дар ашъору осори адабиаш инъикос намудааст.

Ибни Сино дар бахши таълифоти тиббии худ огоҳӣ ва пайвастагии табиб ба илми тиб, эҳтиром ба ҳуқуқи беморон, ба кор бурдани беҳтарин равиш, тасмимгирии табиб барои бемор, нигоҳи ҳаматарафа ба донишҳои тиббӣ, ташхиси бемор, дармон, пешгирӣ ва тавонбахширо таъкид менамояд. Ибни Сино низ дар китоби «ал-Қонун фи-т-тиб» ба ин амр бо нигоҳи жарф нигариста, дар ҷилдҳои мухталифи китоб ба ин мавзуъ, ҳамчун пойдевори асосии илми тиб пардохтааст, зеро риояи тамоми нуктаҳои усули ахлоқӣ, аз ҷумла гирифтани розигии бемор барои анҷоми коре (ҷарроҳии махсус), дар иҷро ба иллати расонидани осеб ва афзудани дарди дигаре бар дардҳои бемор, ғайриахлоқӣ номидааст. Ба таври умум, ӯ ин нуктаро ба шакли як суол низ матраҳ кардааст: Оё табибе, ки илми тибро хуб наёмӯхта ва наёзмуда, ба шарти гирифтани ризоятнома аз бемор кори ахлоқӣ анҷом додааст?

Аз нигоҳи Ибни Сино шарти аввали табобат хуб огоҳ шудан аз вазъияти бемор ва шинохти беморӣ аст, зеро ғайри ин сурат бемории аслӣ пӯшида боқӣ мемонад ва бо дармони номуносиб вазъияти бемор бадтар мешавад ва як навъе ба бемор зарар мерасад. Барои мисол Ибни Сино дар ҷилди аввали фасли 26-уми китоби «ал-Қонун» дар бораи амали тиббии «шикофтан» бар ин андеша аст: «Касе, ки андомро шикоф медиҳад, бояд, ки (оид ба) дар куҷо ҷойгир будани шараёнҳои хунгард маълумоти кофӣ дошта бошад, то хато накунад ва бахшеро набуррад, ки беморро ба марг рӯ ба рӯ созад» [2, ҷ 1, 216].

Ибни Сино доманаи илми тибро бисёр густурда медонад, ӯ дар татбиқи амалияи тиббӣ доштани донишҳои амиқу мустаҳкамро аз тарафи табиб, ҳангоми гирифтани тадбири тиббие такя ба таҷриба, дониш ва амалияи устодон кардани ҷарроҳро, муҳим мешуморад. Дар тиб ба тамоми вазъу ҳолати пешина, ҳозира ва ояндаи бемор аҳамият доданро таъкид карда гӯшзад менамояд, ки «табиб бояд дар бораи аносир, мизоҷҳо, андомҳои содаву мураккаб, руҳу равон, қувваи табиӣ, ҳайвонӣ ва нафсонӣ, кунишҳо,

ҳолатҳои тандурустӣ ва беморӣ, омилҳои муҳитӣ, маводи хӯрокаву ошомиданӣ ва дармон иттилооти комил ва тасаллути илмиву амалӣ дошта бошад ва бо таваҷҷуҳ ба иқтизои касбаш ба манзури ҳифзи беҳбудӣ ва муолиҷаи хуб, бояд бархе аз ин умурро ба танҳоӣ ба тасаввури илмии хуб дарк кунад ва ба мушоҳидаи худ чунин боварӣ пайдо кунад, ки натиҷагирии вай аз тарафи яке аз донишмандони илми тиб пазируфта шудааст ва дар бораи бархе дигар аз ин умур бояд ба василаи касби худ далеле бар вуҷуди он ҳолат дошта бошад» [2, 237].

Ибни Сино тасмимгирии духтурро бар пояи донишҳои кофӣ ва баҳрагирӣ аз таҷрибаҳо ва донишҳои дигарон медонад, ӯ комилан бар ин андеша аст, ки ба кор бурдани равиши дурусти табобат амри зарурӣ аст, бояд бемор азоб дода нашавад ва дармонҳои камхатартар тарҷеҳ дода шавад. Эшон ба табибон тавсия кардааст, ки фақат дар мавриди ногузир аз равишҳои малоловар истифода кунанд. Дар ҳамин иртибот, дар китоби «ал-Қонун фи-т-тиб» ҷилди саввум, фанни саввум дар мавриди дармони санги масона (пешобдон), ки боиси қатъи пешоб шудааст, чунин овардааст: «Агар доруҳо сангро нарезонданд ва зарурати даридан ва буридан ба миён омада бошад, бояд касе ин корро анҷом диҳад, ки ба хубӣ ҳолату чигунагии масонаро бишносад. Ин амал дар бадан боиси ранҷи зиёди бемор мешавад, аммо чора чист. Бо ин ҳама, ман ин амалро (яъне, гирифтани санги пешобдон аз тариқи ҷарроҳӣ)-ро хатари бузург медонам» [2, 84].

Ибни Сино дар ҷилди аввали китоби мазкур дар мавриди табобати саривақтӣ ва саҳлангорӣ дар мавриди саломатӣ чунин овардааст: «Дар бемориҳое, ки хатарнок аст, таъхир дар табобат, ё сабук шуморидани он омили нобудии нерӯ хоҳад буд, дар чунин вазъе набояд ором нишаст, балки бояд аз ҳамон аввал ба муолиҷаҳои қавӣ пардохт. Дар бемориҳое, ки дар онҳо бими хатар намеравад, метавон ба тадриҷ аз доруҳои сабук ба доруи қавӣ расид. Агар доруи сабук баҳрае надошт, набояд аз роҳи рост хориҷ шуд, зеро таъсир доруро ба хатар меандозад ва набояд ба роҳи нодурусте табобат карда шавад, ки зиёнанш ҷуброннопазир хоҳад буд.

Вобаста ба эҷоди ахлоқи некӯ дар кӯдакон Ибни Сино дар ҷилди аввали фасли чаҳорум чунин меоварад: «Бояд бисёр ҳушёр буд, ки дар мавриди интиқоли кӯдак ба хурдсолӣ, ахлоқу рафтори вай писандидаву муътадил гардад, барои ин набояд коре кард, ки кӯдак ба хашми зиёд, тарси зиёд, андуҳ ва шаббедории зиёд дучор шавад, то кудак аз ҳамон замони туфулият ба ахлоқу рафтори неку хӯй бигирад» [2, 43]. Ин маворид дар тибби имрӯза дар тибби кудакона аз усули инкорнопазири ахлоқӣ ба шумор меравад, ки афроди хонавода ва табибро зарур аст, ки дар муомила бо кудак ин ҳолатҳоро дар ӯ ба вуҷуд наоранд.

Ибни Сино дар мавриди бордорӣ дар фасли ҳафтуми ҷилди саввум, чунин овардааст: «Дар баъзе ҳолатҳо духтур худро ногузир мебинад, ки нагузорад зан бордор шавад ва дастури манъи бордорӣ медиҳад, масалан дар мавриди духтари камсинну сол, ки издивоҷ кардааст, агар бордор шавад, мумкин аст сари фарзанд равад» [2, 95]. Дар ин ҷо Ибни Сино пешгирӣ аз бордориро вазифаи ахлоқии табиб медонад. Дар мавриди вазифаи табиб бар болини бемор аз Ибни Сино нақл кардаанд, ки эшон бар он андеша буд, ки ҳолати руҳии табиб дар дармони бемор бисёр муассир аст, ба ин маънӣ, ки агар табиб хушҳолу хандон бошад, дар дармони бемор таъсири зиёде хоҳад гузошт [3, 9].

Нуқтаи ахлоқии дигаре, ки дар саросари китоби «ал-Қонун» мушоҳида мешавад, ин истифода аз манбаъҳои илмиву иттилооти мувассақи мухталиф бо зикри манбаъ ё номи соҳиби асар аст. Ибни Сино аз тибби Юнон, доруи Чин, Ҳинд, Миср ва Эрони бостон ба тарзи муносибе баҳра бурдааст ва дар ҳар ҷойе, ки лозим аст, аз онҳо ишора кардааст. Ба ҳамин тартиб, ӯ ганҷинаи илмии муносиберо барои баҳрабардории табибон фароҳам овардааст ва «ал-Қонун»-и ӯ марҷаи илмии тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ қарор гирифтааст.

Нуқтаи ахлоқии боризи дигар дар китоби «ал-Қонун» ин зарурати анҷоми таҳқиқотҳои гуногун бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои онҳо дар ба вуҷуд овардани дармонҳои нави беморӣ аст, дар муаррифии гиёҳои доруӣ дар ҷилди дуввуми «ал-Қонун» Ибни

Сино бар таҳқиқотҳои гуногун исрор варзида ва усулҳои зиёдеро барои истифодаи ин гиёҳҳо тавсия намудааст.

Шайхурраис ду роҳро барои шинохти таъсирбахшии дору муаррифӣ мекунад: роҳи аввал, муқоиса ва равиши дуввум, озмоиш. Ҳамин диди назари илмии Ибни Сино ба корозмоии доруҳо ва анҷоми бархе таҷрибаҳо сабаб шуда, ки Низомии Самарқандӣ гуфтааст: «Агар Ҷолинус зинда мебуд, дар баробари азамати илмии Ибни Сино таъзим мекард» [4, 156].

**Нигориши фалсафӣ.** Дар ҳамаи фарҳангҳо ва замонҳо ахлоқ дар системаи тиб вуҷуд доштаву аз ин тариқ усуле барои роҳнамоии табибон бо манзури иртибот бо бемор, ҳамкорон ва ҷомеа фароҳам шудааст [5,68]. Ҳангоми мутолиаи осори Ибни Сино ин мавзуъ комилан равшан аст, ки эшон ба бақо ва зистани нафс пас аз марг ва охират эътиқоди росих дошт ва ҳастиро хайр ва камоли маҳз медонист, ки Воҷибалвуҷуд ба он огоҳӣ дорад ва ҳеҷ чиз аз нигоҳу огоҳии ӯ пинҳон нест [1, 17]. Аз ин рӯ, дар қиболи Ҳакими мутлақ ва бандагони он аз ҷумлаи беморон эҳсоси тааҳҳуд ва масъулият мекардааст. Дар дини ислом ва Қуръони карим, ки худ тарсимкунандаи навъе равиши зиндагӣ аст, усули ахлоқии фаровоне зикр шудааст, ки Ибни Сино бо таваҷҷуҳ ба ин ки аз донишмандони аввали тиб ва фалсафаи исломӣ ба шумор меравад, ба он илтизом дошта, дар анҷоми корҳои табобатӣ, онҳоро ба кор мебурдааст [5, 97]. Вай ба иртибот байни қувваи руҳонӣ ва ҷисмонӣ боварии комил дошт ва рухро падидаи ғайримоддӣ медонист, ки ҳамзамон, бо ҷисм омезиш меёбад, аммо пас аз марг аз ҷисм ҷудо мешавад ва ба ҳаёти худ дар ҷаҳони абадӣ идома медиҳад [1, 21]. Бо ин авсоф дар баррасии дидгоҳи Ибни Сино нисбат ба ахлоқи тиббӣ, илова бар усули зикршуда дар «ал-Қонун» бояд бар усули ахлоқии ислом низ таваҷҷуҳи вижа дошт. Аз ин рӯ, Ибни Сино, ки худ аз пешгомони фалсафаи исломӣ буд, ки ахлоқ низ ҷузъе аз он ба ҳисоб меравад, мебоист дар тиб ва табобат ба усули ахлоқии ислом ва шариат пойбанд бошад, аз сӯйи дигар, тиб аз касбҳои муқаддас ва мавриди эҳтиром буда, афроде уҳдадори он мешуданд, ки ба фалсафа, ҳикмат ва илмҳои диниву адабӣ тасаллут дошта бошанд. Ибни Сино низ дар заминаҳои мухталифи фалсафаи исломӣ, ахлоқ, ҳикмат ва риёзӣ мутабаҳҳир будааст. Ӯ мабоҳиси мухталиферо дар боби инсоният, ҷомеа, дониш ва ахлоқ матраҳ кардааст. Аз назари вай мутобиқ бо фиқҳи исломӣ табиб дар баробари аъмоле, ки анҷом медиҳад, масъулияти шаръӣ ва ахлоқӣ дорад ва соҳибихтиёр нест, ки ҳар тавре ки хоҳад, бо бемор рафтор кунад.

Метавон чунин бардошт кард, ки бо иноят ва эътиқодоти эшон ба мавозин ва мабонии ахлоқӣ ва муқаддас донистани касби духтурӣ риояти мавозини ахлоқиро дар рӯёрӯй бо бемор аз шурути лозим барои табобат ҳисобидааст. Ба таври умум, «ал-Қонун фи-т-тиб» аз осоре аст, ки намунаҳои фаровоне аз мавзуъҳои инсондӯстона дар он ба чашм мерасад.

Аз мабоҳиси гуногун дар «ал-Қонун фи-т-тиб» метавон чунин бардошт кард, ки Ибни Сино дар бархӯрд бо беморон аслро бар доноӣ, огоҳӣ ва табаҳҳури табиб бар шинохту дармони беморӣ ҳифзи каромати инсон ва ба коргирии равиши шинохташуда ва озмуда, ки камтарин осебро ба бемор бирасонад, қарор додааст. Бо вуҷуди ин ки Ибни Сино дар китоби мазкур бахшеро мустақиман ба паёмҳои ахлоқӣ ихтисос надодааст, аммо эътиқоди эшон ба боварҳои динӣ, ки пизишкӣ фазилат аст ва табиб бояд маҳорату иттилооти кофӣ дар табобат дошта бошад. Бад-ин сон муҳтавои шоҳкори нобиғаи Шарқ дар тиб саршор аз тавсияҳои ахлоқӣ ва матолибест, ки инсонро меҳвари аслии фаъолиятҳои тиббӣ қарор медиҳад ва нукоти ахлоқии фаровоне ба табибон дар боби рафтор бо бемор тавсия мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. Абӯали ибни Сино. Донишномаи алоӣ. – Теҳрон, 1383 ҳ.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Қонун дар тиб. Тарҷумаи Шарафканд.– Теҳрон, 1370ҳ.
3. Наҷмободӣ М. Таърихи тиб дар Эрон пас аз Ислом. – Теҳрон, 1353ҳ.
4. Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. – Теҳрон, 1372 ҳ.
5. Williams J.R. Medical ethics in contemporary. – London, 2005.

**ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES**

**УДК: 341.123.13:32**

# МАЗМУНИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ-СИЁСӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МАФҲУМИ ОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**САЛИХОВ Р.С.**
*Унвонҷӯйи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллиф ба омӯзиши мазмун ва аломатҳои фарқкунандаи экстремизми динӣ-сиёсӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ пардохта, ба хулоса меояд, ки мазмуну моҳияти экстремизми динӣ-сиёсӣ аз мафҳуми дискриминатсия (поймолкунии ҳуқуқ, табъиз) маншаъ мегирад. Зеро яке аз намудҳои дискриминатсия ин табъизи динӣ мебошад, ки дар маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ-мазҳабии шаҳрвандон ва ё бо таври оммавӣ барангехтани бадбинӣ ва душманӣ дар байни ҷомеа дар асоси ангезаҳои динӣ зуҳур меёбад. Аммо дар сурате, ки ҳизбу ҳаракатҳои алоҳида дар асоси ангезаҳои динӣ-мазҳабӣ ба даъватҳо барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ даст зананд ва ё бевосита амалҳои зӯровариро бо ҳамин мақсадҳо содир кунанд, пас дар чунин ҳаракатҳо аломатҳои экстремизми динӣ-сиёсӣ дида мешавад. Инчунин, дар мавод мафҳуми экстремизми динӣ дар қонунгузории миллӣ, ки мазмуну моҳияти он аз ҳуқуқи байналмилалӣ сарчашма мегирад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ бештар ангезаҳои сиёсиро касб намудааст, баррасӣ гардидааст.*

***Вожаҳои калидӣ***: *экстремизм, ҳуқуқи байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, кинаву адовати динӣ-сиёсӣ, даъватҳои оммавӣ, ғасб кардан, сохти конститутсионӣ.*

# СОДЕРЖАНИЕ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ И ЕГО ПОНЯТИЕ В НАЦИОНАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ

**САЛИХОВ Р.С.**
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье автор исследует содержание и отличительные признаки религиозно-политического экстремизма в международном праве и приходит к выводу, что сущность религиозно-политического экстремизма берёт начало из понятия «дискриминация». Потому что одним из видов дискриминации является религиозная, которая проявляется в ограничении прав и религиозных свобод граждан либо в разжигании ненависти и вражды среди населения на почве религиозной неприязни. Однако, если отдельные партии и движения, исходя из религиозно-сектантских мотивов, выступают с призывами к насильственному изменению конституционного строя и узурпации государственной власти либо непосредственно совершают насильственные действия с этими целями, то в данных деействиях усматривается религиозно-политический экстремизм. Кроме того, рассмотренно понятие религиозного экстремизма в законодательстве РТ, содержание и сущность которого берёт своё начало из международного права, и в условиях глобализации политически мотивировано.*

***Ключевые слова:*** *экстремизм, международное право, национальное законодательство, религиозно-политическая ненависть, массовые призывы, насильственный захват, конституционное устройство.*

# THE CONTENT OF RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM IN INTERNATIONAL LAW AND ITS CONCEPT IN NATIONAL LEGISLATION

**SALIKHOV R.S.**
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*In this article, the author examines the content and distinctive features of religious and political extremism in international law and comes to the conclusion that the essence of religious and political extremism originates from the concept discrimination.*

*Because one types of discrimination is religious which is manifested in the restriction of rights and religious freedoms of citizens or in the incitement of hatred and enmity among the population on the basis of religious hostility.*

*However, if individual parties and movements based on religious and sectarian motives, make calls to a violent change in the constitutional order and the usurpation of state power, or directly commit violent acts with these goals, then religious and political extremism is seen in these actions.*

*In addition, the concept of religious extremism in the legislation of the Republic of Tajikistan, the content and essence of which originates from international law, is considered and in the context of globalization is politically motivated.*

***Key words:*** *extremism, international law, national legislation, religious and political hatred, mass appeals, forcible seizure, constitutional order.*

Новобаста ба он, ки экстремизм аз умқи таърих андеша ва амалҳои хушунатомезро дар асоси ангезаҳои динӣ-мазҳабӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ ва сиёсӣ дар бар дорад, оид ба мафҳум ва характери он аввалин маротиба миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX дар Қатъномаи №49/60 Маҷмаи Умумии СММ аз 9-уми декабри соли 1994 ҳамчун манбаи пайдоиши терроризм ва таҳдид ба сулҳу амнияти байналмилалӣ ишора мегардад [9].

Зикр кардан зарур аст, ки мафҳуми умумиэътирофшудаи экстремизм айни замон дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуд нест ва мазмуну моҳияти он дар радифи истилоҳи «дискриминатсия» («табъиз») дарку эҳсос мегардад.

Мафҳуми дискриминатсия дар қ.1 моддаи 1 Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ (Ню-Йорк, 7-уми марти 1966) чунин баён ёфтааст: «Ҳама гуна табъиз, радкунӣ, маҳдудкунӣ ё афзалият додан вобаста ба нажод, ранги пӯст, миллат ё нажод бо мақсади нобуд кардан ё коҳиш додани эътироф, баҳрабардорӣ ё ҳамзамон, вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании инсон манъ аст» [7].

Азбаски вобаста ба ҳифз кардани эътиқодҳои динӣ дар Конвенсияи номбурда муқаррароти мушаххас мавҷуд набуд, ҷомеаи ҷаҳонӣ Эъломия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод»-ро бо Қарори Маҷмаи Умумии СММ аз 25-уми ноябри соли 1981 № 36 қабул кард, ки дар он мафҳуми «таҳаммулнопазирӣ ва табъиз (дискриминатсия) бар асоси дин ё эътиқод» чунин зикр гардид: «Ҳама гуна тафовут, истисно, маҳдудият ё бартарият» истисно карда мешавад, ки «ба дин ё эътиқод асос ёфтааст ва ҳадафи он аз байн бурдан ё кам кардани эътибор ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мебошад» [3].

Дар Эъломияи СММ «Дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ» аз соли 1963 [3] ва Қатъномаи № 66/3, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ 22-юми сентябри соли 2011 бо номи «Якҷоя алайҳи нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, бегонаситезӣ ва ғайра» [10] қабул шудааст, калимаи «табъиз» (дискриминатсия) ҳамчун мафҳуми калидӣ баромад мекунад, ки сазовори эътирофи умум аст.

Дар Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ» (Қатъномаи № 2106 Маҷмаи Умумии СММ аз 21-уми декабри соли 1965) унсурҳои асосии ифротгароии муосир, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии инсон ва ҳамагуна нақзи ҳуқуқвайронкуниҳо, радкунӣ, инчунин таҳқири шаъну шарафи дигарон аз рӯйи нажод, ранги пӯст, мансубияти миллӣ, этникӣ ва динӣ, ки принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалкиро вайрон мекунанд, маҳкум карда мешавад [6].

Яке аз санадҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқовимат ба ифротгароии динӣ-мазҳабӣ «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» мебошад, ки дар иҷлосияи сеюми Маҷмаи Умумии СММ бо Қатъномаи 217 А(III) аз 10-уми декабри соли 1948 қабул шудааст. Дар қисми асосии Эъломияи мазкур омадааст, ки «Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар намуди ҳуқуқ ва озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад» (сархати 1 м. 2).

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории милии кишвари мо ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои дар Эъломияи болозикр муқарраршуда, ба шаҳрвандони мамлакат тибқи талаботи қисми 1 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешаванд.

Конвенсия «Оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ» аз 4-уми ноябри соли 1950 [4], ки дар раванди инкишофи «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» қабул шудааст, дар моддаи 9-уми худ ҳуқуқ ба озодии фикр, виҷдон ва динро эълом дошта, ба давлатҳо ваколат дода шудааст, ки маҳдудияти озодии фикр, виҷдон ва динро бо мақсади таъмини амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи ҷамъият ё ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар муайян намоянд [1].

Чунин муқаррарот минбаъд дар Муоҳидаи байналмилалӣ «Оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» (Ню-Йорк, 19-уми декабри соли 1966) [7] низ инкишоф дода шуданд. Аз ҷумла, дар қ. 2 м. 20 Муоҳидаи байналмилалӣ омадааст, ки ҳама гуна баромад ба ҷонибдории кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, ки ба табъиз, адоват ё зӯроварӣ таҳрик медиҳад, бояд бо қонун манъ карда шавад.

Маврид ба зикр аст, ки чунин меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми 5 моддаи 8 Конститутсияи ҶТ, ки таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ мекунад, муқаррар карда шудааст.

Мафҳуми ҳуқуқии байналмилалии ифротгароӣ бори аввал дар банди 3 қисми 1 моддаи 1 Конвенсияи Шанхай «Оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ» (Шанхай, 15 июни 2001) дар шакли зерин сабт шудааст: «экстремизм» – ҳама гуна кирдоре, ки ба ғасби маҷбурии ҳокимият ё бо зӯрӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин ба таври маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, инчунин таҷовузи маҷбурӣ ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкили дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ барои мақсадҳои дар боло зикршуда равонаанд, фаҳмида мешавад» [12]. Дуруст аст, ки олимон чунин санадҳоро ба ҳуқуқи байналмилалии минтақавӣ нисбат медиҳанд, зеро онҳо муносибатҳои ҷамъиятии дорои аҳамияти минтақавиро бо назардошти манфиатҳои умумӣ дар соҳаи таъмини амнияти ҷаҳон, инсоният, бидуни халалдор кардани манфиатҳои миллии ҳар як давлат танзим мекунанд.

Мутобиқи банди 2 қисми 1 моддаи 1 Конвенсияи нави Созмони ҳамкории Шанхай «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 9-уми июни соли 2017, ки бо қарори Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 21-уми феврали соли 2018, №1002 ба тасвиб расидааст, мафҳуми «ифротгароӣ» чунин баён ёфтааст: «Идеология ва амалҳое мебошад, ки барои ҳалли низоъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ нигаронида шудааст». Яъне, ин мафҳум моҳияти асосии ифротгароии муосирро бо назардошти хусусиятҳои маъмурии ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии он бо таври умумӣ дар бар мегирад. Инчунин, экстремизмро ҳамчун идеология ва амал эътироф менамояд, ки мо поёнтар оид ба мазмуну мухтавои онҳо ибрози андеша менамоем.

Қонуни намунавӣ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (минбаъд – Қонуни намунавӣ), ки дар ҷаласаи сию дуюми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардид, дар моддаи 1 мафҳуми ифротгароиро чунин тавсиф додааст: «таҷовуз ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин поймол кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ки бо роҳи рад

кардан ва ё вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва (ё) дигар қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ вайрон карда мешавад».

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба ифротгароӣ» аз 2-юми январи соли 2020, № 1655 мафҳуми «экстремизм» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда мешавад», қариб ба монанди Қонуни намунавӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар ҳамин радиф, дарк намудани мафҳуми экстремизм дар доираи Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [8] тақозои замон мебошад, зеро мазмуну моҳияти меъёрҳои он барои қонунгузории миллӣ хусусияти тавсиявӣ ва роҳнамоӣ доранд.

Моддаи 187 Кодекси намунавӣ (мутаносиб ба моддаи 189 КҶ ҶТ) сарчашмаи асосии муайян кардани номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар низоми ҳуқуқии қариб ҳамаи кишварҳои ИДМ аломатҳои таркиби ҷиноятро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои кирдорҳое, ки бо мақсади барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ва динӣ содир карда шудаанд, пайдо кардан мумкин аст.

Дар банди «е» қисми 1 моддаи 63 Кодекси намунавӣ бошад, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи кирдори ҷиноятӣ, ангезаҳои экстремистӣ муқаррар карда шудаанд, ки дар банди «е» қисми 1 моддаи 62 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин инъикос ёфтаанд: «содир намудани ҷиноят бо сабаби адовати маҳалгароӣ, миллӣ, нажодӣ ё динӣ, таассуби динӣ, қассосгирӣ барои амалҳои қонунии шахсони дигар, инчунин бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар ё сабук кардани содиршавии он».

Ба андешаи мо, ибораи аз ҳама афзалиятнок дар банди «д»-и қисми 1 моддаи 54 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ва банди «е» қисми 2 моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия мавҷуд аст, ки омадааст: «содир намудани ҷиноят бо ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, кинаю адоват ё хусумати нажодӣ, миллӣ ё мазҳабӣ, ё бо ангезаи кина ё адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ». Зеро дар ин меъёрҳо ангезаҳои экстремистӣ холис аз дигар ангезаҳои ба он марбут набуда, таҷассум ёфтаанд, ки бешубҳа хусусияти экстремистии ҷиноятҳои дахлдорро бе ягон ҷузъиёти нолозим инъикос мекунад.

Дар Кодекси намунавӣ ангезаи кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ ҳамчун аломати вазнинкунандаи чунин ҷиноятҳо, аз қабили куштор (банди «м» қисми 2 моддаи 111); расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (банди «м» қисми 2 моддаи 119); расонидани зарари миёна ба саломатӣ (банди «д», қисми 2, моддаи 120); шиканҷа (банди «г», қисми 2, моддаи 126); таҳқир кардани ҷасади мурдагон ва ҷойи дафни онҳо (қисми 2 моддаи 239); қасдан несту нобуд кардани молу мулки бегона (банди «г» қисми 2 моддаи 252) дарҷ гардидаанд.

Қариб чунин ангезаҳои ифротӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар як қатор моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (куштор (банди «м» қисми 2 моддаи 104); қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (банди «м» қисми 2 моддаи 110); қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (банди «д» қисми 2 моддаи 111); шиканҷа (банди «з» қисми 2 моддаи 117); терроризм (банди «в» қисми 2 моддаи 179); таҳқири ҷасади мурдагон ва ҷойи дафни онҳо (банди «б» қисми 2 моддаи 243); генотсид (қисми 1 моддаи 398) инъикос ёфтаанд.

Инчунин, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои хусусияти экстремистидошта дар моддаҳои мухталиф ҷойгузин мебошанд. Аз ҷумла, дар диспозитсияи моддаи $307^2$ КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, моддаҳои 157 (Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ), 158 (Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), 160 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 188 (Бетартибиҳои оммавӣ), 189 (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ)), 237 (Авбошӣ), $237^1$ (Вандализм), 242 (Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо) марбут дониста шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки моддаҳои 307 КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон); 307[1] КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)); 307[2] КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ)); 307[3] КҶ ҶТ (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ); 307[4] КҶ ҶТ (Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта) низ маҳз бо мақсади пешгирӣ намудани ифротгароии динӣ-мазҳабӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгузин мебошанд.

Бо назардоштаи талаботи банди «е» моддаи 62 КҶ ҶТ дилхоҳ ҷиноятe, ки дар диспозитсия ва ё аломатҳои вазнинкунандаи онҳо ангезаҳои экстремистӣ ҳамчун аломатҳои таркиби ҷиноят мустақар гардидаанд, бояд ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф карда шаванд. Азбаски ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлоли давлатӣ асосан дар асоси ангезаҳои динӣ-сиёсӣ содир карда мешаванд, талаботи моддаҳои номбурда барои тамоми намудҳои экстремизм (динӣ, сиёсӣ, миллӣ, нажодӣ) якранг татбиқ карда мешаванд, зеро ангезаҳои номбурда қариб дар ҳама давру замон дар ҳамгироӣ зуҳур меёбанд. Масалан, ҲНИ новобаста ба он, ки дар асоси ангезаҳои динӣ арзи вуҷуд дошт, ҳадафи асо сии он бо роҳи зӯроварӣ ба сари қудрат омадан буд, яъне ангезаҳои динӣ-сиёсӣ дошт.

Мақомоти қонунгузор дар банди 2 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мафҳуми фаъолияти экстремистиро ҳамчун фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд, маънидод кардааст [5], ки бо таври нисбатан мушаххастар мазмуну аломатҳои фаъолияти экстремистиро дар доираи моддаҳои болозикри КҶ ҶТ дар бар мегирад.

Бинобар ба объектҳои гуногун равона гардидани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта онҳо кирдорҳои хавфноки ҷамъиятие эътироф карда мешаванд, ки дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва сулҳу амнияти байналмилалӣ равона буда, дар содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои дар моддаҳои 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237[1], 242, 243, 307, 307[1], 307[2], 307[3], 307[4,] 398 КҶ ҶТ пешбинишуда зуҳур меёбанд.

Мутаассифона, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» номгӯйи мушаххаси ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи дар боло ишорашуда, нишон дода нашуда, ба ҷойи ин дар доираи мафҳумҳои «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф мешаванд» аломату нишонаҳои тахминии онҳо дарку эҳсос мешаванд.

Мақомоти қонунгузор дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» зери мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта, кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкорона, ки дар асоси хусуматҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) содир шуда, барои он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, эътироф менамояд.

Аз ин ҷост, ки бо мақсади дар зинаҳои аввал пешгирӣ намудани тафаккури экстремистӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа дар Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон **моддаи 374 (Тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон)** ворид карда шудааст, ки қисми 1-уми он чунин ифода ёфтааст: «Барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардан, нигоҳ

доштан, ворид кардан, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопӣ, ки дорои маълумот ва маводи таблиғотиву ташвиқотии **зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, таблиғи бераҳмӣ, зӯроварӣ ва фиску фуҷур, ҳимояи терроризм ва экстремизм, паҳн кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ**, инчунин намоиши маҳсулоти видео ва синамо, ки дар онҳо фиску фуҷур таблиғ мешавад, инчунин дигар маҳсулоти чопии манъшуда, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ...».

Дар моддаи 462[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон **барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст, ки** тибқи талаботи он шахсони воқеӣ агар аъзои фаъоли ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ набошанд ва дар давоми сол як маротиба амалҳои онҳо барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шуда бошанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, содир шуда бошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (як нишондиҳанда айни замон 64 сомонӣ) ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад (КҶ ҶТ аз 17.12.2020, №1726).

Дар асоси маводи баррасигардида, хулоса ва пешниҳодоти зеринро мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Мафҳуми экстремизми динӣ-сиёсиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ дар доираи ангезаҳои динӣ ва сиёсӣ дарк намудан имконпазир аст. Ҷавҳари асосии экстремизми динӣ-сиёсиро маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон вобаста ба эътиқодҳои динӣ ва ё сиёсии онҳо, бо таври оммавӣ паст задани шаъну шарафи намояндагони дигар дину мазҳабҳо ва ё намояндагони дигар ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, барангехтани бадбинӣ ва душманӣ дар асоси ангезаҳои динӣ-сиёсӣ, инчунин ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо таври зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ, тағйир додани тамомияти арзии давлат ва ё содир кардани дигар кирдорҳои хусусияти зӯроваронадошата (одамкушӣ, қасдан расонидани зарари ҷисмонии дараҷаҳои гуногун, авбошӣ, бетартибиҳои оммавӣ ва ғ.) дар асоси чунин ангезаҳо ташкил медиҳанд.

2. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми умумиэътирофшудаи экстремизм мавҷуд набуда, мазмуну моҳияти он дар меҳвари истилоҳи дискриминатсия дарку эҳсос карда мешавад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи минтақавӣ (Созмони Ҳамкории Шанхай, ИДМ) мафҳуми экстремизм (фаъолияти экстремистӣ) маҷмуи кирдорҳои ҷиноятиеро дар бар мегирад, ки дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ содир карда шуда, барои барангехтани бадбинӣ ва душманӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва бо роҳи бо таври зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ, тағйир додани тамомияти арзии давлат равона мебошанд.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосҳои ҳуқуқии конунгузории миллӣ дар самти муқовимат ба экстремизми динӣ-сиёсӣ маҳсуб ёфта, аломатҳои бунёдии он (ангезаҳои экстремистӣ) дар моддаҳои 5, 8, 7, 14, 30 Конститутсия таҷассум ёфтаанд.

4. Тибқи талаботи банди «е» моддаи 62 КҶ ҶТ дилхоҳ ҷиноятҳои дар диспозитсия ва аломатҳои вазнинкунандаи онҳо пешбинигардидаи ангезаҳои экстремистӣ (барангехтани бадбинӣ ва душманӣ аз рӯйи ангезаҳои динӣ-мазҳабӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ, маҳалгароӣ ва сиёсӣ) маҳаки асосии муайян намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф карда мешаванд. Чунин мавқеъ аз талаботи санадҳои меъёрии байналмилалӣ, Қонуни намунавии давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва Кодекси намунавии давлатҳои аъзои ИДМ низ бармеояд.

5. Экстремизми муосир (фаъолияти экстремистӣ) маҷмуи кирдорҳои дорои табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ (м.м. 374, 462.1) ва ҳуқуқӣ-чиноятӣ (м.м. 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237[1], 242, 243, 307, 307[1], 307[2], 307[3], 307[4], 398)-ро дар бар мегирад.

## АДАБИЁТ:


1. Борисов, С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения: дис. д-ра. юрид. наук: 12.00.08 / С.В. Борисов. – Москва, 2012. – 109 с.

2. Декларация о ликвидации всех форм нетерпимости и дискриминации на основе религии или убеждений Принята резолюцией 36/55 Генеральной Ассамблеи от 25 ноября 1981. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.un.org/ru/documents//-declarations/ relintol.shtml (санаи муроҷиат: 09.10.2017).

3. Декларация Организации Объединенных Наций о ликвидации всех форм расовой дискриминации. Принята Резолюцией № 1904 (XVIII) Генеральной Ассамблеи ООН от 20 ноября 1963. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.un.org/ru documents/ decl_ conv/ declarations/r18_1904.shtml (санаи муроҷиат: 17.08.2017).

4. Конвенция о защите прав человека и основных свобод (Рим, 4 ноября 1950 г.) ETS N 005. С изменениями и дополнениями от 21 сентября 1970 г., 20 декабря 1971, 1 января, 6 ноября 1990, 11 мая 1994, 13 мая 2004. // [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://base. garant.ru/2540800/#ixzz4vNZC9CGv (санаи муроҷиат: 13.10.2017).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 02-юми январи соли 2020, №1655 // Ҷумҳурият: нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=39276 (санаи муроҷиат: 08.01.2020).

6. Международная конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации. Принята Резолюцией №2106 (XX) Генеральной Ассамблеи от 21.12.1965. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/raceconv.shtml (санаи муроҷиат: 17.08.2017).

7. Международный пакт о гражданских и политических правах. Принят резолюцией 2200 A (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml (санаи муроҷиат: 11.10.2017).

8. Модельный Уголовный кодекс для государств-участников СНГ (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ 17 февраля 1996) // Приложение к Информационному бюллетеню Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. 1997. – №10.

9. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН № 49/60 от 9 декабря 1994 «Меры по ликвидации международного терроризма». [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/768/21/PDF/ N9576821 (санаи муроҷиат: 17.08.2017).

10. Резолюция № 66/3, принятая Генеральной Ассамблеей ООН 22 сентября 2011. «Вместе против расизма, расовой дискриминации, ксенофобии и связанной с ними нетерпимости». [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/-UNDOC/GEN/N11/459/pdf (санаи муроҷиат: 17.08.2017).

11. Ҳайдарзода, М.П. Пайдоиш ва мукаммалгардонии мафҳуми фаъолияти экстремистӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 3 (43). – 76 с.

Шанхайская Конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом (Шанхай, 15 июня 2001г.) // Собрание законодательства Российской Федерации, 2003. – №41. – Ст. 3947.

УДК: 343.98:32

# ХАВФИ ҶАМЪИЯТИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ПАЁМАДҲОИ ДАҲШАТБОРИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**ҲАЙДАРЗОДА М.П.**

*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ*

*Дар мақола бо пайдарҳамии хосса хавфи ҷамъиятии экстремизм ва оқибатҳои даҳшатбори он дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ ба хулосае меояд, ки кирдорҳои ҷинояткоронаи одамон аз рӯйи ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ ва динӣ аз давраҳои хеле қадим мавҷуд будааст, аммо дар ибтидои асри XX онҳо бо истилоҳи «радикализм» ва баъдтар «экстремизм» шинохта шудаанд. Бар замми ин, дар таҳқиқот аз соли 1990 то инҷониб муқовимати оштинопазири мақомоти давлатӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб таҳлил карда шуда, хатарҳои он бо пайдарҳамии хосса нишон дода шудаанд. Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодааш ба хулосае меояд, ки идеяҳои манфури экстремистонро танҳо бо роҳи ғояҳои муқтадиртари созанда бартараф кардан манфиатпазиртар аст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *экстремизм, фаъолияти экстремистӣ, ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ташкилоти экстремистӣ, хавфи экстремизм, идеологияи экстремистӣ.*

# ОБЩЕСТВЕННАЯ ОПАСНОСТЬ ЭКСТРЕМИЗМА И ЕГО ТЯЖКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ

**ХАЙДАРЗОДА М.П.**

*Доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук*

*В статье последовательно исследуется общественная опасность экстремизма и его ужасающие последствия в современности. Основываясь на точках зрения отечественных и зарубежных учёных и достоверных историко-правовых источниках, автор делает вывод о том, что преступные деяния людей по национальным, расовым, политическим и религиозным мотивам существовали с древних времен, но лишь в начале XX в. такие действия получили название «радикализм», а позже «экстремизм». Кроме того, в исследовании проанализирована бескомпромиссная борьба органов государственной власти этим нежелательным явлением, начиная с 1990 г. по настоящее время, последовательно показана опасность данного деяния. В результате своего анализа исследователь приходит к выводу о том, что ликвидировать радикальные идеи экстремистов возможно только за счёт более сильных конструктивных идей.*

***Ключевые слова:*** *экстремизм, экстремистская деятельность, преступления экстремистского характера, экстремистская организация, опасность экстремизма, экстремистская идеология.*

# THE PUBLIC DANGER OF EXTREMISM AND ITS TERRIBLE CONSEQUENCES IN MODERN TIMES

**HAYDARZODA M.P.**

*Associate professor of the department of administrative law and administrative activities of the faculty no.2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tatarstan, candidate of legal sciences*

*The article consistently examines the social danger of extremism and its horrific consequences in modern times. Based on the points of view of domestic and foreign scientists and reliable historical and legal sources, the author concludes that the criminal acts of people for*

*national, racial, political and religious motives have existed since ancient times, but only at the beginning of the 20th century such actions were called «radicalism», and later «extremism». In addition, the study analyzed the uncompromising struggle of state authorities against this undesirable phenomenon from 1990 to the present, consistently showing the danger of this act. As a result of his research, the researcher comes to the conclusion that it is possible to eliminate the hated ideas of extremists only through stronger constructive ideas.*

***Key words:*** *extremism, extremist activity, extremist crimes, extremist organization, danger of extremism, extremist ideology.*

Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳанд, ки кирдорҳои ба кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ алоқаманд аз давраҳои хеле қадим сарчашма мегиранд. Бо вуҷуди ин, онҳо дар ибтидои асри XX бо номи дар аввал «радикализм» ва баъдтар «экстремизм» шинохта шуда, ҳамчун як падидаи иҷтимоию сиёсӣ эътироф карда шудаанд.

Имрӯз экстремизм ҳудуди давлатҳои алоҳидаро рахна сохта, боиси эҷод намудани хатарҳои глобалӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон гардид. Таблиғоти идеологияи экстремистӣ дар тамоми манотиқи дунё боиси ба вуқуъ пайвастани амалҳои бераҳмонаи ҷиноятӣ ва задухӯрдҳои мусаллаҳона дар як қатор давлатҳои ба мо маълум гардид. Аз ин лиҳоз, ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк намудааст, ки фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ва террористии байналмилалӣ барои инсоният хатари бузург дорад.

Бо назардошти ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки «...пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз тамоми роҳу воситаҳо, хусусан аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Душманони миллат ва маблағгузорони хориҷии онҳо бошанд, то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашида, то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд». Барои ҳамин Ҷаноби Олӣ «...фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастиро яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа маънидод карда, оқибатҳои даҳшатбори онро ҳатто аз аслиҳаи ҳастаӣ бузургтар маънидод кардааст.

Зеро созмонҳои экстремистию террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд, сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд [7].

Аз ҷумла, афзоиши бемайлони содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, шомилшавии теъдоди зиёди ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, иштироки ғайриқонунии шумораи зиёди шаҳрвандони мо дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар, содир гардидани амали мудҳиши террористӣ нисбат ба сайёҳхони хориҷӣ дар шоҳроҳи ноҳияи Данғара (19-уми июли соли 2018) ва ҳуҷуми мусаллаҳонаи аъзои ташкилоти экстремистӣ-террористии ба номи «Давлати исломӣ» ба дидбонгоҳи Қӯшунҳои сарҳадии «Ишқобод»-и ноҳияи Рӯдакӣ (6-уми ноябри соли 2019) [5], далели гуфтаҳои боло буда, аз хавфи калони кирдорҳои номбурда шаҳодат медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, дар шароити шиддатёбии манфиатҳои геополитикии мамлакатҳои алоҳидаи минтақа, зуҳуроти экстремистӣ дар заминаи ангезаҳои динӣ-сиёсӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ шуд, ки он аз соли 1992 то 1997 давом дошт. Дар ин давра дар Тоҷикистон

мухолифатҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, зиддиятҳои сиёсӣ барои ҳокимият, ихтилофҳои ҳизбу ҳаракатҳо, маҳалгароӣ, бахусус ба гурӯҳҳои экстремистӣ табдил ёфтани мухолифини ҳукумат, кишварро ба гирдоби фалокатбори ҷанги шаҳрвандӣ кашид. Дар он солҳо дар ҳудуди кишварамон даҳҳо гурӯҳҳои калони устувору муташаккили ҷиноятӣ амал мекард ва боз ҷандин гурӯҳҳои хурди ҷиноятии дигар пайдо шуда буданд, ки даст ба кирдорҳои экстремистиву террористӣ мезаданд [6, 43-44].

Бояд қайд намуд, ки баъди нисбатан ба субот омадани вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ, шуруъ аз соли 1997-1998, дар ҷумҳурӣ тадриҷан таъсири ҳизби исломии тундгароии «Ҳизб-ут-Таҳрир» густариш ёфт [9], ки яке аз шохаҳои ташкилоти динии «Ихвон-ул-муслимин» мебошад. Мақсади асосии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар байни мусулмонони сокини кишварҳои сохти давлатиашон гуногун паҳн намудани ғояи ташкили давлати исломии навъи «Хилофат» бо мақсади муттаҳидшавии баъдии ин мамлакатҳо ва дар сайёра ташкил кардани давлати ягонаи муқтадири теократӣ (исломӣ) мебошад, ки тибқи қонунҳои шариат арзи ҳастӣ хоҳад кард [3, 35-39; 5, 64-65].

Солҳои 1999-2002 дар ҷумҳурӣ даҳҳо парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба садҳо нафар роҳбарону аъзои «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидоштаро содир карда буданд, оғоз карда шуда, аз онҳо миқдори зиёди китобу маҷалла ва варақаҳои фарогири ғояи ин ҳизб пайдо ва мусодира карда шуд. Экспертизаҳои судии адабию сиёсӣ ва судии таърихиву ҳуқуқшиносӣ оид ба ин маводи чопӣ гузаронидашуда нишон доданд, ки адабиёти мусодирагардида исломи сиёсиро таблиғ карда, барои ангехтани таассуб мусоидат менамояд ва ба саркашии шаҳрвандӣ, сарнагункунии сохти конститутсионӣ ва таъсиси давлати исломӣ (Хилофат) даъват мекунад [1,15].

Бо дарназардошти хавфнокии ин зуҳуроти номатлуб, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябри соли 1999, таҳти № 845 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва 8-уми декабри соли 2003, таҳти № 69 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)»-ро имзо кард, ки дар он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, инчунин системаи субъектони амаликунандаи мубориза бо экстремизм ва терроризм дар қаламрави давлат муайян карда шудаанд.

Ҳамин тавр, пас аз қабули қонуни зиддиэкстремистӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ то як муддат муътадил гардид ва барои ҳамин баъзе муҳаққиқон давраи солҳои 2003-2010-ро давраи нисбатан осудаи ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ меҳисобанд [8, 42-43].

Новобаста ба он ки дар ин солҳо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи «пурсарусадо» содир нашуданд, ба ҳар ҳол, хатари муқобилияти идеологии гурӯҳҳои экстремистии динӣ аён буд. Дар робита ба ин, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунандаи ҷумҳурӣ пайгирона чораҳои қатъиро ҷиҳати мубориза бо экстремизм ба амал баровард. Масалан, бо Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2001 фаъолияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» ғайриқонунӣ ва аз 11-уми марти соли 2008 ташкилоти мазкур ҳамчун экстремистӣ эътироф карда шуд [9]. Ҳамчунин, бо Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои зерин экстремистию террористӣ دониста шуданд: «Ал-Қоида»; «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ»; «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»); «Ҳаракати Толибон»; «Ихвон-ул-муслимин»; «Лашкари Таййиба»; «Гурӯҳи исломӣ» («Ҷамъияти исломии Покистон»); «Ҷамъияти Таблиғ»; Ташкилоти динию таблиғотии «Созмони таблиғот» («Даъвати исломӣ»); «Тоҷикистони озод»; «Гурӯҳи 24»; «Давлати исломӣ» (ДИИШ), «Ҷабҳат-ун-Нусра», Ҳизби наҳзати ислом ва Паймони миллии Тоҷикистон.

Пас аз ғайриқонунӣ донистани «Ҳизб-ут-Таҳрир» пуштибонони ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ ҳамзамон ба инкишоф додани равияи нави динию экстремистии «Салафия» пардохтанд, ки мақсади он ҳам ташкили давлати муқтадири ягона – «Хилофат» дар асоси қонунҳои шариат буд.

Бинобар ин, 8-уми январи соли 2009 Ҳалномаи навбатии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ғайриқонунӣ донистани равияи динии «Салафия» қабул гардид ва 8-уми декабри соли 2014 ин равия экстремистӣ эътироф карда шуд [2, 89].

Аз сабаби он ки баъзе аз роҳбарону намояндагони Ҳизби наҳзати ислом бо мақсади халалдор намудани асосҳои сохти конститутсионӣ даст ба кирдорҳои экстремистию террористӣ заданд, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур гардид, то фаъолияти онро низ 29-уми сентябри соли 2015 бо Ҳалномаи навбатии худ манъ намояд. Дар баробари ин, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳалномаи худ аз 15-уми августи соли 2019 фаъолияти ташкилоти «Паймони миллии Тоҷикистон»-ро манъ кард [2].

Ҳамин тавр, қонуни зиддиэкстремистии қаблан амалкунанда то соли 2020 ва қонуни зиддитеррористӣ бошад, то соли 2021 амал карда, тамоми муносибатҳои ҷамъиятии ба ин зуҳуротҳои номатлуб алоқамандро танзим менамуданд.

Бо сабаби тағйирёбӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин тағйирёбии сиёсати зиддиэкстремистию террористӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории зиддиэкстремистӣ, бо супориши Пешвои миллат қонунҳои дар боло зикршуда дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шудаанд. Чунончи, 2-юми январи соли 2020, таҳти № 1655 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» қабул карда шуда, пас аз гузаштан як сол, яъне, рӯзи 23-юми декабри соли 2021, таҳти 1808 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» қабул карда шуд.

Новобаста аз қабули қонунҳои зикршуда ва манъи ташкилотҳои хусусияти экстремистию террористӣ, дар ҳудуди мамлакат ҳамоно баъзе аз намояндагони онҳо ба таври пинҳонию ошкоро фаъолияти муғризона дошта, исломи сиёсиро тарғиб менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, гуфтан мумкин аст, ки дар замони муосир гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ зери пардаи дини ислом баромад намуда, аркони ҳамидаи онро доғдор намудаанд. Аз ҷумла, Давлати ба ном исломии Ироқу Шом (ДИИШ), ҷунбиши толибони Афғонистон дар ҳудудҳои зери итоат даровардаашон нисбат ба асирон, гаравгонҳо ва афроди мулкӣ ҷазоҳои бераҳмона татбиқ намуда, фаъолияти ҷинояткоронаи онҳо ба фарҳангу маънавиёт ва арзишҳои ҳамидаи дини ислом ҳеҷ иртиботе надоранд ва танҳо дар асоси омӯзиши амиқи мазмуну моҳияти исломи ҳақиқӣ ва мероси маънавӣ-фарҳангии он метавон ба идеология ва амалҳои ташкилоти экстремистӣ-террористӣ муқовимат намуд.

Дар ҳамин радиф, гуфтан мумкин аст, ки суиистифода аз идеологияи хурофотпарастӣ, ифротгароиву таассуб, ба тарзи сунъӣ сиёсӣ намудани ислом ва инфрасохтори ғоявии он дарояндаи наздик бузургтарин хавф барои таъмини амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва мадании ҷомеаи Тоҷикистон шуда метавонад ва ин хавф дар марҳилаи кунунӣ даҳҳо маротиба сангинтар аз солҳои 90-уми асри гузашта мебошад, зеро агар дар он замон идеологияи фундаменталистӣ як қисмати мамлакатро фаро мегирифт, дар шароити имрӯза мавзеи паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва хурофотпарастӣ, қисмати бештари кишварро фарогир аст.

Ҳамин тавр, ҳомиёни ташкилотҳои эктремистию террористии динӣ аз солҳои 90-уми қарни гузашта сар карда, то имрӯз исломи сиёсиро дар минтақа ва бахусус дар Тоҷикистон, паҳн карда истодаанд, ки тайи солҳои охир афзоиши зуҳуроти кирдорҳои онҳо боиси нигаронии асосноки ҷомеа гардида, воқеан ба суботи сохти давлатӣ таҳдид менамояд.

Бо назардошти ин, зарур аст, ки мо бар зидди чунин гурӯҳҳои экстремистӣ аз тамоми қишрҳои ҷомеа, истифода карда, ба онҳо бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, хусусан шабакаҳои Интернет муқовимати идеологӣ намоем ва ғояҳои муғризонаи онҳоро танҳо бо роҳи ғояҳои муқтадиртари созанда бартараф намоем.

## АДАБИЁТ:

1. Генеральная прокуратура Республики Таджикистан. Хизб-ут-Тахрир. Политико-правовая характеристика. – Худжанд: ООО «Хуросон», – 2002. – 75 с.

2. Маҷидзода Ҷ.З., Назаров Н. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ: дастури таълимӣ-методӣ / Ҷ.З. Маҷидзода, Н. Назаров. – Душанбе: «Дақиқӣ», 2014. – 192 с. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://sud.tj/markazi-matbuot/khabarho/284/?sphrase_id=4716· (санаи мурочиат: 22.08.2023).

3. Мухаббатов К.М. Реакционная политика «Хизб-ут-Тахрир»: монография / К.М. Мухаббатов. – Душанбе, 2010. – 268 с.

4. Мухаббатов К.М. Социально-политические факторы образования религиозно-политической организации «Хизб-ут-Тахрир» и ее реакционная сущность: по материалам Таджикистана: дис. канд. полит. наук: 23.00 / Курбонали Мухаббатович Мухаббатов. – Душанбе, 2004. – 174 с.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2019 // [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 22.08.2023).

6. Розиқзода А.Ш. Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризм / терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015.

7. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «ADLIA»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Ҳайдарзода М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С. / М.П. Ҳайдарзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 212 с.

9. Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми марти соли 2008 «Дар бораи ташкилоти экстремистӣ эътироф гардидани «Ҳизб-ут-Таҳрир» // [Сарчашмаи электронӣ] URL:www//sudioli.tj/ru/glavnoe/33-9-10-2015.html (санаи муроҷиат: 22.08.2023).

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

**Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:**

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14, поля должны быть 2,5 см, а расстояние между текстами должно быть 1, 5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи должны быть пронумерованы и иметь поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 списков научной литературы). Список используемой литературы должен быть подготовлен на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи должны быть указаны сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

**Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:**

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№4 (6), 2023**

---

Маркази табъу нашри
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli23@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 70x108/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 7,5, чузъи чопии шартӣ 6,7.
Барои чоп 21.10.2023 имзо шудааст. Фармоиши № 56